*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 138 - 141 (4721 - 4724) | ҶУМЪА, 17 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН





**Шонздаҳуми ноябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯро ва ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Ҷумҳурии Қирғизистон сафар карданд.**

Зимни сафар Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**16-уми ноябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сафари корӣ барои иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯро ва ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Бишкек Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро муовини Раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қиғизистон, Котиби генералии Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар шахсони расмӣ самимӣ истиқбол гирифтанд.

**16-уми ноябри соли равон дар ҳошияи ҷаласаи Шӯро ва ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Бишкек Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко мулоқоти хоса анҷом доданд.**

Зимни суҳбат ҷонибҳо аз раванди ҳамкории судманди байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, аз ҷумла дар доираи Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Бо назардошти аҳамият ва нақши муколамаи доимии байнидавлатӣ, раванди имрӯзаи густариши ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Россия ба рӯҳияи шарикии стратегӣ мувофиқ арзёбӣ гардид.

Дар баробари ин, бештар фаъол гардонидани ҳамкории дуҷониба дар самтҳои афзалиятноки тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ муҳим дониста шуд.

Ҳамчунин, бо изҳори қаноатмандӣ аз тавсеаи робитаҳои байнипарламентӣ, ҷонибҳо фаъолияти назарраси Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллӣ ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, инчунин, натиҷаҳои татбиқи босамари қарорҳои онро ба хотири манфиатҳои мардуми ҳар ду кишвар таъкид намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, №7, мод. 398; с. 2006, №3, мод. 141; с. 2007, №5, мод. 350, №7, мод. 652; с. 2008, №12, қ. 1, мод. 981; с. 2009, №5, мод. 314; с. 2011, №3, мод. 150, №6, мод. 428; с. 2012, №8, мод. 810; с. 2013, №7, мод. 497, мод. 498, №12, мод. 876; с. 2014, №3, мод. 139, №12, мод. 820; с. 2016, №3, мод. 125; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 267; с. 2019, №6, мод. 308; с. 2020, №12, мод. 897; с. 2021, №1-2, мод. 2; с. 2022, №12, қ. 1, мод. 756) қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Барои иҷрои уҳдадориҳои алоҳидаи мансабӣ, ки ихтисоси муайянро талаб мекунанд, бо назардошти талаботи дигари дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда, мутахассисони дигар низ, ки дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ намебошанд, ба кор қабул карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1983**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 61 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №405**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 октябри соли 2023, № 1068**

## ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Шонздаҳуми ноябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид.**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода зимни суханронии ифтитоҳӣ иброз намуд, ки давраи навини қонунгузории кишвар, маҳз аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Дастоварди муҳиму беназири иҷлосияи мазкур интихоб намудани роҳбарияти нави сиёсии мамлакат таҳти сарварии шахсияти далеру шуҷоъ ва сарсупурдаи Ватан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ба шарофати ҳидоят ва роҳнамоию ҷоннисориҳои бевоситаи Ӯ мо ба ҳаёти осоиштаю созандагӣ расидем.





- Хизматҳои шоёни муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тағйироти нави бунёдкорию созандагӣ, аз ҷумла, бунёди неругоҳҳои барқӣ, бунёди роҳу нақбҳо, бедору баланд гардонидани ифтихори миллӣ, вусъат бахшидан ба вазъи таълиму тарбия ва тандурустӣ ҷойгоҳи махсус доранд, ки дар таърихи навини тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, тавсия ва ҳидоятҳои ин Абармарди нотакрор ҳамчун роҳнамо дар пешрафти ҳаёти ҷомеа ҳазорсолаҳо хизмат хоҳад кард, - иброз намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода зикр намуд, ки барои расидан ба вазифаҳои баланди давлатӣ аксари давлатмардон мактабҳои олии сиёсию академияҳои дипломатиро хатм мекарданд ва муҳимтар аз ҳама, таҷрибаи ғании кори роҳбарӣ меандӯхтанд, аммо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вақте ки соли 1992 Раиси Шӯрои Олӣ ва баъди ду соли дигар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд, ин марҳилаҳоро тай накарда буданд. Бо вуҷуди ин, таърих бори амонати нигаҳдории давлати навтаъсиси тоҷиконро бар дӯши ин ҷавонмарди ориёиталъат вогузор намуд, то хиради аҷдодиро ба озмоиш бинишонад ва нишон диҳад, ки хирадмандӣ ҳунарест ба маротиб волотар аз он чӣ, ки дар донишгоҳҳо ва академияҳои маъруф фаро гирифта мешавад. Ин Абармарди хирадпеша ҳунармандона аз ин санҷиши таърихӣ гузашт ва Тоҷикистонро ба сарманзили оштӣ ва ваҳдати миллӣ расонид.

Дар ҳақиқат, дар таърихи миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик марде аз табори хираду андеша бо шуҷоати тамом ва бо нияти хайру хидматгузорона ба по хест, то дар ҳимоя бо соири ватанпарастони дигаре аз ҳамин табор дар лаҳзаҳои тақдирсози миллат нақши мондагор ва абадии хешро гузорад. Ин Абармарди сиёсатмадор, марди хираду андеша Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода таъкид намуд, ки таҷлили Рӯзи Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаротар аз эҳтиром гузоштан ба ин мансаби олӣ буда, ҳамчун иди миллӣ ва санаи муҳими таърихи миллат ҷашн гирифта мешавад. Чунин арҷ гузоштани мардум ба ин сана мазмуни хос дорад ва он аз арзишҳои меҳварии ҳамин сана бармеояд. Пешвои миллат вақте зимоми давлатдориро ба даст гирифт, кишвар дар оташи ҷанг месӯхт ва ба гирдоби нобудӣ фурӯ мерафт. Дар он лаҳзаҳо Роҳбари давлат фақат як мақсад дошт: ҳар чӣ зудтар хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, раҳоии давлат аз вартаи нобудӣ ва ба ҳам овардани миллати пароканда.

- Он замон ягонагии сарзамини Тоҷикистон зери хатари ҷиддӣ қарор дошт. Нақшаҳои тақсими давлат аз ҷониби баъзе сиёсатмадорон ва қувваҳои сиёсии дохилӣ бо дастури нишондодҳои хоҷагони хориҷиашон тарҳрезӣ шуда буданд. Хушбахтона, ба шарофати иродаи қавии Сарвари давлат ин хатарҳо бартараф гардида, миллат муттаҳид ва ягонагии Тоҷикистон таъмин карда шуд. Тоҷикистони соҳибистиқлол дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ соҳиби сохтори мукаммали идорӣ, ҳукумати ҷадид, парлумони касбӣ, Артиши миллӣ, ниҳодҳои босалоҳияти қудратию амниятӣ ва дигар рукну абзорҳои зарурии давлатдорӣ гашт, - ёдовар шуд Рустам Латифзода.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Мавсума Муинӣ зикр намуд, ки маҳбубтарин шахсият дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо – дӯстдори хурду бузург, пиру барно, мардуми бурунмарзию бумӣ, воқеан як нафари арзандаю шоиста, хуршедсимою бовиқор, сарбаланду ҷавонмард ва хирадманду дурандеш - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд ва инро миллионҳо нафар одамони касбу кори гуногун бо шодмонӣ тасдиқ менамоянд, зеро таърих бо воқеаҳои сарнавиштсози худ собит намуд, ки интихоби Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдан ба маснади Президенти мамлакат як падидаи барҷастаи ояндасоз мебошад. Пешрафтҳои азиме, ки дар ин марҳила дар кишвари соҳибистиқлоламон ба вуҷуд омадаанд, ба сират ва неруи созандаи Сарвари хирадманду тавоно пайванд мегирад.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Фазлиддин Икромӣ дар хусуси корнома ва муҳимтарин тасмимҳои Пешвои миллат ҳамчун сиёсатмадори барҷаста аз назари таҳқиқ ва хулосаҳои коршиносон ёдовар шуда, зикр намуд,ки хотима бахшидан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳу ваҳдат, оромӣ ва субот дар ҷомеаи имрӯз, тақвияти пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, барқарорсозии ниҳодҳои ҳукумат, шохаҳои ҳокимияти сиёсӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қонуният, адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат,ислоҳоти конститутсионӣ, низоми ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол, иқдом ва ташаббус дар самти эҷод ва қабули қонунҳои нави миллӣ, иқдом ва ташаббусҳо дар самти ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ (глобалӣ) оид ба об, дипломатияи об ва ҷонибдории он аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташаббус дар ҳалли қазияи Афғонистон, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, аз байн рафтани маҳдудиятҳо дар таъминоти барқ, таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати ватанӣ, таҳкими ғоя ва андешаи миллӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, эҳёи мерос ва суннатҳои таърихию фарҳангӣ, поягузории сиёсати муваффақонаи хориҷӣ, муаррифии шоистаи Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ, ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои ҷаҳон бар пояи баробарӣ ва ғайра аз фаъолияти пурсамар ва назарраси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ медиҳанд.

- Имрӯз ҷаҳониён Тоҷикистонро чун кишвари соҳибтамаддун ва соҳибфарҳанг ва дорои таърихи куҳан ва миллати тоҷикро тавассути ташаббусҳо ва хизматҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун миллати эҷодкору созанда мешиносанд. Дар шароити кунунӣ ташаббусҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ибтикори инсонгароёна ва ифодагари ниёзҳои башарият аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ истиқболи самимӣ пайдо намуд. Маҳз, бо ташаббусҳои шоистаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлолияти давлатӣ оину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар тӯли асрҳо ваҳдати маънавии мардумро ҳифз мекарданд, эҳё гардиданд, - дар охир зикр кард мушовири калони муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Марҳабо Азимӣ.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# САФАРИ КОРИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН







(Идома аз саҳ. 1)

**16-уми ноябри соли 2023 дар ҳошияи ҷаласаи Шӯро ва ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Бишкек, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 85-умин солгарди таъсисёбии Жогорку Кенеш - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Зимни суханронӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр намуданд, ки дар тӯли фаъолияташ парламенти Қирғизистон роҳи арзишманди рушдро тай намуда, дар ташаккул ва таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвари худ саҳми назаррас гузоштааст.

Дар баробари ҳуқуқэҷодкунӣ, парламенти Қирғизистон дар муайянсозии роҳҳои рушди минбаъдаи демократияи намояндагӣ, ташаккули заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ барои гузаронидани ислоҳот фаъолона иштирок намуда, дар таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр нақши муассир дорад.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкории васеъ бо ҳамаи кишварҳои дӯст буда, дар ин асос барои густариши муколамаи байнипарлумонӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон дар заминаи ҳамкории анъанавии дӯстона, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикии байни кишварҳо, ҳавасманд мебошад.

Дар конференсия, ҳамчунин, роҳбарони ҳайатҳои парламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва намояндагони созмонҳои байниминтақавӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

**16-уми ноябри соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҷаласаи навбатии Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок намуданд.**

Ҷаласаи Шӯро таҳти раёсати Раиси Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко доир гардида, дар кори он роҳбарони ҳайатҳои парламентии ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Озарбойҷон ва Ӯзбекистон ширкат доштанд.

Тибқи рӯзнома, аъзои Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил масъалаҳоро дар хусуси Раиси Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, оид ба натиҷаҳои раёсати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дар бораи такмилдиҳии танзими ҳуқуқии фаъолияти контртеррорӣ ва зиддиэкстремистӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, доир ба баланд бардоштани устувории низоми тандурустӣ ҷиҳати




ноил шудан ба фарогирии умумӣ бо хизматрасонии тандурустӣ, инчунин, дигар масъалаҳоро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Бо натиҷагирӣ аз кори ҷаласаи Шӯро қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**Ҳабдаҳуми ноябри соли 2023 дар ҳошияи ҷаласаи пленарии 56-уми Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Бишкек Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Конфронси байналмилалӣ бахшида ба 95-солагии Нависандаи халқии Қирғизистон Чингиз Айтматов иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар кори конфронс роҳбарон ва аъзои ҳайати парламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва доираҳои адабӣ иштирок доштанд.

Вобаста ба фаъолияти пурмаҳсул ва эҷодиёти пурғановати нависандаи барҷастаи қирғиз – драматург, сенарист ва публитсисти боистеъдод Чингиз Айтматов ибрози андеша карда, муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр намуданд, ки мероси бадеии Чингиз Айтматов дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон бинобар мавҷудияти ормонҳои баланд ва арзишҳои абадӣ қадр карда мешавад.

Зикр гардид, ки Чингиз Айтматов дар Тоҷикистон на танҳо ҳамчун нависанда, балки ҳамчун шахсияти дорои хислатҳои баланди ахлоқӣ маъруф буда, ӯ барои таҳкими дӯстии байни халқҳои тоҷик ва қирғиз кӯшиши зиёд ба харҷ додааст. Дӯстии самимии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ва Нависандаи халқии Қирғизистон Чингиз Айтматов ибратомез буда, он дар таҳкими муносибатҳои адабию фарҳангӣ байни ҳар ду кишвар мавқеи хос дорад.

Дар ҷараёни конфронс ба меҳмонон филми мустанад оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Чингиз Айтматов ва саҳнаҳои театрикунонидашудаи асарҳои ӯ намоиш дода шуд.

**17-уми ноябри соли 2023 дар доираи ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Бишкек Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев мулоқот намуданд.**



Дар оғоз ҷонибҳо аз тавсеаи муколамаи байни роҳбарони палатаҳои болоии парламентҳои ҳар ду кишвар, ки хусусияти мунтазамро касб намудааст, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки соли ҷорӣ раванди густариши муносибатҳои дуҷониба идома дода шуд.

Зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон, ки моҳи майи соли равон сурат гирифт, миёни ҳар ду давлат Эъломияи ҳамкории ҳампаймонӣ ба имзо расид, ки аз сатҳу муҳтавои баланди ҳамкории дуҷониба гувоҳӣ медиҳад.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо оид ба вазъ ва дурнамои таҳкими ҳамкории ҳар ду кишвар дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла тақвияти минбаъдаи робитаҳои байнипарламентӣ ибрози назар карданд.

**17-уми ноябри соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар кори ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар кори ҷаласа роҳбарон ва аъзои ҳайати парламентии Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия низ иштирок доштанд.

Зимни суханронӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нахуст аз пазироии гарми кишвари мизбон изҳори сипос намуданд.

Сипас, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар доираи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа оид ба нақши забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил андешаҳои худро иброз карданд.

Зикр карда шуд, ки бо назардошти аҳамияти муассири забони русӣ, пеш аз ҳама дар рушди илм, техника ва маориф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯхтани он имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст.

Дар идомаи кори ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба масъалаҳои дигари рӯзнома мубодилаи афкор сурат гирифта, қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

www.majmilli.tj



# ПАЁМИ ТАБРИКОТИИ

## Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**16-уми ноябри соли 2023**

**Ҳамдиёрони азиз!**

Ин Рӯзи таърихӣ, бешубҳа, барои миллати тоҷик муқаддас буда, тавассути он мо эҳтиром ва арҷгузории бесобиқаи худро ба Президенти маҳбуби кишвар баён месозам.

Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёд ва таҳкими сулҳу субот, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии арзандаи сокинони кишвар ҳамчун асари мондагор дар саҳифаҳои таърихи миллати тамаддунофари тоҷик бо ҳарфҳои заррин нақш бастааст.

Бо ниятҳои нек кулли мардуми шарифи кишвари азизамонро ба ифтихори Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муборакбод намуда, ба хонадони ҳар як сокини мамлакат хушбахтӣ, файзу баракат ва некуаҳволӣ, инчунин, ба Сарвари маҳбубамон тансиҳатӣ ва дар идомаи амалисозии рисолати бузурги давлатдориашон нерую бурдбориҳои нав таманно дорам.

www.majmilli.tj

# АФСОНАИ ҲУЗНАНГЕЗ ВА ҲАҚИҚАТИ ГУВОРОИ «РОҒУН»

(Идома аз шумораи гузашта)

Дар ҳамоиш ду муроҷиатнома қабул гардид. Муроҷиатномаи аввал ба номи мардум дар соли 2012 аст ва дар кӯзаи оҳанӣ гузошта шудааст. Онро баъди 25 сол бояд мекушоданд. Муроҷиатномаи дуюм ба унвони муассисаю корхонаҳои ҳамҷавор аст, ки дар қаламрави СССР воқеъ буданд. Дар он омадааст, ки ҳама бояд тамоми уҳдадориҳои худро аз рӯи эстафетаи коргарӣ дар муҳлаташ ба ҷо оранд, то боргоҳи нури Роғун дар вақти муқарраршуда ба кор сар кунад.

Расо соати 12 ба осмон мушак паронда шуд ва механизаторон, ки дар соҳили дигари дарёи Вахш ба ин ишора интизор буданд, ба кор сар карданд. Даҳҳо мошини вазнинбор дар як вақт ба Вахш «ҳуҷум» оварданд. Онҳо пайи ҳам ба маҷрои дарё сангу хок ва саддҳои бетонии вазнинро рехтанд ва пеши маҷрои дарё баста шуд...

Мутаассифона, баъд аз барҳам хӯрдани СССР ва ба сари халқи тоҷик таҳмил шудани ҷанги бародаркуш дигар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба гӯшаи фаромӯшӣ рафт ва тӯли гузашти солҳо аксар иншооти он корношоям шуданд ва минбаъд масъалаи аз нав бунёд намудани ҳамаи онҳо пайдо гардид. Бар замми ин, моҳи майи соли 1993 дар натиҷаи як обхезии шадид сарбанди нотамоми неругоҳ шуста шуд ва аксари иншооти қариб омодагардидаи зеризаминӣ, аз ҷумла толори мошинҳо ва толори трансформаторҳо аз лойқа ва сангу шағал пур шуд.

Аслан, манъ шудани бунёди Неругоҳи барқӣ обии «Роғун» барвақттар аз суқути СССР, вобаста ба ҳадафҳои геополитикӣ, ба вуқӯъ пайваст. Ба ҳама маълум буд, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» сохтмони хеле дурандешона тарҳрезишуда, манфиатбахш ва аз ҷиҳати техникию экологӣ безарар аст. Ҳамаи мо шоҳид ва мутмаинем, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ гидроэнергетика соҳаи хеле омӯхташуда, мутараққӣ ва пешоҳанг буд. Неругоҳҳое, ки дар ин овон сохта шудаанд, инак 50-60 сол боз пойбарҷо буда, ба мардум манфиат мебахшанд. Роғун ҳам аз зумраи онҳост ва дигар шудани сохти ҷомеа, агар ду-се соли дигар мавқуф мемонду он бунёд меёфт, аллакай фоидаи фаровон овардаю ба мардуми тамоми минтақа манфиат мебахшид. Агар НБО «Роғун» бунёд меёфт, имрӯз дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ норасоии неруи барқ тақрибан эҳсос намешуд ва баҳсҳо барои об пайдо намегардиданд, вале, ба хотири он ки Тоҷикистон соҳиби чунин неругоҳи тақдирсоз нашавад, мухолифат ва душманиҳо хеле барвақт дар ин бора оғоз ёфта буданд. Бадхоҳони мо барвақт ба НБО «Роғун» часпиданд, чунки ин воситаи хеле муҳими зиён расондан ба рушду тараққии кишвари мо буд.

Нақшаи суқути Иттиҳоди Шӯравӣ,



тавре маълум гардид, хеле барвақт аз овони амалӣ шудани он тарҳрезӣ шуда будааст ва ҳам дар Москва ва ҳам дар қаламрави баъзе кишварҳои ҳамсоя нақшаҳои махфии аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ фарсуда намудани кишварҳои хурд, аз ҷумла Тоҷикистон, зина ба зина амалӣ карда мешуд. Бояд қоил шуд, ки онҳо тавонистанд як қадаре ба ин ноил гарданд. Пеш аз ҳама, омилҳои дохилӣ маккорона истифода бурда мешуд. Журналист ва муҳаққиқ Нуралӣ Давлат менависад: «Замоне ки масъалаи паст кардани сатҳи сарбанди НБО «Роғун» ва ё умуман насохтани ин неругоҳи барқи обиро равшанфикрони тоҷик нахуст дар матбуоти Москва ва сипас дар Тоҷикистон бардоштанд, хеле кам нафароне дар ҷумҳурии мо дарк мекарданд, ки баъди се ё чор соли он Иттиҳоди Шӯравӣ суқут мекунад».

Ин эътироз махсусан аз ҷониби донишҷӯёну аспирантони тоҷик дар Москва ҳамовозии густурда пайдо намуд. Чун онҳо дар пойтахти Давлати Шӯравӣ мезистанд, медиданд, ки мардум аксаран сиёсатзада шуда буд ва тамоми масъалаҳои муҳими ҷомеа дар воситаҳои ахбори омма ва дар суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо намояндагони масъули давлатӣ ба таври ошкор баррасӣ мешуданд.

Дар шаҳри Москва тоҷикон ибтидои соли 1989 ҷамъияти фарҳангӣ бо номи «Суғдиён» таъсис доданд ва дар яке аз нахустин чорабиниҳо баҳори ҳамон сол роҳбари Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамовро даъват намуда, масъалаи сохтмони НБО «Роғун»- ро зери шубҳа гузоштанд. Роҳбарони ҷамъият ба ин мулоқот доктори илмҳои геология ва минералогия Павел Флоренскийро, ки бо Тоҷикистон хуб шиносоӣ дошт, даъват намуданд. Бобои ӯ, ки мисли худаш Павел Флоренский ном дошт, аз олимони маъруфи рус буд, ки дар солҳои таъқиби сталинӣ ба қатл расид. Гуфта наметавонам, ки рост буд ё дурӯғ, аммо матбуоти Москва навишта буд, ки «агар Флоренский ба марг маҳкум намегашт, нахустин шуда дар ҷаҳон бомбаи атомӣ месохт».

... Дар он вохӯрӣ ба Қаҳҳор Маҳкамов Павел Флоренский харитаеро нишон дод, ки тавассути радифи маснуъии замин аз фазо аксбардорӣ шуда буд. Ӯ иддао кард, ки НБО «Роғун» дар минтақаи заминҷунбӣ ҷойгир аст ва то соли 2000 дар он ҷо заминҷунбии сахт мешавад, бинобар ин, сохтани чунин неругоҳ бо ин баландӣ дар чунин мавзеъ хатар дорад.

Қаҳҳор Маҳкамов ҳарчанд такрор ба такрор иброз медошт, ки мо сатҳи сарбанди НБО «Роғун»- ро хеле поён мефарорем, вале ҳозирин гапашро гӯш кардан намехостанд.

Барои он ки садои эътирозашон пуртаъсир шавад, роҳбарони «Суғдиён» тавассути Павел Флоренский ба ин мубориза Борис Елтсинро, ки он вақт дар Россия шуҳрати беандоза дошт, ҷалб карданд ва охири моҳи августи соли 1989 ӯро ба Тоҷикистон оварданд. Азбаски равобити Елтсин бо президент Горбачёв хеле бад буд, Маҳкамов ӯро на дар фурудгоҳ пешвоз гирифту на ҳамроҳаш мулоқот кард. Елтсин, ки шахси кинагир буд, аз ин рафтори роҳбари Тоҷикистон сахт ранҷид. Шояд ин кори Маҳкамов сабаб гардид, ки расо баъд аз ду сол, зери фишори тазоҳургароне, ки Елтсинро падари демократияи шӯравӣ мехонданд, Маҳкамов ба истеъфо рафт. Ҳарчанд ки Президенти Тоҷикистон дар миёни ҳамтоҳои худ аз дигар ҷумҳуриҳо танҳо нафаре набуд, ки ГКЧП-и моҳи августи соли 1991-ро ҷонибдорӣ кардааст.

…Борис Елтсин дар ин сафараш аз НБО «Роғун» ва ҳамчунин, НБО «Сангтӯда» дидан кард. Дар натичаи ин сафар Елтсин барои сохтмони НБО «Роғун» барои солҳои наздик садди чинӣ гузошт. Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот қатъ гардид, аммо дар ин ҳангомае, ки атрофи НБО «Роғун» равшанфикрони тоҷик шурӯъ карда буданд, касе савол намедод, ки чаро масъала ҳамин айём ба миён омад? Аниқ аст, ки ин идеяро ба равшанфикрони мо бегонаҳо, ба хотири бо дасти худамон моро аз бунёди ин иншооти бузург маҳрум кардан, дода буданд.

Тавре мебинем, ин ҳангома аввал аз худи марказ бархоста буд ва дар он шояд ташаббуси ягон ҷумҳурии ҳамсояи мо ҳам бошад. Бо ин «ташаббусҳо» ҳатто онҳо тавонистанд шахсияти хеле ҷиддӣ Борис Елтсинро низ ба бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» муқобил гузоранд. Диққат диҳед, собиқ сардори сохтмон Н. Савченков дар яке аз мусоҳибаҳояш чӣ мегӯяд: «Ёд дорам замонеро, ки Борис Николаевич Елтсин барои боздиди неругоҳ ба Роғун омад. Елтсин, ки кори сохтмонро хуб медонист, ҳамроҳи мо аз тамоми қисматҳои сохтмон боздид кард ва аз дидани он ба ваҷд омада буд. Вақте ки шом дар толор бо ширкати 400 нафар масъалаи сохтмон баррасӣ мешуд, танҳо як суол матраҳ шуд: мо садди неругоҳро бо баландии 335 метр бунёд бикунем ё не? Б. Н. Елтсин ҷаласаро бо ин суханон ҷамъбаст кард: «Танҳо каси ноқисулақл аз бунёди ин гуна иншооти пурманфиат худдорӣ мекунад. Ин бузургтарин неругоҳи пуриқтидор ва каммасраф хоҳад буд. Неругоҳ ҳатман бояд дар ҳамин сад сохта шавад.».

Вале рӯзи дигар Б.Н. Елтсин аз ин гуфтаҳои худ пурра даст мекашад. Олими маъруфи тоҷик, академик Ю. Носиров, ки иштирокчии ин ҳодисаҳо буд, дар мақолааш «Елтсин дар Помир чӣ гуфт?» менависад: «Дар Фурудгоҳи шаҳри Душанбе Б.Н.Елтсини аз назарҳо афтодаро шахсони расмӣ не, як гурӯҳ демократмаобони мухолифрӯҳия пешвоз гирифта, ӯро мустақиман ба ноҳияи Нуробод (собиқ Комсомолобод) ба минтақаи баҳри ояндаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» раҳнамоӣ намуданд. Дар ин ҷо бо тайёрии пешакӣ зери чанори муҳташами ноҳия ба муқобили сохтмони неругоҳ митинги эътирозӣ ташкил намуда буданд.

– Рафиқон! Маълум мешавад, ки шумо ҷонибдори қатъ намудани сохтмони неругоҳ ҳастед, ба ҳозирин муроҷиат намуд Борис Елтсин. – Ҳамин тавр?

– Бале, бале! - шунида шуд садои тӯдаи ҷамъомада.

– Пас ман ҳамчун раиси «Госстрой»-и ИҶШС бо ҳамин қалам ба фармони боздоштани сохтмони НБО «Роғун» ва қатъ намудани маблағгузории он имзо мегузорам...», - гуфт ӯ, ки чанде қабл изҳор намуда буд, ки танҳо каси ноқисулақл аз бунёди ин гуна иншооти пурманфиат худдорӣ мекунад…



**(Идома дорад).**

**Нозир ЁДГОРӢ, нависанда**

# МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ҚОНУН ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИРО БАРОИ СОЛИ 2024 ҚАБУЛ КАРД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар раванди таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатӣ афзалиятҳои дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироагардида, тавсия ва пешниҳодҳои шумо, вакилони муҳтарам, баҳодиҳии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, сатҳи таваррум, дурнамои қурби асъори миллӣ, нақшаи сармоягузориҳои давлатӣ, иҷрои воқеии нишондиҳандаҳои даромади буҷетии солҳои қаблӣ ва баҳодиҳии он то охири соли ҷорӣ, инчунин меъёрҳои кодексҳои андозу гумрук ба инобат гирифта шудаанд. Вобаста ба ин, қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани он 28 - уми октябри соли 2023 таҳти №499 қабул гардид.

Дар ин раванд, мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба тафсилоти бештари лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026 ҷалб намоям.

Бо дарназардошти дар ҳаҷми 143,9 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидани дурнамои Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар барои соли оянда (8,0 фоиз рушди воқеӣ) даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар ҳаҷми 43 млрд. сомонӣ бо афзоиши 5,9 млрд. сомонӣ ё 15,9 фоиз ба нақша гирифта шуд. Ҳаҷми даромади Буҷети давлатӣ ба 29,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар барои соли оянда баробар аст. Дар сохтори қисми умумии даромади буҷети давлатӣ даромадҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои андозӣ дар ҳаҷми 26,3 млрд. сомонӣ бо афзоиши 3,3 млрд. сомонӣ ё баробар ба 18,3 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) - и соли 2024 пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, ҳаҷми воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайриандозӣ дар ҳаҷми 1,8 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳангоми банақшагирии даромади буҷет бо мақсади пешгирӣ намудани хавфи фискалӣ ва таъсири омилҳои беруна ба воридоти даромадҳои дохилӣ аҳамияти муҳим дода шуд. Дар ин робита, нақшаи воридоти андозҳои дохилӣ тавассути мақомоти андоз дар ҳаҷми 18,9 млрд. сомонӣ муқаррар гардидааст. Пардохтҳои гумрукӣ дар ҳаҷми 8,4 млрд. сомонӣ бо афзоиши 113,8 фоиз муайян гардида, вазни қиёсии он дар ММД 5,9 фоизро ташкил дод.

Даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2024 ба маблағи 4476,4 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, ташаккули он аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 4445,6 млн. сомонӣ ва мусоидати молиявӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 30,8 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон, хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барорбар ба даромади он, яъне дар ҳаҷми 4476,4 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, мутобиқи моддаи 14 лоиҳаи қонуни мазкур тасдиқ карда мешавад.

Дар лоиҳа воридоти маблағҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар ҳаҷми 792 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2024 дар ҳаҷми 17,1 млрд. сомонӣ, қисми хароҷоти он дар ҳаҷми 18,2 млрд. сомонӣ ва касри он дар ҳаҷми 1,1 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 12,3 млрд. сомонӣ муайян гардидааст, ки он нисбат ба соли 2023 дар ҳаҷми 1,4 млрд. сомонӣ ё 12,7 фоиз зиёд мебошад.

Бо дарназардошти ташаккули нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатӣ қисми хароҷоти он дар асоси афзалиятҳои муайяннамудаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои соҳавӣ, афзалиятҳои соҳавии вазорату идораҳо, дархости дигар сохторҳои давлатии аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия ва пешбинӣ гардидааст. Дар ин робита, дурнамои қисми хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 44,1 млрд. сомонӣ бо афзоиши 6 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он ба 30,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад. Хароҷот аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ дар ҳаҷми 30,3 млрд. сомонӣ бо афзоиши 14,1 фоиз, аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 11,4 млрд. сомонӣ бо афзоиши 22,8 фоиз ва аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 2,4 млрд. сомонӣ бо афзоиши 6,9 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Бо дарназардошти хароҷоти соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ равона намудани 20,8 млрд. сомонӣ ё 47,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ, аз ҷумла барои соҳаи маориф 8,2 млрд. сомонӣ бо афзоиши 14,2 фоиз, тандурустӣ 1,2 млрд. сомонӣ бо афзоиши 5,6 фоиз, ҳифзи иҷтимоӣ 5,5 млрд. сомонӣ бо афзоиши 13 фоиз ва фарҳангу варзиш 1,7 млрд. сомонӣ бо афзоиши 14,9 фоиз пешбинӣ карда шуд. Ҳамчунин, барои рушди соҳаҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва кишоварзӣ низ афзалият дода шуда, барои маблағгузории комплекси сӯзишворию энергетикӣ 8,1 млрд. сомонӣ, кишоварзӣ 1,4 млрд. сомонӣ, саноат ва сохтмон 309,3 млн. сомонӣ ва нақлиёту коммуникатсия 3,5 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Маҷмӯан, барои соҳаҳои зикршуда, дар буҷети давлатӣ барои соли 2024-ум 13,5 млрд. сомонӣ бо афзоиши 2,6 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин 30,7 фоизи хароҷоти умумии буҷетро ташкил дода, ба 9,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Барои пардохти музди меҳнати кормандони буҷетӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ хароҷот дар ҳаҷми 9,6 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ин 31,6 фоизи хароҷоти ҷории буҷетиро ташкил медиҳад.

Барои сармоягузории асосии мутамарказ дар соли 2024 маблағ дар ҳаҷми 4,9 млрд. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 593,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Маҷмӯан, бояд қайд кард, ки дар лоиҳа, маблағгузории дигар моддаҳои хароҷотии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва бо дарназардошти афзалиятҳои соҳавӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо таваҷҷуҳ ба муҳимияти иҷрои уҳдадориҳои молиявии кишвар ва дар сатҳи мӯътадил нигоҳ доштани идоракунии қарзи давлатӣ ва хизматрасонӣ аз рӯйи онҳо, дар лоиҳаи буҷет маблағҳои зарурӣ низ пешбинӣ шудааст.

Дурнамои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 дар ҳаҷми 3,7 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Барои хизматрасонии қарзи дохилӣ 501,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети давлатӣ 180,8 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои берун аз тавозуни буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 320,4 млн. сомонӣ, яъне аз ҳисоби фурӯши амволи бонкҳои муфлисшуда ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади таъмини мувозинати буҷетӣ касри он дар доираи 0,8 фоиз ё ба маблағи 1 миллиарду 152 миллион сомонӣ муайян гардидааст. Пӯшонидани касри буҷет аз ҳисоби ҷалби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар ҳаҷми умумии 664,5 млн. сомонӣ, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 100 млн. сомонӣ, иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 150 млн. сомонӣ, аз ҳисоби ба муомилот баровардани векселҳои давлатӣ дар ҳаҷми 100 млн. сомонӣ ва дигар манбаъҳо ба нақша гирифта шудааст.

Нишондиҳандаҳои қисми даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2026 нишондиҳандаҳои дурнамоӣ буда, ҳангоми пешниҳоди лоиҳаҳои қонун барои солҳои дахлдор аз нав барои баррасӣ ва тасдиқ пешниҳод карда мешаванд. Дар ин раванд, ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ барои соли 2025 ба маблағи 48,7 млрд. сомонӣ ва дар соли 2026-ум 54,6 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ дар соли 2025 ба маблағи 50,3 млрд. сомонӣ ва дар соли 2026 дар доираи 56,4 млрд. сомонӣ ва мутаносибан касри он ба андози 1,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади иҷрои муқаррароти моддаи 25 лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки Ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 аз рӯйи даромад ба маблағи 36,1 млрд. сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 34,8 млрд. сомонӣ бо барзиёдии даромад нисбат ба хароҷот ба маблағи 1280,7 млн. сомонӣ ва хароҷоти воқеии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 барои уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1,5 млрд. сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Муҳтарам Раис, ҳозирини арҷманд!**

Бо дарназардошти дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» аз шумо, муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо дастгирӣ ва қабул намоед.

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Қурбонзода Маҳмадалӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 - уми декабри соли 2022 таҳти №106-ф ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» таҳия гардидааст.

Боиси тазаккур аст, ки бо дарназардошти дар сатҳи 8 фоиз рушд ёфтани иқтисоди миллӣ ва дар ҳаҷми 143,9 млрд. сомонӣ ташаккул ёфтани дурнамои Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2024 даромади Буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар ҳаҷми 43 млрд. сомонӣ бо афзоиши 5,9 млрд. сомонӣ ё 15,9 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки дархостҳои буҷетии вазорату идораҳо аз рӯйи имкониятҳои молиявии кишвар ба инобат гирифта шудаанд.

Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2024 – 2026 барои амалӣ намудани муҳимтарин ҳадафҳои кишвар, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ, ҳамзамон зиёд намудани иқтидорҳои содиротӣ, саноатикунонии босуръат ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз молҳои воридотӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва амнияти кишвар, тавсеаи имкониятҳои транзитии ҷумҳурӣ, инчунин дар сатҳи тавсияшуда таъмин намудани устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, равона шудааст. Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ ва ҳамзамон 10 таклиф пешниҳод намуданд, ки қисме аз онҳо қабул ва қисми дигар дар раванди буҷетикунонии соҳа дар соли молиявии навбатӣ ба инобат гирифта мешаванд. Ҳамзамон, 9 – уми ноябри соли равон лоиҳаи қонуни мазкур таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло дар ҷаласаи якҷояи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Лоиҳаи қонуни зикршуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликзод Парвина дода мешавад. Марҳамат.

**Парвина МАЛИКЗОД:** - Оё зиёд шудани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар назар дошта шудааст?

**РАИС:** - Марҳамат, Файзиддин Қаҳҳорзода ба савол посух диҳед.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:** - Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 – юми ноябри соли 2022 таҳти рақами 548 тартиби пардохти нави кумакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ қабул шуд ва шурӯъ аз моҳи июли соли ҷорӣ ин нишондиҳандаҳо тағйир ёфтанд. Аз якуми июли соли ҷорӣ то соли 2025 зиёдшавӣ аз 8 нишондиҳанда ба 11 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба нақша гирифта шудааст. Дар баробари ин, аз моҳи июли соли ҷорӣ ним нишондиҳанда, аз якуми январи соли 2024 як нишондиҳанда ва аз якуми январи соли 2025 ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар фарзанди оилаи камбизоат пешбинӣ шудааст, ки ин маблағҳо дар буҷети солҳои 2024, 2025 ва 2026 ба инобат гирифта шудаанд.

**Зулфиқор ГУЛАҲМАДЗОДА:** - Муҳтарам Файзиддин Қаҳҳорзода, тавре дар муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» қайд намудед, дар 9 моҳи соли ҷорӣ барои идомаи сохтмони НБО «Роғун» 3,7 миллиард сомонӣ маблағ сарф шудааст. Идомаи тадбири мазкур дар соли 2024 чӣ гуна амалӣ мешавад?

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:** - Воқеан, дар 9 моҳи соли ҷорӣ 3,7 миллиард сомонӣ барои сохтмони НБО «Роғун» масраф шуда буд ва то якуми ноябри соли ҷорӣ барои иншооти мазкур аллакай 4,3 миллиард сомонӣ масраф шудааст. Дар буҷети соли 2024 аз ҳисоби маблағҳои мутамарказ 2,8 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ бошад, дар доираи 2,2 миллиард сомонӣ дар назар аст. Аз рӯйи нақша атрофи 5 миллиард сомонӣ барои сохтмони НБО «Роғун» дар соли 2024 ба нақша гирифта шудааст.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА:** – Дар лоиҳаи қонуни буҷет барои соли 2024 касри буҷет ба андозаи 1 миллиарду 151 миллиону 506 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Барои пӯшонидани касри буҷет ҷиҳати ҷалби маблағ аз созмонҳои байналмилалӣ чӣ чораҳо андешида шудаанд?

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:** - Дар моддаи 3-юми лоиҳаи қонун манбаъҳои пӯшонидани касри буҷет оварда шудаанд. Мо бо Бонки осиёии рушд дар марҳилаи ниҳоии гуфтушунидҳо қарор дорем ва имкони саддарсадии 50 миллион доллари ИМА барои дастгирии буҷет равона кардан мавҷуд ҳаст. Бо Иттиҳоди Аврупо созишнома ба имзо расонидем, ки дар доираи он равона намудани 30 миллион евро дар давоми се сол ба нақша гирифта шудааст. Маҷмӯан, равона намудани маблағҳо аз ҳисоби барзиёд иҷро шудани қисми даромади буҷети давлатӣ ва ба муомилот баровардани векселҳои хазинадорӣ, инчунин мо бори аввал то охири сол нашри қоғазҳои қиматноки давлатиро бо шарти мувофиқ будан ба талаботи бозори дохилӣ роҳандозӣ кардանием ва итминон дорем, ки он барои рӯйпӯш кардани касри буҷети давлатӣ имконпазир аст.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 бо назардошти захираҳо ва имкониятҳои мавҷудаи ҳар як соҳа ва минтақа барои зиёд намудани ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ ва мувофиқ гардонидани хароҷот ба он таҳлил ва таҳия гардидааст. Соҳаи иҷтимоӣ яке аз бахшҳои муҳими буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, маблағгузории он ҳамасола афзоиш ёфта истодааст. Чӣ тавре вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ 43 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро барои соли 2024 ташкил медиҳад. Аз ҷумла, ҳаҷми хароҷоти умумии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар маҷмӯъ 17 миллиарду 254 миллиону 378 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он нисбат ба соли 2023-юм 1 миллиарду 802 миллиону 315 ҳазор сомонӣ бештар мебошад ва афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ба ин соҳаҳои муҳим боиси баланд рафтани сатҳи некуаҳволии мардум мегардад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2024 - 2025-ро ҷонибдорӣ намоед.

**Фазлиддин ИКРОМӢ:** - Муҳтарам Файзиддин Қаҳҳорзода, соҳаҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, ҳамасола маблағҳо барои рушди соҳаҳои мазкур бо афзоиш пешбинӣ карда мешаванд. Дар буҷети давлатӣ барои соли 2024 маблағгузории соҳаҳои мазкур аз рӯи кадом афзалиятҳо пешбинӣ гардидааст?

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:** - Агар 50 фоиз гӯем, хато намешавад. Ҳамасола бо иқдомҳои бевоситаи Роҳбари давлат дар тамоми кишвар иншооти иҷтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешаванд. Албатта, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аҳамияти хоса дода мешавад.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:** - Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет барои соли 2024 нисбат ба қонуне, ки айни замон амал мекунад, фарқияти калон дорад. Вазорати молия ҳаракат кардааст, ки ҳадафҳои дар стратегияи рушд пешбинишударо пурра ба эътибор гирад. Масалан, барои ду соҳаи низомсоз - маориф ва илм зиёда аз як миллиарду 141 миллион сомонӣ, соҳаи тандурустӣ - зиёда аз як миллиард сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, фраксияи Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни буҷетро пурра дастгирӣ менамояд.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Бояд воқеъбинона қайд кард, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир новобаста аз вазъи ҳассос дар робитаҳои иқтисодии байни давлатҳо, пуршиддат гаштани рақобатҳо дар бозори истеъмолӣ, хусусан таъмини маводи озуқаворӣ, таҳдидҳои нави глобалӣ, ба мисоли тағйирёбии иқлим, касалиҳои сироятӣ, низоъҳои ҳарбӣ дар минтақаҳои ба мо наздики ҷаҳон, ки таъсираш ба вазъи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикстон мерасад, тадбирҳои мушаххасро барои таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти воқеӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ андешида мешавад.

Таҳлили лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2024 собит менамояд, ки он некбинона ва бо назардошти вазъи таъсири омилҳои зикршуда таҳия гардидааст, ки аз сатҳи хуби истифодаи бахши бехдошти самаранокии механизми молиявӣ дар иҷрои қисмҳои даромад ва хароҷот далолат мекунад. Ин дар ҳама бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, солҳои охир дар соҳаҳои мухталифи комплекси агросаноатии мамлакат якчанд барномаҳои давлатӣ татбиқ шуда истодаанд, ки албатта, барои таъмини рушди маҷмӯии соҳа мусоидат мекунанд. Ба ин мақсадҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор 250 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба нишондоди соли 2023 наздики 17 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамзамон, бо назардошти аҳамияти истифодаи оқилонаи захираҳои об, барои идораи он 9,4 млн. сомонӣ ва амалисозии назорат дар ин соҳа наздик ба 103 млн. сомонӣ, инчунин пешбурди сиёсати техникӣ ва рушди инфрасохтори кишоварзӣ наздик ба 51 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки барои татбиқи «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда» соли 2024 - ум 9,4 млн. сомонӣ равона карда мешавад, ки нисбат ба соли 2023 – юм ду маротиба зиёд мебошад. Дар маҷмӯъ, дар бахши кишоварзӣ, моҳидорӣ ва ҷангал дар соли 2024 зиёда аз 1,4 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки бо дарназардошти имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба рушди соҳа мусоидат хоҳад кард.

Дар навбати худ, зимни баррасии проблемаҳои мавҷудаи комплекси агросаноатии мамлакат як қатор таклифу дархостҳо аз тарафи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин пешниҳод шуданд ва умед дорем Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро баррасӣ намуда, дар доираи имкониятҳои мавҷудаи буҷети давлатии солҳои минбаъда ба инобат мегирад.

Фраксияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2024-ро баррасӣ карда, нишондиҳандаҳои онро ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва беҳ гаштани шароити зиндагии мардуми кишвар назаррас арзёбӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин ва фраксияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026»-ро ҷонибдорӣ менамояд ва аз шумо - вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**Насиба СОДИҚӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа – илму маорифро аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.



Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта, сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад. Маҳз, ба ҳамин хотир, дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳими низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурииро роҳандозӣ намудааст.

Дар даврони соҳибихтиёрии кишвар дар соҳаи маориф ва илм иқдоми зиёд амалӣ гардиданд, ки онҳо бевосита ба баланд бардоштани сатҳи саводнокию маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим, ташаккули донишҳои техникӣ, тарғиби фарҳанги техникӣ, фароҳам овардани заминаи воқеӣ барои рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ ва ба ин васила муваффақ шудан ба дастовардҳои техника ва технологияи муосир, инчунин тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Вазъи имрӯзаи раванди босуръати ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ҷиҳати мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Вобаста ба ин дар лоиҳаи қонун пешбинӣ мешавад, ки соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ва илм дар ҳудуди 8 млр. 231,9 млн. сомонӣ ҷудо мегардад, ки нисбат ба соли гузашта 1 млр. 21,5 миллион сомонӣ ё 14,2 фоиз зиёд буда, қариб 18,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет ва 5,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Ин имкон медиҳад, ки муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаю технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳм гузоранд.

Он тадбирҳое, ки вобаста ба маориф ва илм, фарҳанг ва санъат, ҷавонон ва варзиш, рушди сайёҳӣ дар лоиҳаи қонун пешбинӣ шудаанд, яъне тадриҷан сарфи маблағ барои ин соҳаҳо, минбаъд барои эҳё намудани мақоми давлати тоҷикон ҳамчун маркази илму маориф ва фарҳанги ҷаҳонӣ яке аз сарчашмаҳои заминасоз мегардад.

Ҳамкорони арҷманд, ба хотири татбиқи муваффақонаи тадбиру нишондиҳандаҳое, ки дар «Стратегияи миллии рушд» нишон дода шудааст, аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» шурӯъ мекунем. Сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 – уми октябри соли 2023 таҳти №500 тасдиқ гардидааст, манзур мегардад.

Лоиҳаи барномаи мазкур дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» (аз 24 – уми декабри соли 2023 таҳти №1923) ва мутобиқ ба меъёрҳое, ки дар «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023» пешбинӣ шудааст, таҳия гардидааст. Барномаи пешниҳодшуда 48 созишномаи қарзӣ, аз ҷумла 36 созишномаи қарзии амалкунанда ба маблағи зиёда аз 1,4 млрд. доллари амрикоӣ ва 12 созишномаи дар сатҳи лоиҳавӣ қарордошта ба маблағи зиёда аз 1,4 млрд. доллари амрикоиро дар бар мегирад.

Ёдрас менамоям, ки 36 созишномаи қарзии амалкунанда бо қарорҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд ва раванди татбиқи онҳо идома дорад.

Азхудкунии маблағҳои қарзӣ барои давраи солҳои 2024 - 2026 дар доираи ин барнома дар ҳаҷми умумии 1150,6 млн. доллари амрикоӣ, аз ҷумла дар соли 2024 дар ҳаҷми 381,5 млн. доллар, дар соли 2025 - 377,4 млн. доллар ва барои соли 2026 дар ҳаҷми 391,7 млн. доллари амрикоӣ пешбинӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026» барои хизматрасонии қарзи беруна 1 235,7 млн. доллари амрикоӣ, аз ҷумла барои соли 2024 дар ҳаҷми 283,9 млн. доллари амрикоӣ, дар соли 2025 - 453,7 млн. доллари амрикоӣ ва барои соли 2026 дар ҳаҷми 498 млн. доллари амрикоӣ, ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» дурнамоӣ буда, бо ҷалб гардидани маблағҳои иловагии қарзӣ мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ бозбинӣ карда мешаванд.

Идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои дар «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023» муқарраршуда ба роҳ монда шудааст.

Дар моҳҳои январ - октябри соли ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзии ҷалбшуда 89,1 млн. доллари амрикоӣ аз худ карда, то анҷоми соли 2023 азхудкунии 124,4 млн. доллари амрикоӣ маблағҳои қарзӣ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин барои хизматрасонии қарзи беруна 212,2 млн. доллари амрикоӣ пардохт карда шуд, ки аз он 139 млн. доллари амрикоӣ қарзи асосӣ ва 73,2 млн. доллари амрикоӣ фоизи қарзро ташкил медиҳад.

Дар давоми 10 моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ ду созишномаи қарзӣ ба маблағи умумии 19,5 млн. доллари амрикоӣ, аз ҷумла бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд барои татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди НБО-и Қайроққум» ба маблағи 10 млн. доллари амрикоӣ созишномаи кафолатӣ ва бо Бонки исломии рушд барои татбиқи лоиҳаи «Дастгирии татбиқи стратегияи миллии рушди маориф» 9,5 млн. доллари амрикоӣ мактуб-созишнома бо тартиби амалкунанда ба имзо расонида шуданд.

Ҳаҷми умумии қарзи давлатӣ то якуми октябри соли 2023 - юм 3,6 млрд. доллари амрикоӣ ё 30,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд, ки аз он 3,2 млрд. доллари амрикоӣ ё 89 фоиз қарзи берунаи давлатӣ ва 0,4 млрд. доллари амрикоӣ ё 11 фоиз қарзи дохилӣ мебошад.

Татбиқи босамари барномаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки маблағгузории барномаҳои иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муқарраршуда амалӣ ва рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт таъмин карда шаванд. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» - ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Саидҷаъфар дода мешавад.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:** - Соли 2024 баргардонидани қарзҳо чӣ гуна амалӣ мешавад?

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:** - Мо маблағҳои зарурӣ барои баргардонидани қарзи беруна пешбинӣ кардаем. Бо итминон метавон гуфт, ки ҳолатҳои сари вақт пардохт накардани мабалағҳои қарзӣ ҷой надорад ва тамоми имконот барои таъмини нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ. 4)

# МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ҚОНУН ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИРО БАРОИ СОЛИ 2024 ҚАБУЛ КАРД

(Идома аз саҳ. 3)

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии барномаи мазкур, баланд бардоштани самаранокӣ ва мониторинги мунтазами раванди ҷалби қарзҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳ надодан ба ҷамъшавии назоратнашавандаи қарзи беруна мебошад, ки дар талаботи зерини Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ инъикос гардидааст:

- маҳдудияти ниҳоии қабули ухдадориҳо оид ба ҷалби қарзҳои давлатҳои хориҷӣ ва қарзҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ аз рӯи лоиҳаҳои банақшагирифташудае, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд;

- ҷалби қарзҳо барои маблағгузории хароҷоти лоиҳаҳои амалишаванда бо мақсади ба анҷом расонидани онҳо;

- мутамарказонидани захираҳои қарзӣ барои амалисозии лоиҳаҳои банақшагирифташудаи азими инфрасохтории дорои аҳамияти стратегии умумидавлатӣ, ки ҷиҳати татбиқи онҳо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо лоиҳаи барномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи барномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи барномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат» оғоз менамоем. Сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор НАЗИРӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Шароити имрӯзаи ҷаҳон, бахусус, вазъи зудтағйирёбанда ва ҳоло ҳам ҷой доштани раванди номуайянию номуътадилӣ дар иқтисодиёт ва бозорҳои ҷаҳонӣ бинобар низоъҳои сиёсию тиҷоратӣ тақозо менамояд, ки ҷиҳати фавран пешгирӣ намудани таъсири манфии омилҳои зикршуда ба иқтисодиёти миллӣ чораҳои таъхирнопазир роҳандозӣ карда шавад.

Новобаста ба мавҷудияти хавфҳо, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба мақсади асосӣ - нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ сиёсати пулию қарзиро тавассути механизму фишангҳои худ бахри пешгирӣ намудани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум амалӣ намуда, барои гузариши ботадриҷ ба реҷаи ҳадафгирии таваррум мунтазам тамоми чораҳои зарурирo андешида истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати заҳмати содиқонаи роҳбарияти олии кишвар, ҳамбастагии вазорату идораҳои дахлдор ва пешбурди сиёсати босамари пулию қарзӣ рушди устувори иқтисоди миллӣ ва муътадилии сатҳи нархҳо ҳадафмандона амалӣ шуда, интизор меравад, ки сатҳи таваррум то охири соли 2023 дар доираи ҳадафи муқарраргардида 6 фоиз (±2 банди фоизӣ) ҷамъбаст гардад.

Дар моҳҳои январ-октябри соли 2023 рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 8,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Рушди иқтисодиёт бештар аз ҳисоби афзоишёбии соҳаи сохтмон - 22,6 фоиз, гардиши савдои чакана - 13, саноат - 9,1, кишоварзӣ - 8,9 ва хизматрасонии пулӣ - 7,7 фоиз ба амал омад.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар даҳ моҳи соли ҷорӣ 6,2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,4 фоиз ё ба маблағи 202 млн. доллари ИМА зиёд мебошад.

Тибқи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат» дар назди низоми бонкӣ вазифаҳои муҳим ҷиҳати татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ, таъмини муътадилии сатҳи нархҳо, коҳиш додани тағйирёбии қурбӣ, беҳтар намудани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини суботи молиявӣ гузошта шуда буданд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати татбиқ намудани вазифаҳои дар боло зикргардида, бахри пешбурди сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум корҳои муайянро ба анҷом расонид.

Сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-октябри соли ҷорӣ 3,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ - 3,6 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ - 5,8 ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,8 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) бошад, дар моҳи октябри соли ҷорӣ ба 4,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,8 банди фоизӣ кам мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо бештар дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ, берунӣ ва таклифотӣ ба вуқӯъ пайваст.

Меъёри бозтамвил, ки фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт, бо дарназардошти дар сатҳи поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумӣ дар ин давра тадриҷан паст карда шуда, дар сатҳи даҳ фоизи солона муқаррар гардид.

Бахри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва қурбӣ, рушди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок, дар ин давра аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон фурӯши коғазҳои қиматнок ва ҷалби амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) амалӣ карда шуд.

Ба интиҳои моҳи октябри соли 2023 ҳаҷми пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар давраи гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум 33,8 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 28,8 млрд. сомониро ташкил медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини муътадилии вазъи бозори дохилии асъор сиёсати қурбиро дар реҷаи «шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб» ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва афзун намудани ҳаҷми захираҳои байналмилалӣ амалӣ карда истодааст.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат ҷиҳати муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ дар доираи ваколатҳои худ бо истифода аз механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ роҳандозӣ хоҳад намуд.

Дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2025 ва 2026) ҳадафи таваррум дар доираи 6 фоиз (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ карда мешавад.

Интизор меравад, ки дар соли 2024 таъсири омилҳои берунае, ки асосан хусусияти ғайримонетарӣ дошта, ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили кишвар бештар таъсир мерасонанд, боқӣ хоҳанд монд. Бинобар ин, дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ дар доираи ваколатҳояш тамоми имкониятҳоро барои нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат ба истифода аз механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ равона хоҳанд кард.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарз вобаста ба вазъи макроиқтисодии кишвар самаранок истифода гардида, андозаи воқеии он, бо дарназардошти интизориҳои таваррумӣ муқаррар карда мешавад.

Дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат низ сиёсати қурбӣ ба реҷаи «шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб» асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон бахри иҷрои дастуру вазифаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, тадбирҳои зарурӣ андешида, сиёсати пулию қарзиро дар самти муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва афзоиши содироти ватанӣ, бо дарназардошти идомаи ислоҳот барои гузариши босамар ба реҷаи ҳадафгирии таваррум ба роҳ мемонад. Дар баробари иҷрои ухдадориҳои худ, инчунин бахри таъмини самаранокии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат чораҳои зарурирo ҷиҳати таъсирбахш намудани механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ ва усули сиёсати фоизӣ амалӣ хоҳад кард. Бо мақсади пурзӯр намудани механизми таъсирбахшии сиёсати фоизӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои дар он ҷойдошта дар соли 2024 андешидани чораҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

-такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи таҷрибаи бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои пешрафта;

-идомаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби кумаки техникӣ дар самти рушди бозори пулии ҷумҳурӣ;

-гузариш ба марҳилаи озмоиши самаранокии иқтисодии лоиҳаи механизми миёнакунонии меъёри захираҳои ҳатмӣ ва мавриди истифода қарор додани он;

-бунёди низоми (платформаи) махсуси амалиётӣ ҷиҳати таҳкими раванди таҳлилию тадқиқотӣ тариқи такмили инфрасохтори инноватсионӣ, рушди низоми бонкӣ ва таъсирбахшӣ ба сиёсати монетарӣ;

- омӯзиши таҷрибаи бонкдории исломӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзӣ бахри танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ;

- таҳкими раванди таҳлилу тадқиқот ва ояндабинӣ;

- татбиқи бандҳои дигари «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025».

Дар баробари чорабиниҳои зикргардида, инчунин нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии ухдадориҳои давлат ва муътадилии бозори дохилии асъор, таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳиссаи пули нақд дар муомилот низ ба нақша гирифта шудаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон тибқи талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025» тасмим гирифтааст, ки дар давоми соли 2025 гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро (бе дарназардошти таъсири омилҳои манфии ғайричашмдошт) эълон намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки лоиҳаи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат» барои Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷати стратегӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиззода Ғайрат дода мешавад.

**Ғайрат АЗИЗЗОДА:** - Пастшавии нархи фурӯши пахта ба вазъи бозори асъор таъсир мерасонад. Бонки миллӣ дар ин самт чӣ чораҳо меандешад?

**Гулбаҳор НАЗИРӢ: -** Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳояш барои нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо дар бозорҳои кишвар ҳамарӯза вазифаҳои мушаххасро иҷро менамояд.

**РАИС:** - Боз кӣ савол ё пешниҳод дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмонзода дода мешавад.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:** - Яке аз сабабҳои асосии рушд накардани гардиши моли дохила фоизи баланди қарзҳои бонкӣ аст. Хоҳиш мекунам, ки барои паст кардани фоизи қарзҳо чора андешида шавад.

**Гулбаҳор НАЗИРӢ:** - Дар ин самт низоми бонкии кишвар бо роҳбарии Бонки миллии Тоҷикистон корҳоро ба анҷом расонида истодааст. Гурӯҳи корӣ дар ин самт амал мекунад ва ба ташкилотҳои қарзиву молиявии кишвар доимо тавсия дода мешавад, ки барои кам кардани фоизи қарзҳо ва пешниҳод намудани маҳсулоти молиявии хушсифат ба мизоҷон ҳамаи имконотро истифода баранд.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашӯрзода Ғиёсиддин Маҳмадмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дурнамои зикргардида мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзиро барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.



Дурнамои зикргардида, пеш аз ҳама, бахри расидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили сиёсати пулию молии дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути воситаҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ равона мегардад.

Санади мазкур бахшҳои зеринро дар бар мегирад:

- вазъи кунунии иқтисоди берунӣ ва дохилии кишвар;

- татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои асосӣ дар соли 2023;

- пешбурди сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат.

Бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2024 аз рӯйи сенарияҳо дар доираи ҳадафи муқарраршуда пешбинӣ мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади идомаи амалисозии гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум дар ин давра таъмини устувории пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ, муътадилии қурби пули миллӣ, нигоҳдории сатҳи муътадили сиёсати пулию молиро роҳандозӣ менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои зикргардидаро дар хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Дурнамои мазкур ба моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки дурнамои пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини вазири адлия Каримзода Шараф дода мешавад. Марҳамат.

**Шараф КАРИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади иҷрои банди 14 «Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020-2025» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи гурӯҳи корӣ якҷо бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани норасоиҳо, мушаххас кардани меъёрҳои ҷудогона, мустаҳкам намудани мавқеи адвокат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия шудааст.

Дар доираи лоиҳаи мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» моддаи нав илова гардида, он кафолатҳои амалисозии дархости адвокатро муайян менамояд. Ҳамзамон, вобаста ба танзими муносибатҳо дар хусуси бастани созишнома ва пешниҳоди ордер ҳангоми амалӣ намудани намояндагӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокат, инчунин пешниҳоди маълумот аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо оид ба фаъолияти худ, раванди назорати фаъолияти касбии адвокатҳо, баррасии мурофиати шаҳрвандон, нусхаи санадҳои дохилии қабулшуда ва маълумоти дигари зарурӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, меъёри нав дар хусуси аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо бекор намудани қарору санадҳои хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи мақомоти минтақавии он ва оид ба ҳисоботдиҳанда будани мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар назди Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад ва аз буҷети давлатӣ дар робита ба иҷро шудани муқаррароти пешбинигардида хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Бобоҷониён Раънохон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Раънохон БОБОҶОНИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади иҷрои банди 14 «Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020-2025» дар доираи гурӯҳи корӣ бо ҷалби намояндагони мақомоти дахлдор, инчунин Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Бояд зикр кард, ки лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати бартараф намудани норасоиҳо, мушаххас кардани меъёрҳои ҷудогона, мустаҳкам намудани мавқеи адвокат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 2 модда иборат мебошад ва моддаи 1 фарогири 20 қисм буда, тибқи он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» моддаи нав – моддаи 9[1] илова карда шуда, инчунин ба моддаҳои 10, 12, 13, 15, 16, 18, 19, 21, 22, 29, 31, 34, 35, 37, 38, 39, 41, 42 ва 43 қонуни зикршуда ворид гардидани тағйиру иловаҳои дахлдор пешбинӣ шудааст, ки ҳуқуқ ва ухдадориҳои адвокатро мушаххас намуда, барои фаъолияти онҳо шароит муҳайё месозад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» -ро баррасӣ ва ҷонибдорӣ намуданд. Ба нишонии кумита 8 - пешниҳод ирсол гардид, ки аз онҳо 2-то қабул, 2-то қисман ва 4-то қабул нашуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо – вакилони гиромӣ хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Ашӯрзода Гулбаҳор дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Аҳмадзода, Д. Раҳмон, Ф. Мӯъминзода ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Ашӯрзода дар заминаи супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар бораи тақвият додани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолу ноболиғон, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022» таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳа бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 – уми майи соли 2023 таҳти №1696 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳа тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз 29 таклифи пешниҳодшудаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 таклиф қабул, 18 таклиф қисман ва 2 таклиф қабул нашуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба талабои моддаи 38-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, кумитаи масъул аз шумо - вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 – уми майи соли 1995» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини вазири адлия Каримзода Шараф дода мешавад. Марҳамат.

**Шараф КАРИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 - уми майи соли 1995» ба баррасии шумо пешниҳод карда мешавад.

Протоколи мазкур бо мақсади ҳудудгузорӣ ба тартиби қабул ва эътибор пайдо намудани Низомномаи Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва бевосита худи конвенсия таҳия карда шуд. Дар айни замон мутобиқи моддаи 34 – уми конвенсия низомнома қисми ҷудонопазири он ба ҳисоб меравад ва бо тартиби эътибор пайдо намудани конвенсия эътибор пайдо мекунад. Бо қабули протоколи мазкур муқаррароти конвенсия ба Оинномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мутобиқ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳайати субъектҳои комиссияи таъсисдодашаванда зиёд карда шавад, зеро дар он метавонанд давлатҳое низ иштирок намоянд, ки давлатҳои иштирокдори конвенсия ба ҳисоб намераванд. Ғайр аз ин, бо мақсади ҳар чӣ зудтар ба роҳ мондани фаъолияти комиссия, протокол муқаррароторо оид ба татбиқи муваққатии он пас аз 30 рӯзи имзонамоӣ пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин, механизми эътибор пайдо намудани протоколи мазкур ба механизми эътибор пайдо намудани конвенсия шабоҳат дорад, яъне он аз лаҳзаи аз ҷониби маҳфуздоранда гирифтани огоҳиномаи сеюм оид ба иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ аз ҷониби тарафҳои баимзорасонида, ки барои эътибор пайдо намудани он заруранд, эътибор пайдо мекунад.

Протоколи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ буда, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти молиявии иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 – уми майи соли 1995, ки 14 – уми октябри соли 2022 дар шаҳри Остона ба имзо расидааст, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои расмиёти дохилидавлатӣ барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Протоколи мазкур ҷиҳати мутобиқ намудани муқаррароти конвенсия ба Оинномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расида, тибқи он моддаи 34 ва аз банди 1 моддаи 38 конвенсия калимаҳои «, аз он ҷумла Низомномаи Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» хориҷ карда шудааст.

Протоколи мазкур мувофиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи протоколи зикршударо бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул 10-уми ноябри соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ протоколи пешниҳодгардидаро баррасӣ намуд. Протоколи мазкур ба талаботи моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки «Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 – уми майи соли 1995»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 – уми майи соли 1995» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,
Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум».
Суратгир Н. АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694; с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; с. 2018, №1, мод. 4, мод. 5, №5, мод. 266, №7-8, мод. 522; с. 2019, №1, мод. 1, мод. 2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод. 9, №7-9, мод. 607, мод. 623, №12, мод. 904; с. 2021, №4, мод. 196, №12, қ. 2, мод. 683; с. 2022, №7, мод. 437, мод. 438, №12, қ. 2, мод. 764, мод. 765), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар диспозитсияи қисми 4) моддаи 139 калимаҳои «қисмҳои якум ё дуюми» ба калимаҳо ва рақамҳои «қисмҳои 1), 2) ё 3)» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 2) моддаи 141:

- банди в) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«в) такроран;»;

банди в) банди г) ҳисобида шавад.

3. Ба моддаи 142 қисми 3) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3) Ҳаракатҳое, ки дар қисмҳои 1) ва 2) ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар нисбати ду ё зиёда шахсони баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасида содир шуда бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.».

4. Банди 2) эзоҳи моддаи 200 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2) Мафҳумҳои миқдори кам, начандон калон, калон ва махсусан калон, ки дар ҳамин модда ва моддаҳои дахлдори дигари Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, мутобиқи номгӯй ва миқдори воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, ки дар муомилот қарор доранд, инчунин растаниҳои дорои воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ва ё қисмҳои онҳо, ки дорои воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ мебошанд ва дар замимаи 1 ба Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, муайян карда мешаванд.». 5. Дар моддаи $212^1$:

- дар ном калимаҳои «рақами қалбакӣ ва ё тайёр кардани рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт» ба калимаҳои «муомилоти ғайриқонунии рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт» иваз карда шаванд;

- аз диспозитсияи қисми 1 калимаҳои «ё рақами қалбакӣ» хориҷ карда шаванд;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол додан, истифода бурдан ё ба соҳибияти каси дигар додани рақами қалбакии қайди воситаи нақлиёт, -

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.»;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Кирдорҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда, агар бо мақсади содир ё рӯйпӯш намудани ҷиноят содир шуда бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.».

6. Дар моддаи 241:

- дар санксияи қисми 1) калимаҳои «дусад то сесаду шасту панҷ» ва «то ду» мувофиқан ба калимаҳои «чорсад то шашсад» ва «то чор» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2) калимаҳои «ду то панҷ» ба калимаҳои «чор то шаш» иваз карда шаванд;

- дар диспозитсия ва санксияи қисми 3) калимаҳои «қисмҳои якум ё дуюми» ва «панҷ то ҳашт» мувофиқан ба калимаҳо ва рақамҳои «қисмҳои 1) ё 2)» ва «шаш то даҳ» иваз карда шаванд.

7. Ба диспозитсияи қисми 2 моддаи $341^1$ пас аз калимаи «экстремистидошта» калимаҳои «, инчунин дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин» илова карда шаванд.

8. Замимаи 1 дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1984**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №406**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1085**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, №9-10, мод. 543; с. 2010, № 1, мод. 2, мод. 5, № 3, мод. 153, № 7, мод. 547, № 12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430, мод. 431, №7-8, мод. 610, №12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, №7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, №12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, №3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144, №7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, №3, мод. 201, №7-9, мод. 707, мод. 708, №11, мод. 955, №12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, №3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, №5, мод. 359, мод. 361, №7, мод. 613, мод. 614, №11, мод. 877; с. 2017, №1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, №7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, №1, мод. 9, №5, мод. 268, мод. 269; с.2019, №1, мод. 8, №6, мод. 312, мод. 313, №7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 6, №7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, №12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, №6, мод. 384, мод. 385, мод. 12, қ.2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, №1-3, мод. 12, №7, мод. 443, №12, қ. 2, мод. 768; с. 2023, №4-6, мод. 155), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 313 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 313. Идора намудани воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии бегона ва ё барои идора ба шахси дигар додани чунин воситаи нақлиёт, инчунин ба шахси дигар додани рақами қайди давлатӣ**

Барои идора намудани воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии бегона ва ё барои идора ба шахси дигар додани чунин воситаи нақлиёт, инчунин ба шахси дигар додани рақами қайди давлатӣ,-

ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиёт ба муҳлати як сол таъйин карда мешавад.».

2. Дар қисми 1 моддаи 330:

- ба диспозитсия пас аз калимаи «ойинагӣ» калимаҳои «ва ё бо шишаи сиёҳу хираи пешорӯй» илова карда шаванд;

- дар санксия калимаҳои «яксаду бисту панҷ» ба калимаҳои «яксаду панҷоҳ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1986**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №408**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1083**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба қисми 1) моддаи 49 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306; с.1999, №12, мод.316; с.2001, №4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, №8, мод.456, мод.468; с.2004, №5, мод.346, №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126, №7, мод.399, №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1, қ.1, мод.3, №6, мод.444, мод.447, №10, мод.803, №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод.992; с.2009, №3, мод.80, №7-8, мод.501; с.2010, №3, мод.155, №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161, №7-8, мод.605; с.2012, №4, мод.258, №7, мод.694; с.2013, №6, мод.403, мод.404, №11, мод.785, №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141, №7, қ.1, мод.385, мод.386; с.2015, №3, мод.198, мод.199, №11, мод.949, №12, қ.1, мод.1107; с.2016, №3, мод.127, №5, мод.355, мод.356, №7, мод.608, мод.609, №11, мод.874, мод.875; с.2017, №1-2, мод.2, мод.3, №7-9, мод.586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод.311; с.2020, №1, мод.8, мод.9, №7-9, мод.607, мод.623, №12, мод.904; с.2021, №4, мод.196, №12, қ.2, мод.683; с. 2022, №7, мод.437, мод.438, №12, қ.2, мод.764, мод.765), ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Маблағи ҷарима ба буҷети ҷумҳуриявӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1985**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №407**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, № 1131**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба моддаи 64 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388, №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; с. 2018, №1, мод. 6; с. 2019, №1, мод. 6, №6, мод. 314; с. 2020, №7-9, мод. 603; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 691; с. 2022, №1-3, мод. 6, мод. 7, №7, мод. 440, №12, қ. 2, мод. 770), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми 2 калимаҳои «парвандаи граждании» ва «парвандаи гражданӣ» мувофиқан ба калимаҳои «парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии» ва «парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «Ҳукми» ва «ҳукми» мувофиқан ба калимаҳои «Санади» ва «санади» иваз карда шаванд;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаи иқтисодии қаблан баррасигардида барои суди юрисдиксияи умумӣ, ки парвандаҳои маданӣ ва оилавиро баррасӣ мекунад, ҳатмӣ буда, оид ба ҳолатҳое, ки бо санади судии суди иқтисодӣ муқаррар карда шудаанд, ҳангоми баррасии парвандаи дигар, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешавад ё мавриди баҳс қарор намегирад.».

- қисмҳои 3 ва 4 мувофиқан қисмҳои 4 ва 5 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1987**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №409**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1117**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Дар сархати нуҳуми моддаи 3, ном ва матни моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 193; с. 2009, №5, мод. 323; с. 2010, №3, мод. 154; с. 2011, №6, мод. 459; с. 2013, №7, мод. 517; с. 2014, №11, мод. 645; с. 2016, №3, мод. 137; с. 2017, №1-2, мод. 10, мод. 11, мод. 12, №5, қ. 1, мод. 298; с. 2020, №1, мод. 10, мод. 11, мод. 12, №5, қ. 1, мод. 298; с. 2021, №1-2, мод. 6; с. 2022, №6, мод. 344) калимаҳои «мақомоти мубориза бар зидди коррупсия» ва «мақомоти мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд» ба калимаҳои «субъектҳои муқовимат ба коррупсия» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1988**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №410**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 октябри соли 2023, № 1078**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НОТАРИАТИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 16 апрели соли 2012 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2012, №4, мод.260; с.2013, №6, мод.408; с.2017, №5, қ.1, мод.295; с.2019, №6, мод.317; с.2021, №6, мод.388; с.2022, №6, мод.345) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 22:

- ба қисмҳои 2 ва 3 пас аз калимаи «ҳуқуқӣ» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд;

- ба қисми 4 пас аз калимаи «маблағ» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

2. Аз қисми 5 моддаи 50 калимаҳои «ба нотариуси давлатӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1989**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №411**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, № 1129**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ УҲДАДОРИИ ҲАРБӢ ВА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №1-2, мод. 3) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 4 моддаи 41 пас аз калимаҳои «низоъҳои мусаллаҳона» калимаҳои «, баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ» илова карда шаванд.

2. Ба банди 1) қисми 1 моддаи 42 пас аз калимаҳои «низоъҳои мусаллаҳона» калимаҳои «, инчунин баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ» илова карда шаванд.

3. Ба қисми 6 моддаи 43 пас аз калимаҳои «низоъҳои мусаллаҳона,» калимаҳои «баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1990**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №412**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1097**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 марти соли 2005 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №3, мод. 130; с. 2006, №3, мод. 150; с. 2008, №6, мод. 449, №10, мод. 799; с. 2012, №8, мод. 822; с. 2014, №11, мод. 661; с. 2018, №1, мод. 11; с. 2020, №12, мод. 911; с. 2021, №6, мод. 387) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ҷумлаи чоруми қисми 2 моддаи 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро дар давраи сафарбарӣ, ҳолатҳои фавқулода ё ҷангӣ, инчунин дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ё ҳангоми баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ адо мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, танзим карда мешаванд.».

2. Дар қисми 1 моддаи 2, қисми 1 моддаи 21 ва моддаи 24 калимаҳои «ӯҳдадории умумии» ба калимаи «уҳдадории» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми 8 моддаи 2 калимаҳои «дар вазъияти фавқулода ва ҳангоми муноқишаҳои мусаллаҳона» ба калимаҳои «дар давраи сафарбарӣ, ҳолатҳои фавқулода ё ҷангӣ, инчунин дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ё ҳангоми баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 5:

- ба номи модда пас аз калимаи «Ҳифзи» калимаи «ҳаёт,» илова карда шавад;

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Бо мақсади таҳкими интизоми ҳарбӣ, тартибот ва қонуният дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии дигар, инчунин барои пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ (дар ҷойҳои будубоши хизматчиёни ҳарбӣ) бояд камераҳои назорати видеоӣ насб карда шаванд.».

5. Дар моддаи 10:

- ба қисми 3 пас аз калимаҳои «(хизмати ҷангӣ)» калимаҳои «, баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ» илова карда шаванд;

- дар қисми 8 калимаҳои «дигар давлатҳо тибқи ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «давлатҳои дигар, инчунин хизматчиёни ҳарбие, ки дар баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ тибқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намудаанд,» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми 2 моддаи 15 калимаҳои «ҳамасола» ва «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯмаки рӯҳӣ» мувофиқан ба калимаҳои «ҳар шаш моҳ» ва «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

7. Дар қисми 6 моддаи 16 калимаи «Зарари» ба калимаҳои «Зиён ва зарари маънавии» иваз карда шавад.

8. Дар қисми 4 моддаи 21 калимаи «панҷ» ба калимаи «даҳ» иваз карда шавад.

9. Моддаи 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 23. Имтиёзҳо, кафолатҳо ва ҷубронҳои иловагӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар давраи сафарбарӣ, ҳолатҳои фавқулода ё ҷангӣ, инчунин дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ё ҳангоми баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ уҳдадориҳои хизмати ҳарбиро иҷро менамоянд ва аъзои оилаи онҳо**

1. Ба хизматчиёни ҳарбие, ки ба таври доимӣ ва муваққатан вазифаҳоро дар давраи сафарбарӣ, ҳолатҳои фавқулода ё ҷангӣ, инчунин дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ё ҳангоми баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ иҷро мекунанд, тибқи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо, кафолатҳо ва ҷуброни пулии иловагӣ дода мешаванд.

2. Барои аъзои оилаи хизматчиёни ҳарбие, ки ҳангоми иҷрои вазифа дар давраи сафарбарӣ, ҳолатҳои фавқулода ё ҷангӣ, инчунин дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ё ҳангоми баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ҳалок шудаанд, имтиёзҳо, кафолатҳо ва ҷуброни пулии амалкунандаи нисбати аъзои оилаи хизматчиёни ҳарбии дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалокшуда татбиқ мегардад.».

10. Дар моддаи 24:

- қисми якум рақамгузорӣ карда шавад;

- ба муқаддимаи қисми якум пас аз калимаҳои «бехатарии давлат» калимаҳои «ва ҳаёти осоиштаи аҳолӣ» илова карда шаванд;

- қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Хизматчиёни ҳарбӣ уҳдадоранд, ки талаботи бехатарии хизмати ҳарбиро донанд ва риоя кунанд, саломатии худро нигоҳ доранд.»;

- қисми дуюм мувофиқан қисми сеюм ҳисобида шуда, рақамгузорӣ карда шавад.

11. Ба қисми 3 моддаи 25 пас аз калимаҳои «офатҳои табиӣ,» ва «Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқан калимаҳои «баамалбарории фаъолияти сулҳоварона берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ,» ва «, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1991**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №№413**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1099**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» аз 20 марти соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 184; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 808) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати ёздаҳум калимаи «омма,» ба калимаҳои «омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ» иваз карда шавад;

- дар сархати сенздаҳум калимаи «мардум» ба калимаи «одамон» иваз карда шавад;

- дар сархати чордаҳум калимаи «маснуоти» ба калимаи «таҷҳизоти» иваз карда шавад;

- дар сархати понздаҳум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархатҳои шонздаҳум ва ҳабдаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«**- объектҳои ҷойгиршавии оммавии одамон** – марказҳои савдо, нуқтаҳои хизматрасониҳои маишӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ, муассисаҳои динӣ, таваққуфгоҳҳои ҳама намудҳои нақлиёт ва биноҳои муассисаҳои тандурустӣ, маориф, инчунин меҳмонхонаҳо ва иншооти будубоши муваққатии одамон;

**- ташкили хомӯш намудани сӯхтор** – маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-тактикӣ ва муҳандисӣ-техникӣ (ба истиснои чораҳо оид ба таъмини чораҳои аввалияи бехатарӣ аз сӯхтор), ки ба наҷоти одамон ва молу мулк аз сӯхтор ва хомӯш кардани он нигаронида шудаанд.».

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Дар сархати сеюми моддаи 3 пас аз калимаи «оташнишонӣ,» калимаҳои «ташкили хомӯш намудани сӯхтор,» илова карда шаванд.

4. Дар сархати дуюми қисми дуюми моддаи 4 калимаҳои «ба роҳ мондани» ба калимаи «ташкили» иваз карда шаванд.

5. Дар сархати дуюми қисми дуюми моддаи 8 аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- наҷот додани одамон ва молу мулки онҳо ҳангоми сар задани сӯхтор.».

6. Ба қисми дуюми моддаи 9 сархатҳои сенздаҳум ва чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- оид ба бехатарӣ аз сӯхтор тавсия медиҳад ва машварат мегузаронад;

- чорабиниҳои таълимиро оид ба бехатарӣ аз сӯхтор бо шахсони масъули вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, новобаста ба шакли моликият, мегузаронад;».

7. Дар моддаи 10:

- дар сархати якуми қисми дуюм калимаи «маснуоти» ба калимаи «таҷҳизоти» иваз карда шавад;

- дар сархатҳои панҷум ва даҳуми қисми дуюм калимаи «мардум» ба калимаи «одамон» иваз карда шавад;

- қисми нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Санҷишҳо дар самти бехатарӣ аз сӯхтор дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.».

8. Дар моддаи 12:

- дар қисми якум калимаи «маснуот» ба калимаи «таҷҳизот» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаи «иншоот» ба калимаҳои «иншооти ҷойгиршавии оммавии одамон» иваз карда шавад.

9. Дар моддаи 13:

- дар қисми якум калимаи «амвол» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад;

- дар қисми чорум калима ва рақамҳои «ягонаи 01» ба калимаҳо ва рақамҳои «01 ва рақами телефони ширкатҳои мобилӣ 101» иваз карда шаванд;

- ба қисми панҷум пас аз калимаи «истеҳсолӣ» аломат ва калимаҳои «, объектҳои ҷойгиршавии оммавии одамон» ва ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Ҳамчунин ба ҷойи ҳодисаи сӯхтор даромадани одамон ва ҳаракати нақлиётро маҳдуд ё манъ намоянд.».

10. Ба моддаи 14 қисми сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ба кормандоне, ки дар шароити хатарнок ҳангоми хомӯш намудани сӯхтори маводу маҳсулоти аз худ газҳои заҳрноки барои саломатӣ хатарнок (аз ҷумла хлор, аммиак ва масолеҳи сохтмонии намуди пластика) ихроҷкунанда иштирок менамоянд, 20 дарсад ба маоши вазифавӣ иловапулӣ дода мешавад.».

11. Дар қисми дуюми моддаи 15:

- дар сархати дуюм калимаи «маснуоти» ба калимаи «таҷҳизоти» иваз карда шавад;

- сархати даҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- додани хулоса оид ба вазъи бехатарӣ аз сӯхтор;».

12. Дар моддаи 21:

- дар сархати сеюми қисми якум калимаи «амволашон» ба калимаҳои «молу мулкашон» иваз карда шавад;

- ба қисми дуюм сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- барои ҳарчи зудтар ба ҷойи ҳодисаи сӯхтор расонидани воҳидҳои хадамоти давлатии оташнишонӣ мусоидат намоянд;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1992**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №414**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1081**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **аз 5 октябри соли 2009,** (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №9-10, мод. 546) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Аз қисми 1 моддаи 1, қисми 4 моддаи 3, номи боби 2 ва қисми 1 моддаи 17 калимаҳои «ҳокимияти» ва «ҲОКИМИЯТИ» хориҷ карда шаванд.

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Дар қисми 6 моддаи 3 калимаи «адабӣ» ба калимаҳои «тоҷикӣ ва аломатҳои китобати он» иваз карда шавад.

4. Ба қисми 2 моддаи 8 пас аз калимаи «Муассисаҳои» калимаи «таълимии» илова карда шавад.

5. Дар моддаи 9:

- дар қисми 1 калимаҳои «муассисаҳои томактабӣ» ба калимаҳои «муассисаҳои таълимии томактабӣ» иваз карда шаванд;

- ба қисми 2 пас аз калимаи «муассисаҳои» калимаи «таълимии» илова карда шавад.

6. Дар моддаи 18.

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 18. Номгузории мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо»;

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Номгузории мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ сурат мегирад.».

7. Дар моддаи 19;

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 19. Номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин, қисмҳои таркибии онҳо ва объектҳои ҷуғрофӣ»;

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Номгузорӣ ва номивазкунии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳот, деҳа, маҳаллаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳо, пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин, инчунин кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, пиряххо, биёбонҳо ва дигар объектҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегиранд.».

8. Дар моддаи 20:

- дар қисми 1 калимаҳои «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ба калимаҳои «мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд;

- ба қисми 2 пас аз калимаи «тамғаҳои» калимаҳои «корхона, муассиса ва» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1994**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №416**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, №1047**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии амалисозии фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ, самтҳо ва тартиби танзими давлатӣ, инчунин кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи моликиятро дар соҳа муқаррар намуда, ба ҳифз ва афзоиши оилаҳои занбӯри асал, афзунгардонии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва истифодаи босамари занбӯри асал дар гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ равона шудааст.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**1) асали табиӣ –** маҳсулоти ғизоии ширини табиӣ, ки занбӯрҳои корӣ дар давоми фаъолияти ҳаётии худ аз шаҳди растанӣ ё моддаҳои аз қисмҳои зиндаи растаниҳо ҷудогардида истеҳсол мекунанд;

**2) асали ғайритабиӣ** – намуди асал, ки ба асали табиӣ монандии зоҳирӣ дошта, хусусиятҳои табобатӣ надорад ва дар истеҳсоли он занбӯрҳои асал иштирок намекунанд;

**3) варақаи мумӣ –** асоси сунъӣ барои сохтани чашмакҳои шони асал, ки аз варақаи тунуки мумии қолаби чашмакдори андозаҳои муайяндошта сохта мешавад;

**4) гарди гул –** омехтаи гарди гул, ки занбӯрҳои корӣ дар сабадҳои ҷуфти сеюми пойҳои худ ҷамъ оварда, бо илова намудани шаҳд ва моддаҳои ғадуди болоӣ онро ба лӯнда табдил дода, барои омехтан бо асал ба лонаи худ мекашонанд;

**5) занбӯриасалпарварӣ –** соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба парвариш, нигоҳдорӣ ва истифодаи занбӯри асал барои истеҳсоли маҳсулот ва гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ равона шудааст;

**6) занбӯри корӣ** – модазанбӯре, ки қобилияти наслидиҳӣ надошта, растаниҳоро гардолуд карда, шаҳд ва гарди гулро ҷамъ ва маҳсулоти соҳаро истеҳсол мекунад;

**7) зараррасонҳои оилаҳои занбӯри асал** – намудҳои алоҳидаи ҳайвонот, парандаҳо, ҳашарот, ки бо мақсадҳои ба даст овардани ғизо занбӯрҳои асалро маҳв мекунанд ё ба мақсади дарёфт кардани асал қуттиҳои оилаҳои занбӯри асалро вайрон мекунанд;

**8) заҳри занбӯри асал –** маҳсулоте, ки занбӯрҳои корӣ аз ғадудҳои заҳрҷудокунандаи худ ҳосил менамоянд;

**9) зоти занбӯри асал** - гурӯҳи калони оилаҳои занбӯри асал, ки пайдоиши умумӣ ва аломатҳои ба ҳамдигар монанди физиологию фоиданокӣ дошта, дорои арзишҳои зотии аз насл ба наслҳои оянда гузарандаро доранд;

**10) маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ** – маҳсулоте (асали табиӣ, муми сафед, гарди гул, ширеш, шири занбӯр, заҳри занбӯр, гардғизо, инчунин оилаҳои занбӯри асал, модарзанбӯр, кирмакҳои он ва кирмакҳои нарина), ки дар ҷойгоҳҳои қуттиҳои занбӯри асал дар натиҷаи фаъолияти ҳаётии оилаҳои занбӯри асал истеҳсол карда мешавад;

**11) модарзанбӯр – модазанбӯре**, ки қобилияти наслдиҳӣ дорад ва аз нав бавуҷудоварии оилаҳои нави занбӯри асалро таъмин мекунад;

**12) муми сафед** – омехтаи моддаҳои органикӣ, ки занбӯрҳои корӣ барои сохтани шони асал ва маҳкам кардани чашмакҳои он ҳосил менамоянд;

**13) оилаи занбӯри асал** – воҳиди томи биологӣ, ки аз занбӯрҳои корӣ, нарзанбӯрҳо ва модарзанбӯр иборат мебошад ва дар мубодилаи моддаҳо ягонагии умумӣ дорад;

**14) растаниҳои энтомофилӣ** - растаниҳое, ки тавассути ҳашарот гардолуд мешаванд;

**15) селаи занбӯри асал** - оилаи занбӯри асал, ки дар натиҷаи якҷояшавӣ бо модарзанбӯр ба вуҷуд омада, аз оилаи аввалаи модарӣ ҷудо гардидааст;

**16) хоҷагии зотпарварии соҳаи занбӯриасалпарварӣ** – субъекти хоҷагидорие, ки ба парвариши занбӯри асали хушзот, беҳтар намудани хусусиятҳои сифатии он ва таъмини субъектҳои фаъолияти хоҷагидории соҳа бо маводи (маҳсулоти) зотӣ машғул мебошад;

**17) шиносномаи байторию санитарии ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал** – ҳуҷҷате, ки маълумот дар бораи субъекти соҳа, миқдори оилаҳои занбӯри асал, зоти онҳо, ҳолати беҳдошт ва эпизоотии ҳудуди ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал, чорабиниҳои байторӣ ва мӯҳлати амалисозии онҳо, маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ ва маълумоти дигари бо тартиби додани шиноснома муқарраршударо дар бар мегирад.

**18) ширеши занбӯри асал (прополис) –** маҳсулоте, ки занбӯрҳои корӣ аз ширеши ҷудонамудаи растанӣ бо воситаи ғадудҳои мумҳосилкунандаи худ ҳосил менамоянд;

**19) шири занбӯр** – маҳсулоти махсусе, ки занбӯрҳои асал барои ғизодиҳии кирмакҳои модарзанбӯр дар ҳамаи давраҳои инкишофи онҳо ва бевосита барои худи модарзанбӯр истифода менамоянд;

**20) қуттии оилаи занбӯри асал** - таҷҳизоти махсуси аз тарафи инсон сохташуда, ки дар он оилаи занбӯри асал парвариш карда мешавад;

**21) ҷойгоҳи доимии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал** – қитъаҳои замини таъиноти гуногун, биноҳо, бошишгоҳҳои саҳроӣ, иншоотҳо ва объектҳои дигар, ки дар онҳо қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар давраи парвариши занбӯри асал ба таври доимӣ ҷойгир карда мешаванд;

**22) ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал** – қитъаҳои замини махсус таҷҳизонидашуда, ки дар онҳо қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ва асбобу таҷҳизоти зарурӣ барои истеҳсоли маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ ва гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ ҷойгир карда мешаванд;

**23) ҷойгоҳи сайёри қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал –** манбаъҳои асалғундорӣ, ки қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар мавсим ба таври муваққатӣ барои гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ ва истеҳсоли маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ гузошта мешаванд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

### БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**Моддаи 3. Ҳуқуқи фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ амалӣ менамоянд.

2. Субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд иттифоқҳо (иттиҳодияҳо) таъсис диҳанд ва (ё) ба ҳайати онҳо дохил шаванд.

3. Шахсони воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ намебошанд, фаъолиятро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ барои қонеъ гардонидани талаботи шахсии худ дар ҳаҷми то 30 оилаи занбӯри асал амалӣ менамоянд.

**Моддаи 4. Истеҳсол, тайёр кардан ва фурӯши маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ**

1. Истеҳсол ва тайёр кардани маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ, инчунин варақаи мумӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

2. Маҳсулоти аз занбӯри асал истеҳсолшуда ва (ё) тайёркардашуда пас аз ташхиси байторию санитарӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» гузарондашуда ва бо мавҷудияти ҳуҷҷати тасдиққунандаи сифату бехатарии маҳсулот фурӯхта мешавад.

3. Фурӯши маҳсулоти занбӯри асал аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа, новобаста ба шакли моликият, бо риояи тартиби фурӯши молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ дар нуқтаҳои савдои яклухт ва чакана амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 5. Воридот ва содироти маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ**

1. Субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ метавонанд ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти маҳсулоти соҳаро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд. Дар ҳолати ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани асали табиӣ санҷиши мутобиқат оид ба аслият, сифат ва бехатарии ҳар як миқдори он гузаронда мешавад.

2. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ ҳуқуқ доранд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон занбӯри асал ва маҳсулоти соҳаро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати воридоткунанда содирот намоянд.

**Моддаи 6. Ташкили ҷойгоҳҳои қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал**

1. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа бо мақсади ба роҳ мондани фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асалро бо таҷҳизот, асбоб ва дигар захираҳои моддии зарурӣ дар қитъаи замини мувофиқ ташкил мекунанд. Ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар асоси нақшаи минтақабандии зотҳои занбӯри асал дар минтақаи дахлдор ташкил карда мешавад.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ доранд дар сарҳади минтақаҳои наздишаҳрӣ ва минтақаҳои сабз вобаста ба шароити нигаҳдории занбӯри асал мутобиқи меъёр ва қоидаҳои байторию санитарӣ ҷойгиронии миқдори қуттиҳои оилаҳои занбӯри асали шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаро муқаррар намоянд.

3. Тартиби ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар ҳудудҳои ташкилотҳои боғдорию полезкории коллективӣ аз ҷониби маҷлиси умумии ташкилотҳои мазкур муайян карда мешавад.

4. Миқдори қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар ҷойгоҳҳо, ба истиснои ҳолатҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинишуда, маҳдуд карда намешавад.

**Моддаи 7. Бақайдгирии оилаҳои занбӯри асал**

1. Бақайдгирии оилаҳои занбӯри асали дар ҷойгоҳҳои доимӣ ва сайёр дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар як сол як маротиба дар моҳи март амалӣ карда мешавад.

2. Бақайдгирии ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар асоси шиносномаи байторию санитарии аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ додашуда гузаронда мешавад.

3. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа барои сари вақт гирифтани шиносномаи байторию санитарии ҷойгоҳҳои қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал уҳдадор мебошанд.

4. Шакли шиносномаи байторию санитарии ҷойгоҳи қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ва тартиби додани онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 8. Ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал**

1. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар қитъаҳои замини барои истифодабарӣ ҷудогардида ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асалро бо риояи меъёр, қоидаҳои зоотехникӣ ва байторию санитарии нигоҳдории занбӯри асал амалӣ менамоянд.

2. Ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар заминҳои фонди давлатии ҷангал ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар асоси талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ уҳдадоранд қуттиҳои оилаҳои занбӯри асалро дар масофаи барои саломатии одамон бехатар ҷойгир намоянд.

4. Қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар масофаи на камтар аз панҷ метр аз сарҳади қитъаи замин ҷойгир карда мешаванд. Дар ҳолати ғайриимкон будани риояи талаботи мазкур қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар баландии на камтар аз ду метр аз бино, иморат, иншоот, девори яклухт ё буттазори зичи ҳамшафат ҷойгир карда мешаванд.

5. Ҷойгоҳи сайёри қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар масофае гузошта мешавад, ки ба нигоҳубини босамари оилаҳои занбӯри асал ва гардолуд кардани растаниҳои энтомофилӣ мусоидат намояд.

6. Ҷойгоҳи сайёри қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар манбаъҳои асалғундорӣ дар масофаи на кам аз якуним километр аз якдигар ва се километр аз ҷойгоҳи доимии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ҷойгир карда мешавад.

7. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ уҳдадоранд пас аз гузоштани ҷойгоҳҳои сайёри қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ба воҳидҳои сохтори дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шиносномаҳои байторию санитарии ҷойгоҳҳоро пешниҳод намоянд.

8. Интихоби ҷойгоҳи сайёри қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар хати парвози занбӯри асали дар манбаъҳои асалғундорӣ қаблан ҷойгир кардашуда манъ мебошад.

**Моддаи 9. Истифодаи оилаҳои занбӯри асал ва маҳсулоти дигари занбӯриасалпарварӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба парвариши растаниҳои энтомофилӣ машғул мебошанд, бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо метавонанд оилаҳои занбӯри асали дар моликияти худ ва (ё) шахсони дигар қарордоштаро истифода баранд.

2. Истифодаи оилаҳои занбӯри асали дар моликияти шахсони дигар қарордошта барои гардолудкунии растаниҳои асалдор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли бақайдгирии онҳо, амалӣ карда мешавад.

3. Маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ ва иловагиҳои биологии дар асоси он тайёршуда барои табобати аҳолӣ ва ҳайвонот истифода бурда мешаванд. Маводи доруворӣи дар заминаи маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ барои пешгирӣ ва табобати бемориҳо тайёркардашуда пас аз ба Феҳристи давлатии доруворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардан ва гирифтани иҷозати дахлдор истифода бурда мешавад.

**Моддаи 10. Ҷудо кардани қитъаҳои замин барои фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Қитъаҳои замин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда мешаванд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дорои қитъаҳои замини барои ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал мувофиқ дар давраи гулкунии растаниҳои энтомофилӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа барои ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал иҷозат медиҳанд.

**Моддаи 11. Парвариш, истифодаи зотҳо ва гурӯҳҳои бештар арзишдори занбӯри асал**

1. Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар самти парваришу истифодаи зотҳо ва гурӯҳҳои бештар арзишдори занбӯри асал, инчунин беҳтаргардонии зотҳо ва гурӯҳҳои занбӯри асал дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» амалӣ карда мешавад.

2. Бо мақсади таъмини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо зоту гурӯҳҳои бештар арзишдори занбӯри асал, инчунин беҳтаргардонии онҳо дар ҳудудҳои муайян (муҳити табиии зисти онҳо) хоҷагиҳои зотпарварӣ таъсис дода мешаванд.

3. Ворид намудани оилаҳои занбӯри асал ё модарзанбӯрҳои зотҳо ва гурӯҳҳои дигари занбӯри асал, инчунин оилаҳои занбӯри асал ё модарзанбӯрҳои авлодашон номаълум дар ҳудуди минтақаҳои муҳофизатии хоҷагиҳои зотпарварӣ манъ аст.

### БОБИ 3. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**Моддаи 12. Самтҳои асосии танзими давлатии рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Самтҳои асосии танзими давлатии рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз инҳо иборатанд:

1) таъмини алоқамандии манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳифзи генофонди табиии занбӯрҳои асал, истифодаи оқилона ва азнавбавуҷудоварии оилаҳои онҳо;

2) таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва назорати риояи онҳо;

3) дастгирии давлатии рушди занбӯриасалпарварӣ ва мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳа;

4) таъмини иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди занбӯриасалпарварӣ;

5) идоракунии давлатии рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ.

**Моддаи 13. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ мансубанд:

1) амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

2) тасдиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

3) тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият дар соҳа;

4) мусоидат ба ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

5) муқаррар намудани шаклҳои дастгирии давлатии соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

6) муайян намудани тартиби гузарондани сертификатсияи экологии маҳсулоти соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

7) амалӣ намудани салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 14. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ мебошанд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

2) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият дар соҳа ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

3) ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳа ва мусоидат ба ташкили бозори фурӯши маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ;

4) гузарондани таҳқиқоти илмӣ оид ба ҳифзи генофонди занбӯрҳои асал, ба вуҷуд овардан ва афзоиш додани оилаҳои нави зотҳои сермаҳсули занбӯри асал;

5) мониторинги фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ, новобаста ба шакли моликият, ташкили хизматрасонии иттилоотию машваратӣ дар соҳа;

6) ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

7) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) ташхиси беҳдошти байторӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ, санҷиши амалисозии чораҳои зиддиэпизоотӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа;

2) иштирок дар муайян намудани самтҳои асосии беҳтарсозии сифати зотҳои занбӯри асал ва ворид намудани зотҳои нав, аттестатсияи субъектҳои зотпарварии соҳа;

3) назорати риояи чораҳои таъмини бехатарии маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ аз тарафи шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боздоштани фурӯши маҳсулоти пастсифат ва асали ғайритабиӣ;

4) татбиқи тадбирҳои карантинӣ барои барҳамдиҳии манбаъҳои эпизоотии бемориҳои сироятии занбӯри асал;

5) санҷиши риояи қоида ва меъёрҳои ягонаи таъмини офияти байторӣ ва эпизоотӣ дар парвариши зот ва гурӯҳҳои оилаҳои занбӯри асал;

6) назорати воридот, содирот ва интиқоли оилаҳои занбӯри асал, маҳсулоти он, молу ашё ва таҷҳизот барои соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

7) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) бо тартиби муқарраргардида таъмин кардани шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо иттилоот оид ба вазъи муҳити зисти ҷойгоҳҳои қуттиҳои оилаҳои занбури асал;

2) таҳияи пешниҳодҳо оид ба дастрасӣ ба растаниҳои энтомофилӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда барои амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

3) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд кардан, боздоштан ва қатъ гардонидани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад;

4) ташкил кардан ва гузарондани сертификатсияи экологии маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ ваколатҳои зеринро амалӣ менамоянд:

1) таҳия ва тасдиқи барномаҳои маҳаллии рушди занбӯриасалпарварӣ ва назорати иҷрои онҳо;

2) ташкили шароити мусоид барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

3) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 16. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) иштирок дар татбиқи барномаҳои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

2) ҷамъоварии маълумот оид ба ҷойгоҳҳои қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот барои пешниҳод намудан ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

3) ташкили комиссия оид ба муайян намудани зарари ба шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз истифодаи пеститсидҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ расонидашуда;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### БОБИ 4. ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ ДАР СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**Моддаи 17. Объектҳои моликият ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Ба объектҳои моликият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ занбӯрҳои корӣ, нарзанбӯру модарзанбӯрҳо, оилаҳои занбӯри асал, платформа - ядакҳо барои ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал, воситаҳои дигари истеҳсолӣ барои парвариш ва нигоҳдории занбӯрҳои асал, инчунин воситаҳо барои истеҳсол ва коркарди аввалияи маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ дохил мешаванд. Воситаҳои истеҳсол ва коркарди аввалияи маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ асбобу анҷом барои гирифтани асали табиӣ, мум, шир ва заҳри занбӯри асал, тилфи (гомогенати) нарзанбӯри асал ва гарди гулро дар бар мегиранд.

2. Ба субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ мансубанд:

1) воҳидҳои сохтории мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

2) шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

3) хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ;

4) корхонаҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизот ва асбобу анҷом барои соҳа;

5) ташкилоту муассисаҳо оид ба тайёр кардан, коркард ва фурӯши маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ ва дорувориҳо дар заминаи онҳо;

6) ташхисгоҳҳои махсусгардондашуда ва аккредитатсияшуда барои санҷиши бехатарӣ ва сифати маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ, таҳқиқи занбӯрҳои асал бо мақсади ошкор кардани беморӣ ва заҳролудшавии занбӯрҳои асал аз пеститсидҳо;

7) муассисаҳои илмӣ ва таълимии ба занбӯриасалпарварӣ машғулбуда;

8) муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ба тайёр кардан, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи занбӯриасалпарварӣ машғулбуда;

9) иттифоқҳо (иттиҳодияҳо)-и ба фаъолияти соҳаи занбӯриасалпарварӣ алоқаманд.

**Моддаи 18. Ҳуқуқ барои баргардондани селаи занбӯри асали паридарафта**

1. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар ҳолати дунболагирии доимӣ ҳуқуқ дорад селаи занбӯри асали паридарафтаро, ки дар ҳудуди бегона маскун гирифтааст ё дар қуттии бегонаи холӣ ҷойгир шудааст, баргардонад.

2. Соҳиби ҳудуди бегона барои аз худ кардани селаи занбӯри асали паридаомада ҳуқуқ надорад. Дунболагирӣ накардани селаи занбӯри асал аз ҷониби соҳибмулк ҳамчун даст кашидани ӯ аз ҳуқуқи моликият ба ҳамин селаи занбӯри асал дониста мешавад.

**Моддаи 19. Селаи занбӯри асали бесоҳиб**

1. Селаи занбӯри асале, ки аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дунболагирӣ карда намешавад ё селаи занбӯри асали пайдоишаш номаълум, бесоҳиб ҳисобида мешавад.

2. Ҳуқуқи моликият ба селаи занбӯри асали бесоҳиб тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 20. Моликияти умумӣ ба селаҳои занбӯри асали паридарафта**

1. Селаҳои занбӯри асали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар як вақт парида дар як ҷой бо ҳам пайвастаанд, то парида даромадани онҳо ба қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал моликияти умумии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии мазкур ба ҳисоб меравand.

2. Дар ҳолате ки селаҳои занбӯри асал мустақилона ба селаҳои алоҳида тақсим мегарданд, ҳуқуқи моликият ба ҳар селаи занбӯри асал дар асоси қуръапартоӣ муайян карда мешавад.

3. Селаҳои занбӯри асал метавонанд ба моликияти шахси воқеӣ ва ҳуқуқии нархи баланди харидро пешниҳодкарда гузаранд. Дар ин ҳолат маблағи харид байни моликони умумии селаҳои занбӯри асал баробар тақсим карда мешавад.

4. Дар мавриди ба қуттиҳои оилаҳои занбӯр парида даромадани селаҳои занбӯри асали бегона арзиши селаҳои занбӯри асал бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

### БОБИ 5. ҲИФЗИ ЗАНБӮРИ АСАЛ

**Моддаи 21. Ташкил ва таъмини ҳифзи занбӯри асал**

1. Ташкил ва таъмини ҳифзи занбӯри асал бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешаванд.

2. Ташкили ҳифзи занбӯри асал бо назардошти риояи талаботи асосии зерин амалӣ карда мешавад:

1) таъмини хизматрасонии зоотехникии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи истифода ва азнавбавуҷудоварии оилаҳои занбӯри асал;

2) ҳифзи муҳити табиии зисти занбӯри асал, роҳҳои парвози занбӯри асал ва интиқоли қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ба ҷойгоҳҳои онҳо;

3) таъмини хизматрасонии байторию санитарии занбӯри асал.

3. Ҳифзи занбӯри асал бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

1) татбиқи чораҳо барои пешгирии расонидани зарар ва нобудкунии барқасдонаи оилаҳои занбӯри асал;

2) пешгирии заҳролудшавии занбӯри асал аз воситаҳои муҳофизати растаниҳо, нуриҳои минералӣ, дигар маводи кимиёвӣ ва биологӣ;

3) мусоидат ба бемамониат интиқол додани қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ба ҷойгоҳҳои онҳо;

4) ташкили таҳқиқоти илмии ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи занбӯри асал равонашуда;

5) тавассути воситаҳои ахбори омма тарғиб намудани фаъолияти соҳа, зарурати ҳифзи занбӯри асал ва рекламаи маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ;

6) таъмини ҷойгиронии миқдори зарурии оилаҳои занбӯри асал дар минтақаҳо;

7) мусоидат ба фаъолияти ба ҳифз ва нигоҳдории занбӯри асал равонагардида;

8) ташкили дастгирии давлатии соҳаи занбӯриасалпарварӣ;

9) риоя кардани меъёрҳо ва қоидаҳои зоотехникӣ, байторию санитарии нигоҳдории занбӯри асал ва ҷойгиронии қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар манбаъҳои асалғундорӣ;

10) риояи талаботи ҳифзи муҳити зист, роҳҳои парвози занбӯри асал ва интиқоли қуттиҳои оилаҳои занбури асал ба ҷойгоҳҳои онҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

4. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо метавонад сабаби камшавии оилаҳои занбӯри асал гардад, барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити табиии зисти онҳо ва растаниҳои барои занбӯриасалпарварӣ аҳамияти махсусдошта уҳдадор мебошанд.

**Моддаи 22. Ҳифзи занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисти он**

(Давомаш дар саҳ. 8)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**(Идома аз саҳ. 7)**

1. Амалигардонии тадбирҳои ҳифзи занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисти он дар раванди фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ, истифодаи ҷангал, пешбурди корҳои иктишофи геологӣ, истихроҷи маъдан, муайян намудани мавзеъҳои чаронидану рондани ҳайвоноти кишоварзӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ, ташкили ҷойҳои истироҳати оммавии аҳолӣ, гузаронидани машқҳои мудофиаи граждании аҳолӣ ва санҷишҳои ҳама гуна техника пешбинӣ карда мешавад.

2. Дар шароити муҳити табиии зист вайронкунии хонаҳои оилаҳои занбӯри асал дар ковокии дарахтҳо ва дигар ҷойҳои зисти онҳо, инчунин гирифтани асал манъ аст.

3. Буридани дарахтон ва буттаҳои табиии манбаъҳои асалғундорӣ дар ҳудудҳое, ки аз ҷойгоҳҳои доимӣ дар масофаи наздиктар аз се километр воқеъ мебошанд, ба истисноi ҳолатҳои беҳтар намудани вазъи санитарии ҷангалҳо ва зиёд кардани шумораи ниҳолҳо, манъ аст.

4. Ҳангоми ба фаъолияти ҳаётии инсон халал ворид кардани оилаи занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисти он, аз тарафи мутахассисони соҳаи занбӯриасалпарварӣ чунин оилаи занбӯри асал кӯчонида ё ҳангоми имконнопазирии кӯчонидан нобуд карда мешавад.

5. Фаъолият оид ба истифодаи хусусиятҳои фоидаовари занбӯри асал ва ҷамъоварии маҳсулоти занбӯри асал дар муҳити табиии зисти онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 23. Пешгирии заҳролудшавии занбӯри асал аз истифодаи воситаҳои муҳофизати растаниҳо, нуриҳои минералӣ, маводи дигари кимиёвӣ ва биологӣ**

1. Истифодаи воситаҳои муҳофизати растаниҳо, нуриҳои минералӣ, маводи дигари кимиёвӣ ва биологӣ барои коркарди растаниҳои манбаъҳои асалғундорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Номгӯйи воситаҳои муҳофизати растаниҳо, нуриҳои минералӣ, маводи дигари кимиёвӣ ва биологӣ барои коркарди растаниҳо дар манбаъҳои асалғундорӣ истифодашаванда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 24. Мусоидат ба интиқоли қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал**

1. Интиқоли қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал бо риояи қоидаҳои байторию санитарӣ тавассути платформа - ядакҳо, дӯконҳои сайёр ва воситаҳои махсус муҷаҳҳазшуда, ки ба таҷҳизоти технологии соҳаи кишоварзӣ мансуб мебошанд, аз рӯи хатсайрҳои бо мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда анҷом дода мешавад.

2. Барои пешгирии нобудшавии оилаҳои занбӯри асал дар ҳолати якбора баландшавии ҳарорат ва рутубати ҳавои қуттиҳои занбӯри асал ба муҳлати беш аз 15 дақиқа боздоштани воситаҳои нақлиёти барои интиқол истифодашаванда аз ҷониби мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ иҷозат дода намешавад, агар боздошти мазкур ба назорати риояи қоидаҳои интиқол ва (ё) ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт вобаста набошад.

3. Боздоштани воситаҳои нақлиёти барои интиқоли қуттиҳои оилаҳои занбӯри асал ба ҷойгоҳҳои муваққатии онҳо истифодашаванда бояд бо риояи тадбирҳои бехатарӣ барои оилаҳои занбӯри асал амалӣ карда шавад. Дар мавриди пайдоиши зарурат мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ ба интиқоли бемонеаи қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал мусоидат менамоянд.

**Моддаи 25. Хабардоркунии шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа оид ба шароити барои занбӯри асал хатардошта**

1. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани иттилооти саривақтӣ, пурра ва саҳеҳи вазъи табиии муҳити зист, инчунин шароити барои занбӯри асал хатардошта (ҳодисаҳои табиӣ, зуҳуроти тағйирёбии обу ҳаво ва пешгӯйии онҳо) ҳуқуқ доранд. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа оид ба вазъи муҳити зист, инчунин шароити барои занбӯри асал хатардошта тавассути воситаҳои ахбори омма хабардор карда мешаванд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки воситаҳои муҳофизати растаниҳо, нуриҳои минералӣ, маводи дигари кимиёвӣ ва биологиро барои коркарди растаниҳо истифода мебаранд, уҳдадоранд шахсан, дар шакли хаттӣ ё тавассути воситаҳои ахбори омма се шабонарӯз пеш аз истифодаи онҳо шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаро, ки ҷойгоҳҳои онҳо дар масофаи то панҷ километр аз майдонҳои коркардашаванда воқеъ гардидаанд, оид ба номгӯйи маводи истифодашаванда, заҳрнокӣ ва муҳлати маҳдудияти фаъолият хабардор намоянд.

**Моддаи 26. Пешгирии бемориҳои занбӯри асал, табобати онҳо ва мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон**

1. Пешгирии бемориҳои занбӯри асал, табобати онҳо ва мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории бойтории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа барои татбиқи чорабиниҳои пешгирии бемориҳои занбӯри асал, аз ҷумла бемориҳои аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ ба номгӯйи бемориҳои махсусан хавфнок воридкардашуда, табобати онҳо ва мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони занбӯри асал уҳдадор мебошанд.

3. Шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа барои татбиқи чорабиниҳои пешгирии бемориҳои занбӯри асал, табобати онҳо ва мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони занбӯри асал метавонанд шахси воқеӣ ва ҳуқуқиеро, ки барои амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи байторӣ иҷозатномаи дахлдор доранд, ҷалб намоянд.

4. Ҳангоми ошкор кардани бемориҳои занбӯри асал шахсони воқеӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа уҳдадоранд бе таъхир мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқавориро хаттӣ хабардор намоянд.

**БОБИ 6.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 27. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ амалӣ менамояд.

2. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои таҳқиқоти илмии муштарак, таҳия ва татбиқи барномаҳои байналмилалӣ, мубодилаи иттилоот ва омӯзиши таҷриба, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, намоишгоҳ ва ярмаркаҳо, узвият дар ташкилотҳои байналмилалии соҳаи занбӯриасалпарӣ ва шаклҳои дигар амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 28. Ҳалли баҳсҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Баҳсҳо дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 29. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 30. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» аз 16 апрели соли 2012 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 270) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 31. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1993**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №415**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2012, №693 «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2012, №2, мод.76) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1105**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАОРИФ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 532; с. 2014, № 3, мод. 156, № 7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, № 7, мод. 624; с. 2017, № 7-9, мод. 581; с. 2018, № 5, мод. 278; с. 2020, № 12, мод. 912; с. 2021, № 12, қ. 2, мод. 706; с. 2022, № 7, мод. 447) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати панҷуми қисми 7 моддаи 55 калимаҳои «ворид мешаванд» ба калимаҳои «ба суратҳисоби бонкии муассисаи таълимӣ ворид мегарданд» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 58:

- ба қисми 3 пас аз калимаи «муқаррарот» калимаҳои «ба суратҳисоби бонкии муассисаи таълимӣ» илова карда шаванд;
- ба қисми 7 пас аз калимаи «шартнома» калимаҳои «, ки маблағи он ба суратҳисоби бонкии муассисаи таълимӣ ворид мегардад,» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1995**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №417**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1135**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ»

**Моддаи 1**. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 5, мод. 338; с. 2014, № 7, қ. 2, мод. 423; с. 2016, № 7, мод. 628; с. 2017, № 7-9, мод. 584; с. 2018, № 5, мод. 280; с. 2021, № 12, қ. 2, мод. 709) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 11 моддаи 13 пас аз калимаҳои «(мувофиқи шартнома)» калимаҳои «ба суратҳисоби бонкии муассисаи таълимӣ» илова карда шаванд.

2. Қисми 3 моддаи 36 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ дорад дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ қабули донишҷӯёнро тибқи шартнома бо пардохти арзиши таҳсил аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба суратҳисоби бонкии муассисаи таълимӣ амалӣ намояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1996**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №418**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, № 1137**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИХТИРОЪ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» аз 28 феврали соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 49; с. 2012, №7, мод. 707; с. 2013, №3, мод. 199; с. 2016, №11, мод. 888; с. 2019, №1, мод. 15) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми панҷуми моддаи 12, қисми якуми моддаи 19 ва қисмҳои шашум ва ҳафтуми моддаи 27 калимаҳои «пардохти боҷ» ва «боҷ» ба калимаи «пардохт» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми ёздаҳуми моддаи 20, қисми ёздаҳуми моддаи 21 ва қисми якуми моддаи 34 калимаҳои «пардохта шудани боҷи» ва «пардохти боҷи» ба калимаи «пардохти» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 25 калимаҳои «пардохта шудани боҷ», «пардохти боҷ», «пардохти боҷи» ва «пардохтани боҷро» мувофиқан ба калимаҳои «пардохт», «пардохт», «пардохти» ва «пардохтро» иваз карда шаванд.

4. Дар сархати сеюми қисми якуми моддаи 33 калимаҳои «напардохтани боҷи» ба калимаҳои «насупоридани пардохти» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 39:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 39. Пардохтҳо**»;

- дар матни модда калимаҳои «боҷ», «пардохтҳои корбарӣ», «пардохтҳои корбариро» ва «Боҷ ва пардохтҳои корбариро» мувофиқан ба калимаҳои «пардохт», «пардохт», «пардохтро» ва «Пардохтро» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1997**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №419**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, № 1139**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 1, мод. 681; с. 2022, №1-3, мод. 18; с. 2022, №12, қ. 2, мод. 774; с. 2023, №1-3, мод. 8) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 248 қисми 10 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«10. Арзиши амалиёти андозбандишаванда оид ба таҳвили минбаъдаи гази табиӣ, ки мутобиқи сархати ҳаждаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси мазкур ҳангоми воридот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад, фарқияти мусбати байни арзиши таҳвили гази табиӣ (бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда) ва арзиши гумрукии он (бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда) мебошад. Дар ҳолатҳои ба миён омадани фарқияти манфии арзиши амалиёти андозбандишавандаи моли воридшуда, чунин фарқият барои ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда баробари сифр қабул карда мешавад.».

2. Дар сархати ҳабдаҳуми қисми 4 моддаи 251 аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархати ҳаждаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- воридоти гази табиӣ.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2000**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №422**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 октябри соли 2023, №1060**

# КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кодекси мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи фазои ҳавоӣ ва амалисозии фаъолиятро дар соҳаи авиатсия бо мақсади қонеъ гардондани талаботи шаҳрвандон ва иқтисодиёт ба интиқоли ҳавоӣ ва корҳои авиатсионӣ, таъмини бехатарии парвози киштиҳои ҳавоӣ, инчунин таъмини бехатарӣ ва ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## БОБИ 1.
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Соҳибихтиёрӣ нисбат ба фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрии комил ва истисноиро нисбат ба фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон доро мебошад.

**Моддаи 2. Доираи амали Кодекси мазкур**

Кодекси мазкур нисбат ба муносибатҳое, ки ҳангоми истифодаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – фазои ҳавоӣ) аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ ё дар рафти амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи авиатсия, аз ҷумла интиқоли ҳавоӣ ба вуҷуд меоянд, инчунин ҳангоми берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани киштиҳои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, татбиқ мегардад, агар қонунгузории давлати қабулкунанда ё шартномаҳои байналмилалӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

**Моддаи 3. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Кодекси мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**1) аэродром** – қитъаи муайяни сатҳи замин ё об (аз ҷумла ҳама гуна бино, иншоот ва таҷҳизот), ки пурра ё қисман барои нишаст, парвоз ва ҳаракати киштиҳои ҳавоӣ пешбинӣ шудааст;

**2) узви ҳайати парвозӣ** – узви ҳайати парвозии шаҳодатномадошта, ки ба зиммаи ӯ вазифаҳои мушаххас вобаста ба идораи киштии ҳавоӣ дар вақти парвоз вогузор шудаанд;

**3) бағоҷ –** молу мулки бастабандишудаи мусофир, ки тибқи меъёрҳои муқарраргардида тавассути киштии ҳавоӣ интиқол дода мешавад;

**4) барномаи давлатӣ оид ба бехатарии парвозҳо** – маҷмӯи қоидаҳо, чорабиниҳо ва нақшаҳои мувофиқашудаи амалҳо, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи бехатарии парвозҳо равона шудаанд;

**5) бехатарии авиатсионӣ** – ҳифзи авиатсияи гражданӣ аз ҳолатҳои дахолати ғайриқонунӣ, ки тавассути чорабиниҳо ва ҷалби захираҳои инсонӣ ва моддию техникӣ амалӣ карда мешавад;

**6) бехатарии парвозҳо** – ҳолате, ки зимни он хавфҳои марбут ба фаъолияти авиатсионӣ, ки ба истифодабарии киштиҳои ҳавоӣ дахл дорад ё бевосита чунин истифодабариро таъмин менамояд, то сатҳи имконпазир кам ва назорат карда мешавад;

**7) бор -** ҳама гуна молу мулки бо тартиби муқарраргардида тавассути киштии ҳавоӣ интиқолдиҳанда, ба истиснои почта, захираҳои дохиликиштӣ ва бағоҷ (ҳамроҳишаванда ё ирсолшаванда);

**8) бори дастӣ** – молу мулки мусофир, ки мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи интиқолдиҳанда барои интиқол дар дохили киштии ҳавоӣ иҷозат дода шудааст;

**9) борқабулкунанда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби боринтиқолдиҳанда барои қабули бор дар нуқтаи таъинот дар асоси шартнома ё санади дигари ҳуқуқӣ ваколатдор шудааст;

**10) боринтиқолдиҳанда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки тибқи шартномаи интиқоли бор аз номи худ ва ё аз номи соҳиби бори дар борхати авиатсионӣ зикргардида амал мекунад;

**11) борхати авиатсионӣ** – ҳуҷҷати дорои маълумот оид ба бор, ки барои бақайдгирӣ ва назорати гардиши он пешбинӣ гардида, далели интиқол, аз ҷумла баста шудани шартномаро байни боринтиқолдиҳанда ва интиқолдиҳанда оид ба интиқоли бор тасдиқ менамояд;

**12) борҳои хатарнок -** маснуот ё моддаҳое, ки метавонанд барои ҳаёт, саломатӣ, молу мулки мусофирон, бехатарии киштии ҳавоӣ ва (ё) муҳити атроф хатар эҷод намуда, дар Номгӯйи борҳои хатарнок дарҷгардидае, ки дар дастурамалҳои техникӣ зикр шудаанд ё мутобиқи ин дастурамалҳо тасниф гардидаанд;

**13) интиқолдиҳанда** – истифодабаранда, ки интиқоли ҳавоии мусофирон, бағоҷ, бор ва почтаро амалӣ намуда, барои машғул шудан бо чунин навъи фаъолият дар соҳаи авиатсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома дорад;

**14) интиқоли ҳавоии дохилӣ** – интиқоли ҳавоие, ки зимни он нуқтаи парвоз, нуқтаи таъинот ва ҳама нуқтаҳои нишасти киштии ҳавоӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд;

**15) интиқоли ҳавоии тиҷоратӣ** – парвози киштии ҳавоӣ бо мақсади интиқоли мусофирон, бор ва ё почта ба таври музднок ё кироя;

**16) интиқоли ҳавоии байналмилалӣ**– интиқоли ҳавоие, ки зимни он нуқтаи оғоз ва нуқтаи анҷоми парвоз мутаносибан дар ҳудуди ду давлат ё дар ҳудуди як давлат ҷойгир шудаанд, агар нуқтаи (нуқтаҳои) нишаст дар ҳудуди давлати дигар пешбинӣ шуда бошад;

**17) интиқоли мунтазам** – интиқоле, ки аз рӯйи хатсайрҳои муқарраргардида тибқи ҷадвали тасдиқшудаи ҳаракат анҷом дода мешавад;

**18) интиқоли транзитӣ** – интиқоли мусофирон, бағоҷ, бор ва почта аз як нуқта ба нуқтаи дигар тавассути нуқтаи фосилавӣ аз ҷониби як интиқолдиҳанда;

**19) интиқоли трансфертӣ** – интиқоли мусофирон ва бағоҷ аз нуқтаи оғози парвоз то нуқтаи таъинот бо парвози як ё якчанд интиқолдиҳанда бо нишастҳои фосилавӣ дар нуқтаи трансфертӣ;

**20) истифодабаранда** – шахс, ташкилот ё корхона, ки ба истифодабарии киштиҳои ҳавоӣ ё пешниҳоди хизматрасониҳо дар ин соҳа машғул мебошад;

**21) киштии ҳавоӣ –** ҳама гуна дастгоҳ, ки дар атмосфера аз ҳисоби таъсири амали мутақобили он бо ҳаво, ба истиснои ҳавои аз сатҳи замин радшаванда, нигоҳ дошта мешавад;

**22) киштиҳои ҳавоии бесарнишин** – ҳамаи намудҳои дастгоҳ, ҳавопаймо, чархболе, ки бе сарнишини (ҳайати) дар дохили он буда парвоз менамояд ва ба таври фосилавӣ идора карда мешавад;

**23) корхонаи авиатсионӣ** – шахси ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликият, ки мақсади асосии фаъолияти он ба таври музднок амалӣ намудани интиқоли ҳавоии мусофирон, бағоҷ, бор, почта ва (ё) иҷрои корҳои авиатсионӣ мебошад;

**24) корҳои авиатсионӣ** – корҳое, ки бо истифода аз киштиҳои ҳавоӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, ҳифзи муҳити зист, инчунин дар самти расондани кумаки тиббӣ ва мақсадҳои дигар иҷро карда мешаванд;

**25) коршоямии парвозии киштии ҳавоӣ** – ҳолати техникии киштии ҳавоӣ, ки ба нишондиҳандаҳои муқарраргардидаи парвозию техникӣ, сохти намунавӣ мувофиқат намуда, истифодабарии бехатар ва парвози сифатнок онро таъмин менамояд;

**26) кумаки пеш аз табибӣ** – ёрии таъҷилие, ки ба мусофири ниёзманд то пешниҳоди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ расонда мешавад;

**27) қоидаҳои авиатсионӣ** - санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои хусусияти умумидоштаро муқаррар карда, тартиби ташкил ва амалӣ намудани фаъолиятро дар соҳаи авиатсия танзим менамоянд;

**28) қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ** – санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои намунавии танзимкунандаи тартиби интиқоли мусофир, бағоҷ ва борро аз ҷониби корхонаҳои авиатсионӣ муқаррар менамоянд;

**29) майдони нишаст** – қитъаи замин, ях, сатҳи иншоот, аз ҷумла сатҳи иншооти шинокунанда ё минтақаи обӣ, ки барои парвоз, нишаст ва ё барои парвозу нишасти муваққатӣ ё доимӣ, ҳаракат ва таваққуфи киштии ҳавоӣ пешбинӣ шудааст;

**30) мусофир** – шахси воқеие, ки шартномаи интиқоли ҳавоиро бастааст;

**31) нақлиёти ҳавоӣ** – намуди нақлиёте, ки ба авиатсияи гражданӣ мансуб буда, барои интиқоли мусофирон, бағоҷ, бор, почта ва ё иҷрои корҳои авиатсионӣ пешбинӣ шудааст;

**32) нигоҳдории техникии киштиҳои ҳавоӣ** – маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба амалӣ намудани истифодабарии техникии киштиҳои ҳавоӣ (хизматрасонии техникӣ, таъмир, назорати ҳолати техникӣ, муҳофизат) тибқи талаботи муқарраргардида равона гардидаанд;

**33) низоми авиатсионии бесарнишин** – киштии ҳавоӣ ва ҷузъиёти ба он вобаста, ки бе сарнишини (ҳайати) дар дохили он буда идора карда мешаванд;

**34) низоми идораи бехатарии парвозҳо -** муносибати бомаром нисбат ба идораи бехатарии парвозҳо, ки аз сохтори зарурии ташкилӣ, тақсимоти масъулият, уҳдадориҳо, принсипҳо ва қоидаҳои роҳбарикунанда иборат мебошад;

**35) низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ** - низоме, ки бехатарии истифодаи фазои ҳавоӣ ва сатҳи имконпазири бехатарии парвозҳоро ҳангоми хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ таъмин менамояд;

**36) санади тиҷоратӣ** – ҳуҷҷати шакли муайяни тасдиққунандаи ҳолатҳое, ки метавонанд барои ҷавобгарии молу мулкии интиқолдиҳанда, мусофир, боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда асос гарданд;

**37) сарҳавонаварди киштии ҳавоӣ** - шахсе, ки аз ҷониби истифодабаранда (соҳибмулк)-и киштии ҳавоӣ таъин гардида, барои идораи мустақилонаи ин навъи киштии ҳавоӣ тайёриву таҷрибаи дахлдор дошта, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатномаи дахлдори ҳавонавардро доро мебошад;

**38) супоришномаи парвоз** – ҳуҷҷати шакли муайян, ки тибқи он аъзои ҳайати парвозӣ барои парвоз муқаррар карда мешаванд;

**39) тамғагузории бор, бағоҷ, бори дастӣ** – сабти рамз, рақам ва аломатҳои дорои маълумот оид ба борқабулкунанда, қоидаҳои муносибат ба бор ва пуррагии он дар рӯйи бор, бағоҷ ё бори дастӣ, ки ҳамзамон чунин навиштаҷот метавонад дар рӯйи зарф ё борпечи бор сабт карда шавад;

**40) таъминоти иттилоотии аэронавигатсионӣ** – маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҷамъоварӣ, таҳлил, коркард, нашр (инъикос) ва саривақт таъмин намудани мутахассисони манфиатдори авиатсионӣ бо маълумоти пурра ва боэътимоди авиатсионие, ки барои ташкил ва анҷом додани парвозҳо, хизматрасонии онҳо заруранд ва ба баланд бардоштани бехатарии парвозҳо, сифат ва эътимоднокии аэронавигатсия равона шудаанд;

**41) таъминоти метеорологии аэронавигатсионӣ** – маҷмӯи чорабиниҳои ташкилию техникии ба таъмини бехатарӣ ва самаранокии иқтисодии парвозҳо равонашуда бо роҳи ба ҳайати парвозии киштиҳои ҳавоӣ, ташкилоти хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ ва мақомоти дигари бо банақшагирӣ ва таъминоти парвозҳо алоқаманд, пешниҳод намудани иттилооти метеорологие, ки барои иҷрои вазифаҳои онҳо зарур мебошад;

**42) таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ -** маҷмӯи чорабиниҳои ташкилию техникӣ, ки барои дар омодагии доимӣ нигоҳ доштани объектҳо ва воситаҳои навигатсия, мушоҳида ва алоқа бо мақсади бо иттилооти радиолокатсионӣ, радионавигатсионӣ ва алоқаи барқии авиатсионӣ таъмин намудани истифодабарандагони фазои ҳавоӣ ва ташкилоти хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ равона гардидаанд;

**43) фазои ҳавоӣ** – фазои аз сатҳи замин ва об ба боло тӯлкашида дар ҳудуди сарҳади давлатӣ;

**44) фурудгоҳ** – маҷмӯи иншоот, ки аэродром, аэровокзал ва иншооти дигари зарурии барои қабулу гусели киштиҳои ҳавоӣ, хизматрасонии интиқоли ҳавоӣ равонагардидаро дар бар гирифта, барои ин мақсадҳо дорои таҷҳизоти зарурӣ, мутахассисони авиатсионӣ ва кормандони дигар мебошад;

**45) фурудгоҳи байналмилалӣ** – фурудгоҳе, ки аз ҷониби давлат барои дар ҳудуди худ қабулу гусели киштиҳои ҳавоии иҷрокунандаи парвозҳои байналмилалӣ муайян карда шуда, дар он назорати гумрукӣ, сарҳадӣ, санитарию карантинӣ (ҳангоми интиқоли ҳайвонот ва растанӣ) ва намудҳои дигари назорати ҳатмӣ ба амал бароварда мешаванд;

**46) хатсайр** – масири пешакӣ ҳисобшудаи парвози киштии ҳавоӣ дар байни нуқтаҳои оғоз ва анҷоми парвоз;

**47) хизматрасонии аэронавигатсионӣ** – хизматрасонии истифодабарандагони фазои ҳавоӣ, ки хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ, пешниҳоди иттилооти метеорологӣ ва аэронавигатсиониро дар тамоми марҳилаҳои парвози киштии ҳавоӣ дар бар мегирад;

**48) хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ -** хизматрасонии парвозию иттилоотӣ, огоҳсозии садамавӣ, хизматрасонии машваратии ҳаракати ҳавоӣ, хизматрасонии танзимгарии ҳаракати ҳавоӣ (хизматрасонии танзимгарии минтақавӣ, хизматрасонии танзимгарии наздикшавӣ ё хизматрасонии танзимгарии аэродромии киштии ҳавоӣ) вобаста ба ҳолатҳои дахлдор.

**Моддаи 4. Қонунгузории фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қонунгузории фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

## БОБИ 2.
## ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ АВИАТСИЯ

**Моддаи 5. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ, ташкилӣ ва ғайраро пешбинӣ менамояд, ки ба иҷрои вазифаҳои зерин равона шудаанд:

1) таъмини бехатарӣ ва истифодаи оқилонаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия;

2) таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ;

3) такмили фаъолияти авиатсионӣ;

4) ҳамкории мутақобилан судманд бо давлатҳои хориҷӣ доир ба истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия.

**Моддаи 6. Танзими давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ**

Танзими давлатиро дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ мақомоти зерин амалӣ менамоянд:

1) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ – танзими пурраи давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ;

2) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ – танзими давлатии фаъолият дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ, ки бо тартиби муқарраргардида барои парвозҳои авиатсияи гражданӣ ҷудо шудааст (роҳҳои ҳавоии дохилӣ ва байналмилалӣ, хатҳои ҳавоии маҳаллӣ, минтақаҳои корҳои авиатсионӣ, аэродромҳои гражданӣ, аэродромҳои обӣ ва майдони нишаст);

3) комиссияи байниидоравӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ – танзими умумии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ.

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия мансубанд:

1) таҳияи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия;

2) фароҳам овардани шароит барои қонеъ гардондани талаботи иқтисодиёт ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, авиатсия ва хизматрасониҳои бо онҳо алоқаманд;

3) ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия;

4) таъмин ва амалӣ намудани назорат оид ба риояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони фазои ҳавоӣ ва авиатсия;

5) роҳбарии умумии комиссияи байниидоравӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ, тасдиқи ҳайат ва низомномаи он;

6) тасдиқи сохтор ва низомномаҳои мақомоти танзимкунандаи давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия;

7) тасдиқи қоидаҳои махсуси ташкил ва таъмини парвозҳои литерӣ ва таҳтиназоратӣ;

8) тасдиқи барномаҳои миллӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия, омода намудани мутахассисон;

9) қабули қарор дар бораи кушодани фурудгоҳи байналмилалӣ, аэродромҳои ҷойгиршавии муштарак ва аэродромҳои истифодаи муштарак;

10) амалӣ намудани салоҳияти дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ дар қисми танзими пурраи давлатии истифодаи фазои ҳавоӣ тибқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ**

Ба ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ дохил мешаванд:

1) татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ, фароҳам овардани шароит барои таъмини бехатарии парвозҳо;

2) ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ бо мақомоти дигари давлатӣ, инчунин бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

3) таҳия ва татбиқи нақшаҳои давлатӣ ва барномаҳои давлатии рушди авиатсияи гражданӣ ва истифодаи фазои ҳавоӣ;

4) амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ;

5) ташкили истифодаи фазои ҳавоӣ;

6) таҳия ва татбиқи стандартҳои миллии коршоямии парвозии киштиҳои ҳавоӣ, низом ва воситаҳои таъмини парвозҳо ва хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, инчунин қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ;

7) таҳияи стандартҳо ва меъёрҳои истифодабарии парвозӣ ва техникии киштиҳои ҳавоӣ, талаботи тахассусӣ нисбат ба мутахассисони авиатсионӣ;

8) таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба бехатарии парвозҳо ва бехатарии авиатсионӣ, муқаррар намудани тартиби таҳия ва татбиқи низоми идораи бехатарии парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ;

9) мусоидат ҷиҳати гузарондани тағйироти институтсионалӣ ва сохторӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ;

10) таҳлили маҷмӯии фаъолият ва дурнамосозии рушди авиатсияи гражданӣ, таҳияи тавсияҳо ва татбиқи тадбирҳо оид ба таъмини фаъолият ва рушди устувори он;

11) ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба омилҳои хатарнок ва хавфҳо, ки ба бехатарии парвозҳо таҳдид менамоянд, нигоҳдорӣ ва мубодилаи ин гуна маълумот;

12) таъмини назорати фаъолияти сертификатсионӣ ва додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ;

13) аккредитатсияи намояндагиҳо ё филиалҳои ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ, ки интиқоли ҳавоиро ба (аз) Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;

14) таъмини назорати идоравии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ;

15) амалӣ намудани ваколатҳои дигар, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

## БОБИ 3.
## ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ПАРВОЗҲО

**Моддаи 10. Бехатарии парвозҳо**

Таҳвилгарони хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ, истифодабарандагони фурудгоҳҳо, аэродромҳо ва киштиҳои ҳавоӣ, ташкилотҳо оид ба хизматрасонии техникии киштиҳои ҳавоӣ, корхонаҳои масъул барои конструксияи навъ ё истеҳсоли киштиҳои ҳавоӣ, муҳаррикҳо ё парраҳои ҳавоӣ ва муассисаҳои таълимии авиатсионӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ ва пешниҳоди хизматрасониҳо барои таъмини бехатарии парвозҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

**Моддаи 11. Барномаи давлатӣ оид ба бехатарии парвозҳо**

Бо мақсади идораи бехатарии парвозҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатӣ оид ба бехатарии парвозҳоро қабул намуда, дар он принсипҳо, қоидаҳо ва чорабиниҳои ба ноилшавӣ ва дастгирии сатҳи имконпазири таъмини бехатарии парвозҳо дар авиатсияи гражданӣ равонашударо мутобиқ ба стандартҳо ва таҷрибаи тавсияшавандаи Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 12. Низоми идораи бехатарии парвозҳо**

1. Мақоми ваколатори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ тибқи тартибе, ки дар доираи таъмини татбиқи барномаи давлатӣ оид ба бехатарии парвозҳо муқаррар гардидааст, тартиби таҳия ва татбиқи низоми идораи бехатарии парвозҳоро барои таҳвилгарони хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ, истифодабарандагони фурудгоҳҳо, аэродромҳо ва киштиҳои ҳавоӣ, ташкилотҳо оид ба хизматрасонии техникии киштиҳои ҳавоӣ, корхонаҳои масъул барои конструксияи навъ ё истеҳсоли киштиҳои ҳавоӣ, муҳаррикҳо ё парраҳои ҳавоӣ ва муассисаҳои таълимии авиатсионӣ муқаррар менамояд.

2. Таҳвилгарони хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ, истифодабарандагони фурудгоҳҳо, аэродромҳо ва киштиҳои ҳавоӣ, ташкилотҳо оид ба хизматрасонии техникии киштиҳои ҳавоӣ, корхонаҳои масъул барои конструксияи навъ ё истеҳсоли киштиҳои ҳавоӣ, муҳаррикҳо ё парраҳои ҳавоӣ ва муассисаҳои таълимии авиатсионӣ низоми идораи бехатарии парвозҳоро дар асоси барномаи давлатӣ оид ба бехатарии парвозҳо ҷорӣ менамоянд.

3. Тартиби ташкил ва истифодаи низоми идораи бехатарии парвозҳо бо Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

**Моддаи 13. Назорати таъмини бехатарии парвозҳо**

Бо мақсади идораи бехатарии парвозҳо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ назоратро оид ба таъмини бехатарии парвозҳо мутобиқи стандартҳо ва таҷрибаи тавсияшавандаи Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ амалӣ менамояд.

## БОБИ 4.
## ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ ФАЗОИ ҲАВОӢ ВА ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ АВИАТСИЯ

**Моддаи 14. Истифодаи фазои ҳавоӣ**

1. Истифодабарандагони фазои ҳавоӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие шуда метавонанд, ки фаъолиятро оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ анҷом медиҳанд ва дар раванди он дар фазои ҳавоӣ ҳаракат ё ҷойгиршавии объектҳои гуногуни моддӣ (парвози киштиҳои ҳавоӣ, мушакҳо, дастгоҳҳои дигари парвозкунанда ё сохтмони иншооти баландошёна, ба кор даровардани мисборҳо), инчунин гузарондани корҳои таркишӣ, ба атмосфера партофтани афканишоти электромагнитӣ ё афканишоти дигар, моддаҳои хатарнок, ки дидашавандагиро паст ва ба бехатарии ҳаракати ҳавоӣ таҳдид менамоянд, ба амал меоянд.

2. Қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 15. Принсипҳои истифодаи фазои ҳавоӣ**

Истифодаи фазои ҳавоӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) аҳамияти фазои ҳавоӣ ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон;

2) муносибат ба истифодаи фазои ҳавоӣ ҳамчун объекти моликияти давлатӣ;

3) истифодаи мақсадноки захираҳои фазои ҳавоӣ;

4) афзалияти истифодаи фазои ҳавоӣ барои эҳтиёҷоти давлат ва аҳолӣ;

5) коҳиш додан ва пешгирӣ намудани ифлосшавии фазои ҳавоӣ;

6) иштироки тарафҳои манфиатдор дар омода ва қабул намудани қарорҳо оид ба истифодаи захираҳои фазои ҳавоӣ;

7) дастрасии баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи истифодаи фазои ҳавоӣ;

8) истифодаи оқилона ва самараноки фазои ҳавоӣ;

9) ҳифзи фазои ҳавоӣ;

10) роҳ надодан ба таъсири аз меъёр зиёд ба муҳити зист ҳангоми истифодаи фазои ҳавоӣ;

11) ҷуброни хароҷоти зарари расондашуда ба ҳолати фазои ҳавоӣ.

**Моддаи 16. Афзалиятҳои давлатӣ ҳангоми истифодаи фазои ҳавоӣ**

1. Ҳама истифодабарандагони фазои ҳавоӣ барои истифодаи он ҳуқуқи баробар доранд.

2. Дар сурати ба миён омадани талаботи дар як вақт истифода намудани фазои ҳавоӣ аз ҷониби ду ё зиёда истифодабарандагони фазои ҳавоӣ, ҳуқуқи истифодаи он ба истифодабарандагон мутобиқи афзалиятҳои давлатӣ бо тартиби зерин дода мешавад:

1) рафъи ҳамлаи ҳавоӣ, пешгирӣ ва қатъи вайронкунии Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳамлаи мусаллаҳона ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) расондани кумак дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

3) фаровардан, ҷустуҷӯ ва тахлияи дастгоҳҳои кайҳонӣ ва ҳайати парвозӣ;

4) пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба вайронкунии қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ;

5) иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ, аз ҷумла ба манфиати иқтидори мудофиавӣ ва амнияти давлат ё фаъолияти дигар оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд;

6) иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ ё фаъолияти дигар оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, ки тибқи созишномаҳои махсус анҷом дода мешаванд;

7) иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоии авиатсияи давлатӣ ҳангоми санҷишҳои ногаҳонии тайёрии ҷангӣ, инчунин ҳангоми тағйирдиҳии ҷойгиршавии қисмҳо ва ҷузъу томҳои авиатсияи давлатӣ;

8) амалӣ намудани интиқоли мунтазами ҳавоии мусофирон ва бағоҷ;

9) иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоии давлатӣ дар рафти амалӣ намудани парвозҳои нақшавӣ;

10) иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоии авиатсияи таҷрибавӣ;

11) амалӣ намудани интиқоли ҳавоии мунтазами бор ва почта;

12) амалӣ намудани интиқоли ҳавоии номунтазам, иҷрои корҳои авиатсионӣ;

13) гузарондани чорабиниҳои таълимӣ, варзишӣ, намоишӣ ва чорабиниҳои дигар;

14) иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ ё фаъолияти дигар оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, ки бо мақсади қонеъ гардондани эҳтиёҷоти шаҳрвандон анҷом дода мешаванд.

**Моддаи 17. Ташкили истифодаи фазои ҳавоӣ**

1. Ташкили истифодаи фазои ҳавоӣ маҷмӯи тадбирҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ба таъмини фаъолияти бехатар, мунтазам ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки ҳамаи истифодабарандагони манфиатдори фазои ҳавоӣ равона карда шудаанд.

2. Ташкили истифодаи фазои ҳавоӣ тадбирҳои зеринро дар бар мегирад:

1) муқаррар намудани сохтор ва таснифоти фазои ҳавоӣ;

2) банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии истифодаи фазои ҳавоӣ мутобиқи афзалиятҳои давлатие, ки дар моддаи 16 Кодекси мазкур муқаррар гардидаанд;

3) таъмин намудани тартиби иҷозатдиҳӣ ва огоҳсозии истифодаи фазои ҳавоӣ;

4) муқаррар кардани қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ ва таъмин намудани иҷрои онҳо;

5) ташкил намудани ҳаракати ҳавоӣ, ки инҳоро дар бар мегирад:

а) хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ;

б) ташкили ҷараёнҳои ҳаракати ҳавоӣ;

в) ташкили фазои ҳавоӣ бо мақсади таъмин намудани хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ ва ташкили ҷараёнҳои ҳаракати ҳавоӣ;

6) назорати давлатӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ.

3. Ташкил ва ҳамоҳангсозии истифодаи фазои ҳавоӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсия, мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ ва мақомоти хизматрасонии ҳаракати ҳавоии (идораи парвозҳои) истифодабарандагони фазои ҳавоӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои барои онҳо муқарраргардида бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

4. Низомнома дар бораи низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 18. Сохтори фазои ҳавоӣ**

1. Ба сохтори фазои ҳавоӣ минтақаҳо, ноҳияҳо ва хатсайрҳои хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, роҳҳои ҳавоӣ, хатҳои ҳавоии маҳаллӣ, минтақаҳои аэродромҳо, гидроаэродромҳо ва марказҳои (узелҳои) ҳавоӣ, минтақаҳо ва хатсайрҳои махсуси парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ, минтақаҳои мамнӯъ, минтақаҳои хатарнок, машқгоҳҳо, минтақаҳои корҳои таркишӣ, минтақаҳои маҳдуд барои парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ ва унсурҳои дигари сохтори фазои ҳавоии муқарраргардида оид ба анҷом додани фаъолият дар фазои ҳавоӣ дохил мешаванд.

2. Сохтори фазои ҳавоӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ якҷо бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 19. Тартиби истифодаи фазои ҳавоӣ**

Мутобиқи сохтор ва таснифи фазои ҳавоӣ, инчунин қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ тартиби иҷозатдиҳӣ ва огоҳсозии истифодаи фазои ҳавоӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 1)-4) қисми 2 моддаи 16 Кодекси мазкур оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ мақомоти дахлдори низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ огоҳонида мешаванд.

**Моддаи 20. Иҷозат, манъ ё маҳдуд намудани истифодаи фазои ҳавоӣ**

1. Истифодаи фазои ҳавоӣ дар асоси иҷозати мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 1)-4) қисми 2 моддаи 16 Кодекси мазкур, бо огоҳсозии ҳатмии мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ дар ин хусус, амалӣ карда мешавад.

2. Истифодаи фазои ҳавоӣ ё қитъаҳои алоҳидаи он метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан манъ ё маҳдуд карда шавад.

3. Иттилоот оид ба минтақаҳо ва муҳлатҳои амали реҷаҳои муқарраргардидаи истифодаи фазои ҳавоӣ аз ҷониби мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ ба маълумоти истифодабарандагони авиатсионӣ расонда мешавад.

**Моддаи 21. Назорат оид ба риояи қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ**

1. Назорат оид ба риояи қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоиро мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ, мақомоти хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ (идораи парвозҳо), истифодабарандагони фазои ҳавоӣ дар минтақаҳо ва мавзеъҳои барои онҳо муқарраргардида, инчунин мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ дар қисми ошкор кардани киштиҳои ҳавоии вайронкор амалӣ менамоянд.

2. Мақомоти дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида, инчунин истифодабарандагони фазои ҳавоӣ уҳдадоранд, ки ҷиҳати пешгирӣ ва (ё) қатъи вайронкунии қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ чораҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намоянд.

3. Вайронкунии қоидаҳои истифодаи фазои ҳавоӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Моддаи 22. Пешниҳоди хизматрасонии аэронавигатсионӣ**

1. Хизматрасонии аэронавигатсионӣ ба ҳамаи истифодабарандагони фазои ҳавоӣ пешниҳод гардида, аз инҳо иборат мебошад:

1) хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ;

2) таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ;

3) таъминоти метеорологии аэронавигатсия;

4) таъминоти маълумоти аэронавигатсионӣ.

2. Хизматрасонии аэронавигатсионӣ ба таври музднок пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 23. Хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ**

1. Хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ аз намудҳои зерин иборат мебошад:

1) хизматрасонии танзимгарии ҳаракати ҳавоӣ;

2) хизматрасонии парвозию иттилоотӣ;

3) хабардорсозии садамавӣ.

2. Вазифаҳои хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ вобаста аз намуди хизматрасонии пешниҳодшаванда инҳо мебошанд:

1) пешгирӣ намудани бархӯрди киштиҳои ҳавоӣ;

2) пешгирӣ намудани бархӯрди киштиҳои ҳавоии дар майдони манёвркунӣ бо монеаҳои дар ин майдон ҷойдошта;

3) тезонидан ва нигоҳдории ҷараёни бомароми ҳаракати ҳавоӣ;

(Давомаш дар саҳ. 10)

# КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 9)

4) пешниҳоди машварат ва иттилооти зарурӣ барои таъмини иҷрои бехатар ва самараноки парвозҳо;

5) огоҳсозии ташкилоти дахлдор оид ба киштиҳои ҳавоие, ки ба кумаки хадамоти ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ эҳтиёҷ доранд ва мусоидати зарурӣ ба ин ташкилот.

3. Бо мақсади таъмини парвозҳои байналмилалӣ ташкилоти хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ метавонанд бо ташкилоти дахлдори давлатҳои дигар ва ташкилоти байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд.

4. Тартиби хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 24. Таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ**

1. Таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ аз пешниҳоди низоми алоқа, навигатсия ва мушоҳида ба истифодабарандагони фазои ҳавоӣ иборат мебошад.

2. Вазифаҳои таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ инҳо мебошанд:

1) ташкили таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ;

2) ташкил ва амалӣ намудани истифодабарии техникии иншоот ва воситаҳои таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ;

3) таъмини мутобиқатии электромагнитии воситаҳои таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ.

3. Барои пешниҳоди таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ ба истифодабарандагони фазои ҳавоӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ тибқи тартиби муқарраргардида радиобасомадҳоеро ҷудо менамояд, ки бояд аз халалҳо ҳифз карда шаванд.

4. Бо мақсади таъмини парвозҳои байналмилалӣ ташкилоти пешниҳодкунандаи таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ метавонанд бо ташкилоти дахлдори давлатҳои дигар ва ташкилоти байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд.

5. Истифода ва пешниҳоди радиобасомадҳои авиатсионии маҷмӯӣ ва намуди дигари фаъолият дар соҳаи алоқаи барқии авиатсионӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

6. Тартиби амалӣ намудани таъминоти радиотехникии парвозҳо ва алоқаи барқии авиатсионӣ тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 25. Таъминоти метеорологии аэронавигатсия**

1. Таъминоти метеорологии аэронавигатсия пешниҳоди маълумотро дар бораи вазъи кунунии обу ҳаво дар аэродромҳо, пешгӯии вазъи обу ҳаво ва огоҳонидан ҳолатҳои номусоиди барои авиатсия хавфноки обу ҳаво дар аэродромҳо, хатсайрҳои парвоз ва дар минтақаҳои корҳои авиатсионӣ дар бар мегирад.

2. Бо мақсади таъмини парвозҳои байналмилалӣ ташкилоте, ки таъминоти метеорологии аэронавигатсияро пешниҳод менамояд, метавонад бо ташкилоти дахлдори давлатҳои дигар ва ташкилоти байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд.

3. Тартиби амалӣ намудани таъминоти метеорологии аэронавигатсия тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 26. Таъминоти иттилооти аэронавигатсионӣ**

1. Маълумоти аэронавигатсионие, ки барои ташкилу иҷрои парвозҳо ва хизматрасонии онҳо зарур аст, дар Маҷмӯаи иттилооти аэронавигатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад.

2. Мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки сарчашмаи иттилооти аэронавигатсионӣ мебошанд, уҳдадоранд бо мақсади саривақт нашр ва паҳн намудани иттилооти аэронавигатсионӣ ба мақомоти иттилооти аэронавигатсионӣ маълумоти заруриро пешниҳод намоянд.

3. Бо мақсади таъмини парвозҳои байналмилалӣ ташкилоте, ки иттилооти аэронавигатсиониро таъмин менамоянд, метавонанд бо ташкилоти дахлдори давлатҳои дигар ва ташкилоти байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд.

4. Тартиби таъмини иттилооти аэронавигатсионӣ тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 27. Талабот оид ба ҳифзи муҳити зист аз таъсири зараровари фаъолият вобаста ба истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ уҳдадоранд ҷиҳати назорат ва кам намудани таъсири зарари истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия ба муҳити зист чораҳои зарурӣ андешанд.

2. Ташкилот ва корхонаҳое, ки дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия фаъолият мекунанд, барои риояи талабот оид ба ҳифзи муҳити зист аз таъсири омилҳои манфии техногенӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, масъул мебошанд.

3. Назорати давлатӣ аз рӯи мутобиқатии фаъолият оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва соҳаи авиатсияи гражданӣ вогузор карда мешавад.

4. Талабот оид ба ҳифзи муҳити зист (садои авиатсионӣ ва афканишоти муҳаррикҳои авиатсионӣ) тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 28. Намудҳои авиатсия**

Мувофиқи мақсадҳои истифодашавӣ авиатсия ба давлатӣ, гражданӣ ва таҷрибавӣ тақсим мешавад.

**Моддаи 29. Авиатсияи давлатӣ**

1. Авиатсияе, ки барои амалӣ намудани вазифаҳои ҳарбӣ, сарҳадӣ, милитсия, гумрук ва хизмати дигари давлатӣ, инчунин барои иҷрои вазифаҳои сафарбарию мудофиавӣ истифода мешавад, ба авиатсияи давлатӣ мансуб мебошад.

2. Авиатсияи давлатӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои истифода гардидани он бо иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 30. Авиатсияи гражданӣ**

1. Авиатсияе, ки бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ва иқтисодиёт истифода мешавад, ба авиатсияи гражданӣ мансуб мебошад. Авиатсияи гражданӣ ба авиатсияи граждании тиҷоратӣ ва авиатсияи таъиноти умум тақсим мешавад.

2. Авиатсияи граждание, ки бо мақсадҳои тиҷоратӣ барои интиқоли мусофирон, бағоҷ, бор, почта ва корҳои авиатсионӣ истифода мешавад, ба авиатсияи граждании тиҷоратӣ мансуб мебошад.

3. Авиатсияи граждание, ки ройгон истифода мешавад, ба авиатсияи таъиноти умум мансуб мебошад.

**Моддаи 31. Авиатсияи таҷрибавӣ**

1. Авиатсияе, ки барои гузаронданни корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ, озмоишӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин озмоиши техникаи авиатсионӣ ва таҷҳизоти дигар истифода мешавад, ба авиатсияи таҷрибавӣ мансуб мебошад.

2. Авиатсияи таҷрибавӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода намешавад.

**Моддаи 32. Танзими давлатии фаъолият дар соҳаи авиатсия**

1. Танзими давлатии фаъолият дар соҳаи авиатсия аз муқаррар намудани қоидаҳо ва расмиёте, ки иҷрояшон барои ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии амаликунандаи фаъолият дар ин соҳа ҳатмӣ мебошад, иборат аст.

2. Танзими давлатии фаъолияти авиатсияи давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ амалӣ карда мешавад.

3. Танзими давлатии фаъолияти авиатсияи гражданӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ амалӣ карда мешавад.

4. Танзими давлатии фаъолияти авиатсияи таҷрибавӣ мувофиқан аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ ва авиатсияи гражданӣ амалӣ карда мешавад.

5. Дахолати мақомоти ваколатдори давлатии дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур зикршуда ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои тобеияти соҳавидошта манъ аст.

## БОБИ 5.
## ОБЪЕКТҲОИ ИНФРАСОХТОРИ АВИАТСИЯ. КОРХОНАҲОИ АВИАТСИОНӢ

**Моддаи 33. Объектҳои инфрасохтори авиатсия**

1. Ба объектҳои инфрасохтори авиатсия аэродромҳо, фурудгоҳҳо, объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ, инчунин таҷҳизоту хадамоти онҳо дохил мешаванд.

2. Аэродромҳо мутобиқи таъиноти вазифавиашон ба аэродромҳои авиатсияи давлатӣ ва аэродромҳои авиатсияи гражданӣ тақсим мешаванд.

3. Бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва истифодабарии ташкилот ва шаҳрвандон метавонанд майдонҳои нишасти муваққатӣ ва аэродромҳо истифода шаванд.

**Моддаи 34. Бақайдгирии давлатии аэродромҳо, майдонҳои нишасти доимоамалкунанда ва фурудгоҳҳо**

1. Аэродромҳо ва майдонҳои нишасти доимоамалкунандаи авиатсияи давлатӣ бояд ба қайди ҳатмӣ гирифта шуда, ба Феҳристи давлатии аэродромҳои авиатсияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шаванд. Пешбурди феҳристи мазкур ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ вогузор карда мешавад.

2. Аэродромҳои гражданӣ ва фурудгоҳҳо танҳо дар сурати доштани шаҳодатномаҳо (сертификатҳо)-и коршоямӣ бояд ба қайди ҳатмӣ гирифта шуда, ба Феҳристи давлатии аэродромҳо ё фурудгоҳҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд. Пешбурди феҳристи мазкур ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ вогузор карда мешавад.

3. Аэродромҳо ё фурудгоҳҳои гражданӣ дар ҳолатҳои зерин аз феҳристи давлатӣ хориҷ карда мешаванд:

1) вайрон кардани талаботи бақайдгирии давлатии аэродром ё фурудгоҳ ва талабот оид ба таъмини истифодабарии бехатари онҳо;

2) дар асоси дархости соҳибмулки аэродром ё фурудгоҳ.

4. Дар сурати аз феҳристи давлатӣ хориҷ гардидани аэродром ё фурудгоҳ фаъолияти аэродром ё фурудгоҳи мазкур боздошта шуда, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии аэродром ё фурудгоҳ бекор карда мешавад.

5. Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ ба аэродромҳо ва фурудгоҳҳо, маҳдуд кардани ин ҳуқуқҳо, пайдоиш, гузариш ва қатъи онҳо, инчунин муқаррар намудани тартиби бақайдгирии давлатӣ ва асосҳои рад кардани бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба ин объектҳо ва аҳдҳо бо онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

6. Андоза ва тартиби пардохти хироҷ барои бақайдгирии давлатии аэродромҳои гражданӣ ва фурудгоҳҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 35. Аэродромҳои ҷойгиршавии муштарак ва аэродромҳои истифодаи муштарак**

1. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аэродромҳои ҷойгиршавии муштарак, ки дар онҳо авиатсияи гражданӣ, давлатӣ ё таҷрибавӣ ҷойгир карда мешаванд ва аэродромҳои истифодаи муштарак – аэродромҳои авиатсияи давлатӣ, ки дар онҳо парвоз, нишаст, ҳаракат ва таваққуфи киштиҳои ҳавоии гражданӣ мувофиқи ҷадвали парвозҳо амалӣ гардида, дар ин аэродром ҳуқуқи ҷойгиршавӣ надоранд, ташкил карда шаванд.

2. Истифодабарии аэродромҳои ҷойгиршавии муштарак ва аэродромҳои истифодаи муштарак дар асоси шартномаҳо сурат мегирад.

3. Аэродромҳои ҷойгиршавии муштарак ва аэродромҳои истифодаи муштарак бояд ба талаботи сертификатсионӣ нисбат ба аэродромҳои гражданӣ пешбинишаванда ҷавобгӯ бошанд.

**Моддаи 36. Талабот оид ба истифодабарии бехатари аэродром ва майдони нишаст**

1. Аэродром ва майдони нишасти доимоамалкунанда, ки дар онҳо парвозҳо анҷом дода мешаванд, бояд шаҳодатномаи (сертификати) коршоямии истифодабарии амалкунанда дошта бошанд.

2. Истифодабарии аэродром ва майдони нишасти доимоамалкунанда мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Парвозҳо дар аэродром ва майдони нишасти доимоамалкунанда мувофиқи дастурамал оид ба иҷрои парвозҳо, ки бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсия мувофиқа карда шудааст, иҷро карда мешаванд.

3. Қоидаҳои сертификатсияи аэродром ва майдони нишасти доимоамалкунанда тибқи Кодекси мазкур ва Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

4. Истифодабарандаи (соҳибмулки) аэродром ё майдони нишаст барои нигоҳдории техникӣ ва ба талаботи муқаррргардида мутобиқат доштани онҳоро уҳдадор меандешад.

**Моддаи 37. Хизматрасонии киштиҳои ҳавоӣ дар аэродромҳо ва фурудгоҳҳо**

1. Ҳама намуди хизматрасониҳои киштиҳои ҳавоӣ дар аэродромҳо ва фурудгоҳҳо дар асоси шартнома тибқи қоидаҳои муқарраргардида ва бо шартҳои якхела анҷом дода мешаванд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Аэродромҳо ва фурудгоҳҳо метавонанд барои қабул ва гусели киштиҳои ҳавоӣ бо сабабҳои техникӣ, метеорологӣ ва сабабҳои дигар, ки ба бехатарии парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ таҳдид мекунанд, муваққатан баста шаванд.

3. Аэродромҳо ва фурудгоҳҳо дар замони ҷанг ва (ё) дар ҳолати ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулода мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**Моддаи 38. Объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ**

1. Низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ низоми давлатие мебошад, ки барои таъмини бехатар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки ҳаракати ҳавоӣ ва фаъолияти дигар оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ таъсисту муттаҳидсозии маҷмӯии имкониятҳои одамон, иттилоот, технология, воситаҳо ва хадамот дар асоси истифодаи низоми алоқаи дохиликишварӣ, заминӣ ва (ё) кайҳонӣ, навигатсионӣ ва мушоҳидавӣ муайян гардидааст.

2. Ба объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ маҷмааи биноҳо, иншоот, коммуникатсия, инчунин объектҳои рӯизаминии воситаҳо ва низоми хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, навигатсия, нишаст ва алоқа, ки барои ташкили ҳаракати ҳавоӣ пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд.

3. Номгӯйи объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ ва талабот ба онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 39. Сохтмон ва таҷдиди аэродромҳо, фурудгоҳҳо ва объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ**

1. Сохтмон ва таҷдиди аэродромҳо, фурудгоҳҳо ва объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ мутобиқи меъёрҳои фаъолияти шаҳрсозии танзими махсус ба амал оварда мешаванд.

2. Ҷудо гардидани қитъаи замин барои аэродром, фурудгоҳ ё объекти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Истифодаи қитъаи сатҳи об барои таваққуф, парвоз ва нишасти киштиҳои ҳавоӣ, инчунин барои эҳтиёҷоти дигари авиатсионӣ тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Сохтмон ва таҷдиди аэродромҳо, фурудгоҳҳо ва объектҳои низоми ягонаи ташкили фазои ҳавоӣ бо мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда мешавад.

5. Ҳангоми сохтмон ва таҷдиди аэродромҳо, фурудгоҳҳо ва объектҳои низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ бояд омилҳои ҳифзи муҳити зист ва аҳолӣ аз таъсири зараровари фаъолият дар соҳаи авиатсия, инчунин омилҳои таъсиррасон ба муҳити зист ва фаъолияти аҳолӣ ба бехатарии иҷрои парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ ба назар гирифта шаванд.

**Моддаи 40. Сохтмон ва ҷойгиркунии объектҳои гуногун дар ҳудуди наздиаэродромӣ, минтақаи аэродром ва наздикии объектҳои радиолокатсионӣ, радионавигатсионӣ ва алоқа**

1. Дар минтақаи аэродром ҷойгиронии биноҳо, иншоот, хатҳои алоқа, хатҳои интиқоли барқ, объектҳои радиотехникӣ ва объектҳои дигари баландошёна, бояд мутобиқан бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ мувофиқа карда шаванд.

2. Ҷойгиронии хатҳои алоқа ва хатҳои интиқоли барқ, иншооти таъиноти гуногун дар минтақаи амали низоми нишаст, дар наздикии объектҳои радиолокатсионӣ, радионавигатсионӣ ва воситаҳои алоқа, ки барои таъмини парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин ҷойгиронии объектҳои нурафкани радиоӣ бояд мутобиқан бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, мақомоти низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ, инчунин бо мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда шаванд.

3. Минтақаи наздиаэродромӣ бо қарори мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки мутобиқан бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ мувофиқа мегардад, бо мақсади таъмини бехатарии парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ, рушди ояндаи фурудгоҳ ва пешгирии таъсири манфии таҷҳизоти аэродромӣ ва парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ ба саломатии аҳолӣ ва муҳити зист мутобиқи Кодекси мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба замин ва шаҳрсозӣ бо назардошти талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ, муқаррар карда мешавад.

4. Минтақаи наздиаэродромӣ минтақаи дорои шартҳои махсуси истифодаи ҳудуд мебошад.

5. Дар минтақаи наздиаэродромӣ метавонанд маҳдудиятҳои истифодаи қитъаҳои замин ва ё объектҳои ғайриманқули дар онҳо ҷойгиршуда ва амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ ё фаъолияти дигар, бо назардошти тақсим намудан ба минтақаҳои махсуси зерин, муқаррар карда шаванд:

1) минтақаи махсуси якум, ки дар он ҷойгиронии объектҳое, ки барои ташкил ва хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, интиқоли ҳавоӣ, таъмини парвоз, нишаст, ҳаракат ва таваққуфи киштии ҳавоӣ пешбинӣ нашудаанд, манъ аст;

2) минтақаи махсуси дуюм, ки дар он ҷойгиронии объектҳое, ки барои хизматрасонии мусофирон ва коркарди бағоҷ, бор ва почта, хизматрасонии киштиҳои ҳавоӣ, нигоҳдории сӯзишвории авиатсионӣ ва бо сӯзишворӣ пур кардани киштиҳои ҳавоӣ, таъмини энергияи барқ, инчунин объектҳои ба инфрасохтори фурудгоҳ марбут набуда, манъ аст;

3) минтақаи махсуси сеюм, ки дар он ҷойгиронии объектҳое, ки баландиашон аз меъёрҳои маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи мақомоти дахлдори давлатӣ ҳангоми муайянсозии минтақаи дахлдори наздиаэродромӣ зиёд мебошад, манъ аст;

4) минтақаи махсуси чорум, ки дар он ҷойгиронии объектҳое манъ карда мешавад, ки ба кори объектҳо, воситаву низоми рӯизаминии хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, навигатсия, нишаст ва алоқа, ки барои ташкили ҳаракати ҳавоӣ пешбинӣ гардида, берун аз минтақаи махсуси якум ҷойгир шудаанд, халал мерасонанд;

5) минтақаи махсуси панҷум, ки дар он ҷойгиронии объектҳои хатарноки истеҳсолӣ, ки фаъолияти онҳо метавонад ба бехатарии парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ таъсир расонад, манъ аст;

6) минтақаи махсуси шашум, ки дар он ҷойгиронии объектҳое, ки ба ҷалб ва ҷамъшавии анбӯҳи парандагон мусоидат мекунанд, манъ аст;

7) минтақаи махсуси ҳафтум, ки дар он бинобар аз ҳад зиёд будани сатҳи таъсири садо, таъсири электромагнитӣ, ҷамъшавии моддаҳои ифлоскунанда дар атмосфера ҷойгиронии объектҳое манъ мебошад, ки намудҳои онҳо вобаста ба таъиноти вазифавиашон аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ҳангоми муайянсозии минтақаи наздиаэродромӣ бо назардошти талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини бехатарии санитарӣ- эпидемиологии аҳолӣ, муқаррар карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

**Моддаи 41. Насб ва истифода намудани таҷҳизоти техникии «Дарвозаҳои электронӣ» дар терминалҳои фурудгоҳҳои байналмилалӣ**

1. Бо мақсади кам намудани вақти бақайдгирии пешазпарвозии (пасазпарвозии) мусофирон ҳангоми убури сарҳади давлатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба мусофирон, инчунин зиёд намудани иқтидори гузаришии нуқтаҳои назорати сарҳадӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалии авиатсионӣ дар терминалҳои фурудгоҳҳои байналмилалӣ таҷҳизоти техникии «Дарвозаҳои электронӣ» насб карда мешаванд.

2. Тартиби истифода намудани таҷҳизоти техникии «Дарвозаҳои электронӣ» дар терминалҳои фурудгоҳҳои байналмилалӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ дар мувофиқа бо мақомоти корҳои хориҷӣ ва мақомоти давлатии амнияти миллӣ таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 42. Аломатгузории бино ва иншоот**

1. Соҳибмулкони биноюю иншооти баландошёна, хатҳои алоқа, хатти интиқоли барқ, таҷҳизоти радиотехникӣ ва объектҳои дигар, ки дар ҳудуди иҷрои парвозҳо ҷойгир шудаанд, уҳдадоранд бо мақсади таъмини бехатарии парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ аз ҳисоби худ дар объектҳои зикршуда аломатҳою дастгоҳҳои махсусро насб намоянд.

2. Дар минтақаи аэродромҳо гузоштани аломату дастгоҳҳои ҳаммонанде, ки барои шинохтани аэродромҳо бо аломатҳо ва дастгоҳҳои фарққунанда қабул шудаанд, манъ аст.

3. Назорати риояи талабот оид ба аломатгузории иншооти баландошёна ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими фаъолият дар соҳаи шаҳрсозӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ вогузор карда мешавад.

4. Тартиб ва шартҳои аломатгузории иншооти баландошёна аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 43. Корхонаи авиатсионӣ ва истифодабаранда**

1. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи авиатсионӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти на камтар аз 50 фоизи ҳайати мутахассисони чунин корхонаро ташкил додани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2. Аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ҳангоми бо мақсадҳои авиатсияи давлатӣ истифодаи киштии ҳавоӣ чунин шахсонро барои гирифтани шаҳодатномаи (сертификати) истифодабаранда ё ҳуҷҷати баробарарзиши шаҳодатнома (сертификат) уҳдадор наменамояд.

3. Назорати фаъолияти корхонаҳои авиатсионӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла корхонаҳои авиатсионии хориҷӣ, агентиҳои байналмилалии истифодабарӣ ва соҳибкорони инфиродии хориҷиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ амалӣ менамояд.

4. Талабот ба истифодабарандагони авиатсияи гражданӣ оид ба сертификатсия ва расмиёти бақайдгирӣ тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 44. Фаъолияти тиҷоратӣ дар соҳаи авиатсияи граждании корхонаҳои авиатсионии хориҷӣ, агентиҳои байналмилалии истифодабарӣ ва соҳибкорони инфиродии хориҷӣ**

1. Корхонаҳои авиатсионии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагиҳои худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода метавонанд.

2. Корхонаҳои авиатсионии хориҷӣ, агентиҳои истифодабарии байналмилалӣ ва соҳибкорони инфиродии хориҷӣ ҳуқуқ надоранд:

1) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интиқол ба ҳудуди давлати хориҷӣ ба киштии ҳавоӣ мусофирон, бағоҷ, бор ва почтаро қабул кунанд ва ё онҳоро аз ҳудуди давлати хориҷӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол диҳанд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ё иҷозатномаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошанд;

2) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, мусофир, бағоҷ, бор ва почтаро ба киштии ҳавоӣ барои интиқоли ҳавоӣ қабул намоянд.

3. Ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли мунтазами ҳавоиро анҷом медиҳанд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ ё филиал доранд, бо тартиби муқаррарнамудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аккредитатсия мегузаранд.

## БОБИ 6.
## КИШТИҲОИ ҲАВОӢ

**Моддаи 45. Таснифи киштиҳои ҳавоӣ**

Киштиҳои ҳавоӣ аз рӯи навъ, вазн, усулҳои ба вуҷудоварандаи қувваи болобардорӣ, тарзи идора ва хусусиятҳои дигар тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф карда мешаванд.

**Моддаи 46. Бақайдгирии давлатӣ ва баҳисобгирии давлатии киштиҳои ҳавоӣ**

1. Киштиҳои ҳавоие, ки барои парвоз пешбинӣ шудаанд, аз қайди давлатӣ мегузаранд. Парвозҳои киштиҳои ҳавоӣ дар сурати надоштани шаҳодатномаи (сертификати) бақайдгирии давлатӣ манъ аст.

2. Киштиҳои ҳавоӣ аз ҷониби мақомоти зерини ваколатдори давлатӣ ба қайд ва ба ҳисоб гирифта мешаванд:

1) киштиҳои ҳавоии давлатӣ – аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ бо ворид намудани маълумот дар бораи киштиҳои ҳавоии давлатӣ ба Феҳристи киштиҳои ҳавоии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) киштиҳои ҳавоии гражданӣ – аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ бо додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва ворид намудани маълумот дар бораи киштиҳои ҳавоии гражданӣ ба Феҳристи давлатии киштиҳои ҳавоии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Киштии ҳавоие, ки бо тартиби муқарраргардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд ё ба ҳисоб гирифта шудааст, мансубияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб мешавад.

4. Пешбурди Феҳристи давлатии киштиҳои ҳавоии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ анҷом дода мешавад.

5. Маълумот дар бораи киштии ҳавоии гражданӣ дар ҳолатҳои зерин аз Феҳристи давлатии киштиҳои ҳавоии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда мешавад:

1) соқит намудан ё аз истифодабарӣ гирифтани киштии ҳавоии гражданӣ;

2) фурӯши киштии ҳавоии гражданӣ ё бо дигар асосҳои қонунӣ ба давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ гузаштани ҳуқуқи моликият ба он, ба шарте ки киштии ҳавоии гражданӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун бароварда шавад;

3) вайрон кардани талаботи бақайдгирии давлатии киштии ҳавоии гражданӣ.

6. Ҳангоми аз Феҳристи давлатии киштиҳои ҳавоии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани маълумот дар бораи киштии ҳавоии гражданӣ, шаҳодатнома (сертификат) дар бораи бақайдгирии давлатии киштии ҳавоӣ бекор карда шуда, бояд ба мақомоте, ки шаҳодатномаи (сертификати) мазкурро додааст, баргардонда шавад.

7. Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатии киштиҳои ҳавоӣ дар асоси талаботи моддаи мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

8. Киштиҳои ҳавоии бесарнишин бо назардошти таъиноти онҳо бо қоидаҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсия ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

9. Қоидаҳои муомилоти киштиҳои ҳавоии бесарнишин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

10. Барои ба қайди давлатӣ гирифтани киштии ҳавоии гражданӣ хироҷ ситонида мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

11. Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ ба киштии ҳавоӣ, маҳдудсозии ин ҳуқуқҳо, пайдоиш, гузариш ва қатъи онҳо, инчунин муқаррар намудани тартиби бақайдгирии давлатӣ ва асосҳои рад намудани бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба киштии ҳавоӣ ва аҳдҳо бо он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

12. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ҳуқуқ дорад, ки бо мақомоти ваколатдори соҳаи авиатсияи граждании давлати дигар дар хусуси қабул намудан ё интиқол додани вазифаю уҳдадориҳои муайяни давлати бақайдгирии киштии ҳавоӣ шартнома (созишнома) баста, дар ин бора Шӯрои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданиро огоҳ намояд.

13. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ бақайдгирии давлатии киштиҳои ҳавоии граждании авиатсияи таъиноти умумро амалӣ менамояд.

14. Тартиби бақайдгирии давлатии киштиҳои ҳавоии граждании авиатсияи таъиноти умум тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 47. Талабот оид ба истифодабарии бехатари киштии ҳавоӣ**

1. Киштии ҳавоӣ бояд мувофиқи дастурамал оид ба истифодабарии парвозии киштии ҳавоӣ истифода бурда шавад.

2. Истифодабаранда (соҳибмулк) уҳдадор аст, ки киштии ҳавоии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда ва (ё) истифодашавандаро дар ҳолати коршоямии техникӣ нигоҳ дорад.

3. Истифодабарандаи (соҳибмулки) киштии ҳавоӣ барои риояи маҳдудиятҳо ва расмиёти истифодабарии киштии ҳавоӣ, ки аз ҷониби истеҳсолкунандаи киштии ҳавоӣ, инчунин қоидаҳои истифодабарии киштиҳои ҳавоӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, чораҳои дахлдор меандешад.

**Моддаи 48. Аломатгузории киштиҳои ҳавоӣ**

1. Ба киштиҳои ҳавоие, ки мансубияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, аломатҳои махсус гузошта мешаванд. Аломатҳои махсус вобаста ба мансубияти киштии ҳавоӣ ба намуди авиатсия аз нишонаҳои давлатӣ, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва нишонаҳои дигар иборат мебошанд.

2. Ба киштиҳои ҳавоии давлатӣ аломатҳои шинохти баҳисобгирӣ гузошта мешаванд.

3. Ба киштиҳои ҳавоии гражданӣ, ба ғайр аз аломатҳои шинохти давлатӣ ва бақайдгирӣ, бояд тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рамзҳо, навиштаҷот, тамға ва аломатҳои дигари тибқи тартиби муқарраргардида бақайдгирифташуда гузошта шаванд.

4. Ба киштиҳои ҳавоие, ки барои хизматрасонии тиббию санитарӣ пешбинӣ шудаанд, ғайр аз ин, тасвири Салиби Сурх ё Ҳилоли Аҳмар гузошта мешаванд.

5. Тартиби гузоштани аломатҳо ва рамзҳо дар киштиҳои ҳавоӣ тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

6. Маълумот дар бораи аломатҳои шинохти киштиҳои ҳавоии давлатҳои хориҷӣ бояд аз ҷониби истифодабарандагон то оғози парвозҳои байналмилалӣ ба мақомоти дахлдори ташкили ҳаракати ҳавоӣ дода шавад.

**Моддаи 49. Ҳуҷҷатҳои киштии ҳавоӣ**

1. Киштии ҳавоии давлатӣ дар дохилаш бояд ҳуҷҷатҳое дошта бошад, ки номгӯйи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ муқаррар менамояд.

2. Дар дохили киштии ҳавоии гражданӣ ҳангоми иҷрои парвозҳо бояд ба таври ҳатмӣ ҳуҷҷатҳои зерин бошанд:

1) шаҳодатнома (сертификат) дар бораи бақайдгирии давлатии киштии ҳавоӣ;

2) шаҳодатномаи (сертификати) коршоямии парвозии киштии ҳавоӣ;

3) шаҳодатномаи (сертификати) истифодабаранда (нусха);

4) шаҳодатнома (сертификат) оид ба сатҳи садо;

5) иҷозат барои таҷҳизоти радиоии дохилӣ;

6) дастурамал оид ба истифодабарии парвоз;

7) ҳуҷҷатҳои дахлдор барои ҳар як аъзои ҳайати парвозӣ;

8) дафтари дохилии киштии ҳавоӣ;

9) полисҳои (сертификатҳои) суғуртавӣ (нусхаҳо);

10) дафтари санитарӣ ё ҳуҷҷатҳои дигар, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ пешбинӣ намудааст.

3. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои дохили киштиҳои ҳавоии граждании вазнашон сабук, аз меъёр сабук ва худсохт аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ муқаррар карда мешаванд.

4. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои дохили киштиҳои ҳавоии давлатӣ ва таҷрибавӣ мувофиқан аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ ё мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ муқаррар карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ. 11)

# КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 11)

**Моддаи 80. Хабар дар бораи киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда**

1. Хабар дар бораи киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда ба хабарҳое дохил мешавад, ки дараҷаи мутлақи афзалиятнокро доро мебошад.

2. Шахсони дорои воситаҳои алоқа уҳдадоранд онҳоро барои ирсоли фаврии хабар дар бораи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда пешниҳод намоянд ё чунин хабарро фиристанд.

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки хизматрасонии алоқаро пешниҳод менамоянд, уҳдадоранд ирсоли фаврии хабарро дар бораи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда бидуни талаби пардохт аз шахси ирсолкунандаи ин хабар таъмин намоянд.

**Моддаи 81. Ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳии киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда, мусофирон ва ҳайати парвозии онҳо**

1. Ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳии киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда, мусофирон ва аъзои ҳайати парвозии онҳо бо қувваи сохторҳои наҷотдиҳии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, неруҳои мақомоти давлатии ваколатдор дар соҳаи авиатсияи давлатӣ, дастаҳои садамавию наҷотдиҳии аэродромҳо (фурудгоҳҳо) ва мақомоти хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ, ки ба зиммаи онҳо мувофиқи тартиби муқарраргардида ташкил ва нигоҳдории хадамоти ҷустуҷӯӣ ва наҷотдиҳӣ вогузор гардидааст, амалӣ карда мешаванд.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот уҳдадоранд, ки дар ташкили ҷустуҷӯи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда ширкат варзанд ва то омадани қувваҳои ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ ҷиҳати наҷот додани одамон, расондани кумаки тиббӣ ё кумакҳои дигар ба онҳо, муҳофизати киштии ҳавоӣ, ҳуҷҷатҳо ва молу мулки дар киштии ҳавоӣ буда тадбирҳои таъхирнопазир андешанд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳуқуқ доранд, ки дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода шахсони ҳуқуқиро, новобаста ба шакли моликияташон, ба корҳои ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ ҷалб намоянд.

3. Корхонаҳои авиатсионии авиатсияи гражданӣ, новобаста ба шакли моликияташон ва инчунин авиатсияи давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба низоми давлатии ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ ҷалб карда шаванд.

4. Тартиби гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, ҷуброни хароҷоти корҳои мазкур, таъминоти ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвози киштиҳои ҳавоиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

5. Иҷрои корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ дар аэродром ва дар ҳудуди наздиаэродромӣ, инчунин тахлияи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда аз маҳалли фалокат аз ҳисоби истифодабаранда (соҳибмулк)-и киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда анҷом дода мешавад.

6. Ба ҷои дигар кӯчонидани киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда ё қисмҳои он, ки барои иҷро ва идомаи кори муътадили нақлиёт монеъ мешаванд, бо қарори роҳбари корҳои наҷотдиҳӣ бо шарти ҳатман тавассути аксбардорӣ ё ба таври дигар муқаррар кардани ҷойгиршавӣ ва ҳолати умумии онҳо иҷозат дода мешавад.

7. Ба мусофирон ва ҳайати парвозии киштиҳои ҳавоии хориҷии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда бо ҳамон шартҳое, ки барои мусофирон ва ҳайати парвозии киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, кумак расонда мешавад.

**Моддаи 82. Қатъ намудани ҷустуҷӯи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, мусофирон ва ҳайати парвозии он**

1. Агар тамоми чораҳои андешидашуда оид ба ҷустуҷӯи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, мусофирон ва аъзои ҳайати парвозии он ягон натиҷа надиҳад, роҳбарияти мақоми ваколатдори давлатии дахлдор, ки бақайдгирии давлатии киштии ҳавоиро анҷом додааст, дар мувофиқа бо роҳбари корҳои ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ дар бораи қатъ кардани ҷустуҷӯи минбаъдаи он қарор қабул менамояд.

2. Қарор дар бораи қатъ кардани ҷустуҷӯи киштии ҳавоии давлатии ба фалокат дучоршудаи давлати хориҷӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ ва қарор дар бораи киштии ҳавоии граждании ба фалокат дучоршудаи давлати хориҷӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори ваколатдори давлатии давлати хориҷӣ қабул карда мешавад.

3. Киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, ки ҷустуҷӯи он расман қатъ гардида, маҳалли ҷойгиршавии пораҳои он муайян карда нашудааст, бедарак ғайбзада ҳисобида мешавад.

4. Бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф гардидани аъзои ҳайати парвозӣ ва мусофирони киштии ҳавоии бедарак ғайбзада тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 83. Таъмини омодагии сафарбарӣ ва ҷалби киштиҳои ҳавоии гражданӣ дар ҳолатҳои фавқулода ё дар замони ҷанг**

1. Ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти иҷтимоӣ, табиӣ ё техногенӣ, инчунин дар замони ҷанг ва (ё) ҳангоми ҷорӣ гардидани вазъияти ҳарбӣ ё фавқулода мақомоти давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки киштиҳои ҳавоии граждaниро барои иҷрои корҳои вобаста ба рафъи оқибатҳои ин ҳолатҳо, бо ҷуброни минбаъдаи хароҷот, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намоянд.

2. Муносибатҳое, ки бо таъмини омодагии сафарбарии киштиҳои ҳавоии гражданӣ, татбиқи чорабиниҳо оид ба мудофиаи гражданӣ ва корҳои садамавию наҷотдиҳӣ, рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти иҷтимоӣ, табиӣ ё техногенӣ, инчунин дар давраи ҷанг ва (ё) ҷорӣ гардидани вазъияти ҳарбӣ ё фавқулода алоқаманд мебошанд, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

**Моддаи 84. Ҳамкории байналмилалӣ доир ба ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳии киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда**

1. Ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳии киштии ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда, мусофирон ва аъзои ҳайати парвозии он дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо риояи асосҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

2. Бо мақсади такмили фаъолият, тезонидани амалиётҳои ҷустуҷӯиву наҷотдиҳӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя, расондани кумаки саривақтӣ ба киштиҳои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ, инчунин киштиҳои ҳавоии хориҷии берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти дахлдори ваколатдори давлатҳои хориҷӣ ҳамкории байналмилалиро амалӣ менамоянд.

3. Мақомоти дар қисми 2 моддаи мазкур зикргардида дар доираи ваколатҳои худ таҳия, тасдиқ ва татбиқи расмиёти заруриро оид ба ҳамкорӣ ва чорабиниҳои муштарак бо мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати сода намудани расмиёт ҳангоми пайдо шудани зарурати иштироки дастаҳои хориҷӣ ё миллии ҷустуҷӯию наҷотдиҳиро барои расондани кумак ба киштиҳои ҳавоии дар ҳудуди давлати дигар ба фалокат дучоршуда таъмин менамоянд.

**БОБИ 12.**
**ТАҲҚИҚИ ФАЛОКАТ Ё ҲОДИСАИ АВИАТСИОНӢ**

**Моддаи 85. Фалокат ва ҳодисаи авиатсионӣ**

1. Фалокати авиатсионӣ ҳодисаи бо истифодаи киштии ҳавоӣ алоқаманде мебошад, ки дар ҳолати идора шудани киштии ҳавоӣ, аз лаҳзаи бо мақсади парвоз ба киштии ҳавоӣ савор шудани ягон шахс то лаҳзаи киштии ҳавоиро тарк намудани ҳамаи шахсони дар он ҳузурдошта ё дар ҳолати киштиҳои ҳавоии бесарнишин, аз лаҳзаи омода будани киштии ҳавоӣ ба парвоз то лаҳзаи бозистодани он дар анҷоми парвоз ва хомӯш кардани муҳаррики асосӣ ва дар рафти он:

1) ягон шахс ҷароҳати ҷисмонӣ мебардорад ва бар асари он дар тӯли 30 рӯзи баъди ҳодиса бо сабабҳои зерин мефавтад:

а) ҳузур доштан дар киштии ҳавоии мазкур;

б) бархӯрди бевосита бо ягон қисми киштии ҳавоӣ, аз ҷумла қисмҳои аз киштии ҳавоӣ ҷудошуда;

в) таъсири бевоситаи ҷараёни газҳои муҳаррики реактивӣ, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки зарари ҷисмонӣ сабабҳои табиӣ дошта, аз ҷониби худи шахс ё аз ҷониби шахсони дигар расонда шудааст, ё осебҳои ҷисмонӣ ба мусофирони бе чиптае расонда шуда бошанд, ки берун аз минтақаҳои барои ворид шудани мусофирону аъзои ҳайати парвозӣ кушода пинҳон шудаанд;

2) киштии ҳавоӣ зарар мебинад ё тахриби конструксияи он ба амал меояд, ки дар натиҷа:

а) мустаҳкамии конструксия вайрон гардида, нишондиҳандаҳои техникӣ ё парвозии киштии ҳавоӣ бад мешаванд;

б) таъмири пурраи киштии ҳавоӣ ё ивази унсури вайроншудаи онро тақозо менамояд, ба истисноӣ ҳолатҳои аз кор мондан ё вайрон шудани муҳаррик, вақте ки танҳо як муҳаррик, парраҳои ҳавоӣ, болҳо, антеннаҳо, датчикҳо, белчаҳо, пневматикаҳо, воситаҳои бозистӣ, чархҳо, обтекателҳо, панелҳо, паллаҳои чархҳо, шишаҳои пеш, қабати болои киштии ҳавоӣ вайрон шудаанд ё парраҳои ротори асосӣ, парраҳои ротори қафо, чархҳо зарари ночиз бардоштаанд ва ё зараре, ки дар натиҷаи бориши жола ё бархӯрд бо парандагон ба амал омадааст (аз ҷумла сӯрохиҳо дар обтекатели антеннаи радиолокатор);

3) киштии ҳавоӣ бедарак ғайб мезанад ё дар ҷое қарор мегирад, ки дастрасӣ ба он комилан имконнопазир аст.

2. Ҳама гуна рӯйдод, ба истисноӣ фалокати авиатсионӣ, ки бо истифодаи киштии ҳавоӣ алоқаманд буда, ба бехатарии истифодабарии он таъсир мерасонад ё таъсир расонда метавонад, ҳодисаи авиатсионӣ ҳисобида мешавад.

**Моддаи 86. Мақсад ва тартиби гузаронидани таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ**

1. Фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бо киштии ҳавоии давлатӣ ё граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ё киштии ҳавоии давлати хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман бояд таҳқиқ карда шавад.

2. Мақсади таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ муайян намудани сабабҳои фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии сар назадани онҳо дар оянда мебошад.

3. Гузарондани таҳқиқ, тасниф ва баҳисобгирии фалокат ё ҳодисаҳои авиатсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 87. Комиссия оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ ва ваколатҳои он**

1. Таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ аз ҷониби комиссия анҷом дода мешавад. Мақсади таҳқиқи комиссияи мазкур муайян намудани гуноҳ ё масъулияти ягон шахс намебошад.

2. Комиссия оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ ҳуқуқ дорад:

1) ҷиҳати муайян намудани ҳолатҳои рӯйдоди фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бемамоният ба киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда дохил шавад;

2) муоинаи киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, қисмҳои таркибии он, молу мулки дар киштии ҳавоии мазкур мавҷудбуда, новобаста ба мансубияти ин молу мулк, инчунин воситаю иншооти таъминкунандаи парвози киштиҳои ҳавоиро гузаронад;

3) ба шахсони ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликияташон, гузаронидани таҳқиқот ва корҳоро вобаста ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ супориш диҳад;

4) барои ҳалли масъалаҳое, ки дониши махсуси илмию техникиро талаб мекунанд, коршиносон ва мутахассисони дахлдорро, новобаста ба шакли моликият, ҷалб намояд;

5) шоҳидони фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ ва шахсони бо фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ алоқамандро пурсиш кунад, аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълумоти заруриро гирад;

6) ҳамаи масъалаҳои истифодабарӣ ва таъмири киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, омода намудани шахсон аз ҳисоби мутахассисони авиатсионӣ, ташкили ҳаракати ҳавоӣ, иҷро ва таъмини парвозҳои ҳавоиро омӯзад;

7) аз мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин аз шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуҷҷату маводро оид ба масъалаҳое, ки ба фалокат ё ҳодисаи авиатсионии мазкур иртибот доранд, талаб намояд;

8) вобаста ба ҳолати ҷисмонию равонии аъзои ҳайати парвозии ба фалокат дучоршуда, инчунин шахсони дахлдор, аз қабили ҳайати мутахассисони авиатсионӣ таҳқиқот гузаронад.

3. Комиссия оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ уҳдадор аст ҷиҳати роҳ надодан ба истифода ё интишори беиҷозати маълумот оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ тадбирҳо андешад.

**Моддаи 88. Ҳифзи далелҳои шайъӣ то таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ**

1. Аъзои ҳайати парвозии киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, сардорони зерсохторҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ ва роҳбарони корҳои дохилӣ то омадани комиссия оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бояд барои таъмини нигоҳдории киштии ҳавоии ба фалокат дучоршуда, қисмҳои таркибӣ ва пораҳои он, воситаҳои назорати объективонаи дохили киштии ҳавоӣ ва рӯизаминӣ, ашёҳои дохили киштии ҳавоӣ ва инчунин ҳуҷҷатҳое, ки ба истифодабарию таъмири киштии ҳавоии мазкур ва таъмини парвози он мансубанд, тамоми тадбирҳои заруриро андешанд.

2. Ҳифзи далелҳои шайъӣ бо роҳи аксбардорӣ ё бо воситаҳои дигари дахлдори ҳама гуна далелҳои шайъӣ, ки метавонанд гирифта, вайрон, гум ё нобуд шаванд, анҷом дода мешавад.

3. Ба барқасдона пинҳон намудани фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ, маълумот дар бораи онҳо, инчунин тахрифи иттилоот, вайрон ё нобуд намудани воситаҳои назорати объективонаи дохиликиштӣ ва рӯизаминӣ, маводҳои дигари бо фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ алоқаманд роҳ дода намешавад.

**Моддаи 89. Таъмини кор дар ҷойи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ**

1. Корҳое, ки дар ҷойи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бо мақсади таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ анҷом дода мешаванд, бо корҳо оид ба бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода баробар дониста мешаванд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ уҳдадоранд ба комиссияи таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ мусоидат намоянд, аз ҷумла қувваю воситаи заруриро ба ихтиёри комиссияи мазкур супоранд, оид ба муҳофизати ҷойи рӯйдоди фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ, муҳайё кардани шароити бехатари кор дар ҷойи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Хароҷот вобаста ба таъмини кори комиссия оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бо тартиби муқарраргардида аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҷуброни суғуртавии корхонаҳои авиатсионӣ маблағгузорӣ мегардад.

**Моддаи 90. Фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бо киштии ҳавоии хориҷӣ**

1. Ҳангоми дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додани фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ бо киштии ҳавоии хориҷӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлати бақайдгиранда, давлати таҳиякунанда, давлати истеҳсолкунанда ва давлати истифодабарандаи ин киштии ҳавоӣ, инчунин давлатҳоеро, ки шаҳрвандони онҳо дар ин фалокат ҳалок ё маҷрӯҳ шудаанд, огоҳ менамояд.

2. Намояндагони ваколатдори давлатҳое, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидаанд, барои иштирок дар кори комиссия оид ба таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ ҷалб карда мешаванд.

**БОБИ 13.**
**ИНТИҚОЛИ ҲАВОӢ**

**Моддаи 91. Намудҳои интиқоли ҳавоӣ**

Интиқоли ҳавоӣ аз рӯи хусусиятҳои зерин муайян карда мешавад:

1) аз рӯи намуди ҳаво: дохилӣ ва байналмилалӣ;

2) аз рӯи объектҳои интиқол: мусофирон, бағоҷ, бор ва почта;

3) аз рӯи хусусияти муносибатҳо: тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;

4) аз рӯи хусусияти парвозҳо: мунтазам, номунтазам, фармоишӣ;

5) корҳои авиатсионӣ.

**Моддаи 92. Қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ**

Интиқолдиҳандагон уҳдадоранд ҳангоми иҷрои интиқоли ҳавоӣ қоидаҳои интиқоли ҳавоии мусофирон, бағоҷ, бор ва почта, талабот оид ба хизматрасонии мусофирон, боринтиқолдиҳандагон ва борқабулкунандагонро, ки тибқи Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, риоя намоянд.

**Моддаи 93. Шартномаи интиқоли ҳавоӣ**

1. Ҳангоми амалӣ намудани интиқоли мунтазам тавассути нақлиёти ҳавоӣ шартномаи интиқоли ҳавоӣ оммавӣ ҳисобида мешавад. Ҷадвали интиқоли мунтазам, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ тасдиқ шудааст, қисми ҷудонашавандаи шартномаи интиқоли ҳавоӣ мебошад.

2. Интиқоли фармоишӣ дар асоси шартномаи интиқоли ҳавоӣ, ки байни интиқолдиҳанда ва фармоишгар дар шакли хаттӣ баста шудааст, амалӣ карда мешавад. Фармоишгари интиқол шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ буда метавонад.

3. Шартномаи интиқоли ҳавоӣ маълумоти заруриро дар бораи интиқол, аз ҷумла навъи киштии ҳавоӣ, хатсайр, муҳлат, шартҳо, хусусияти интиқол ва арзиши он дар бар мегирад.

4. Шартномаи интиқоли ҳавоӣ ҳангоми амалӣ намудани парвозҳои мунтазами фармоишӣ метавонад ба муҳлати муайян ё номуайян баста шавад.

5. Тибқи шартҳои шартномаи интиқоли ҳавоӣ интиқолдиҳанда уҳдадор аст бағоҷ, бор ё почтаи мусофирро ба ҷойи таъиншуда расонад.

6. Дар шартномаи (чиптаи) интиқоли ҳавоии мусофир шартҳои баргардондан ё барнагардондани маблағи пардохти интиқол зикр карда мешаванд.

7. Бастани шартномаи интиқоли ҳавоии мусофир ё бағоҷ бо чипта ва расиди бағоҷ (бирка), ки дар ҳолатҳои дахлдор ба мусофир дода мешаванд, тасдиқ карда мешавад. Бастани шартномаи интиқоли ҳавоии бор ва (ё) почта бо борхатҳои авиатсионӣ (молию нақлиётӣ) ва почта, ки дар Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, тасдиқ карда мешавад.

8. Дар шакли электронӣ (ҳуҷҷати интиқоли электронӣ) бастани шартномаи интиқоли ҳавоӣ, инчунин барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои интиқол, ки дар қисми 7 моддаи мазкур зикр шудаанд, иҷозат дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо бо талаби мусофир, боринтиқолдиҳанда ё шахсони аз ҷониби онҳо ваколатдоргардида, интиқолдиҳанда ё шахси дар асоси шартнома бо интиқолдиҳанда амалкунанда уҳдадоранд ба онҳо иқтибос оид ба шартҳои шартномаи интиқоли ҳавоӣ ё ҳуҷҷатҳои дахлдори дигарро диҳанд.

9. Корхонаҳои авиатсионӣ уҳдадоранд баҳисобгирии интиқоли ҳавоӣ, феҳристи ҳуҷҷатҳои интиқол (аз ҷумла феҳристи ҳуҷҷатҳои электронии интиқол)-ро ба роҳ монанд. Феҳристи ҳуҷҷатҳои интиқол бояд маълумотро оид ба интиқоли ҳавоӣ, хатсайрҳои интиқол бо нишон додани нуқтаҳои ирсол ва таъинот дар бар гирад.

10. Низомҳои худкори иттилоотие, ки ҳангоми хизматрасонии интиқоли ҳавоӣ истифода мешаванд ва барои пешниҳоди иттилоот дар бораи ҷадвали парвозҳо, мавҷудияти ҷойҳо, арзиши интиқол, хизматрасонии интиқолдиҳандагон, инчунин барои брон намудан ва ба расмият даровардани чиптаҳо таъин шудаанд, бояд таъмин намоянд:

1) шаффофият ва имкониятҳои баробари операторони чунин низомҳо;

2) имконияти интихоби хизматрасониҳо оид ба интиқоли ҳавоӣ.

11. Ба низоми худкори иттилоотии хизматрасонии интиқоли ҳавоӣ дохил мешаванд:

1) низоми идораи ирсоли мусофирон ва бағоҷ дар фурудгоҳҳо;

2) низоме, ки барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо байни интиқолдиҳандагон ва субъектҳое, ки хизматрасониро оид ба фурӯши интиқоли ҳавоӣ пешниҳод менамоянд, истифода мешавад;

3) низоми брон намудан, ки барои бронкунӣ ва фурӯши интиқоли ҳавоӣ истифода мешавад;

4) низоми идоракунии равандҳои технологӣ дар фурудгоҳҳо.

12. Таҳиякунанда ё истифодабарандаи низомҳои дар қисми 11 моддаи мазкур зикргардида уҳдадоранд махфияти маълумоти шахсиро таъмин намоянд ва бидуни розигии шахси манфиатдор иттилоотро коркард ё дастраси дигарон накунанд, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 94. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мусофирони киштии ҳавоӣ**

1. Мусофири киштии ҳавоӣ ҳуқуқ дорад:

1) бо шартҳои интиқол ва хизматрасониҳои бо он алоқаманд шинос шавад ва доир ба онҳо маълумоти заруриро гирад;

2) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоидаҳои муқарраргардидаи интиқоли ҳавоӣ бо шартҳои ройгон ва имтиёзнок парвоз намояд;

3) як нафар кӯдаки синни то 3-соларо тариқи ройгон, бе ҷудо гардидани ҷойи алоҳида, бо худ гирад. Кӯдакони дигари синни аз 3 то 12 - сола бо тарофаи имтиёзнок, ки на бештар аз 50 фоизи нархи чиптаро ташкил медиҳад, бо пешниҳоди ҷойҳои алоҳида барои онҳо интиқол дода мешаванд;

4) бағоҷи худро дар ҳудуди меъёри муқаррарнамудаи интиқолдиҳанда ройгон интиқол диҳад;

5) бори дастиро, ки вазни он аз андозаи муқаррарнамудаи интиқолдиҳанда барои ин навъи киштии ҳавоӣ зиёд набошад, ройгон интиқол диҳад;

6) дар ҳолати тағйир ёфтани дараҷаи хизматрасонӣ ё иваз шудани навъи киштии ҳавоӣ бо чиптаи қаблан харидашуда бе пардохти иловагӣ ё аз ҷониби интиқолдиҳанда баргардонда шудани фарқияти арзиши чипта, агар арзиши парвоз аз пардохти амалишуда камтар бошад, парвоз намояд;

7) пеш аз оғози интиқол аз парвоз даст кашад;

8) ҳангоми зарурат арзиши бағоҷи барои интиқол супоридашавандаро эълон кунад;

9) дар ҳолати бо гуноҳи интиқолдиҳанда танаффуси интиқоли ҳавоӣ ё ҳангоми иҷборан ба таъхир гузоштани парвози киштии ҳавоӣ аз хизматрасониҳои ҳуҷраҳои модару кӯдак, инчунин аз ҷойи хоб дар меҳмонхона ройгон истифода барад;

10) ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки ӯ бо гуноҳи интиқолдиҳанда расондашударо талаб намояд;

11) дорои ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

2. Мусофири киштии ҳавоӣ уҳдадор аст:

1) саривақт ва пурра арзиши интиқолро пардохт намояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад;

2) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро бо худ дошта бошад;

3) чипта, расиди бағоҷ (бирка) ё ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи онҳоро бо худ дошта бошад ва онҳоро то охири парвоз нигоҳ дорад;

4) ҳангоми парвозҳои байналмилалӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро барои убури сарҳад ва интиқоли бағоҷ тавассути сарҳад дошта бошад ва бо дархости мақомоти дахлдор онҳоро пешниҳод намояд;

5) дар вақти парвоз, инчунин ҳангоми савор шудан ва фаромадан ба (аз) киштии ҳавоӣ расмиёту қоидаҳои муқарраргардидаро риоя намояд;

6) ҳангоми дар дохили киштии ҳавоӣ ҳузур доштан супоришҳои қонунии сарҳавонавард ва ҳайати парвозии киштии ҳавоиро иҷро намояд;

7) арзиши интиқоли бағоҷи аз меъёри муқарраргардида барзиёд, инчунин хизматрасониҳоро вобаста ба интиқоли бағоҷ бо арзиши эълоншуда пардохт намояд, агар дар шартномаи интиқол тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;

8) бо мақсади таъмини бехатарии авиатсионӣ талаботи муқарраргардидаро дар фурудгоҳҳо ва киштии ҳавоӣ, инчунин расмиёти назорати сарҳадӣ, гумрукӣ, санитарӣ ва намудҳои дигари назорати муқаррарнамудаи давлати қабулкунандаро риоя намояд;

9) уҳдадориҳои дигари пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

**Моддаи 95. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои интиқолдиҳанда**

1. Интиқолдиҳанда ҳуқуқ дорад:

1) аз мусофир риояи талаботи муқаррарнамудаи Кодекси мазкур, қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ ва ҳангоми амалӣ намудани интиқоли ҳавоии байналмилалӣ инчунин қоидаҳои гумрукӣ, сарҳадӣ ва қоидаҳои дигари аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатҳои парвоз, таъинот ё транзит муқарраргардидаро талаб намояд ва дар сурати аз ҷониби мусофир риоя нагардидани ин талабот аз интиқоли ӯ даст кашад (шартномаи интиқолро бекор намояд);

2) ҳангоми амалӣ намудани интиқоли ҳавоӣ талаботи худро, аз ҷумла меъёрҳои интиқоли бағоҷ, бори дастӣ (ройгон, бе бағоҷ, калонвазн, андоза ё миқдори зиёд), ки набояд ба қоидаҳои умумии интиқоли ҳавоӣ мухолиф бошанд ва сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон, боринтиқолдиҳанда, борқабулкунандагонро бадтар кунанд, муқаррар намояд. Дар баробари ин, агар меъёри интиқоли ройгони бағоҷ пешбинӣ гардида бошад, он набояд аз 20 килограмм ва барои бори дастӣ набояд аз 5 килограмм барои як нафар мусофир кам бошад;

3) бори дастӣ ва бағоҷи мусофирро барои интиқол қабул накунад, агар дар дохили киштии ҳавоӣ ҷойгиронии онҳо ба ҳаракати озоди мусофирони дигар халал расонад;

4) дар ҳолатҳои зерин ба мусофир (боринтиқолдиҳанда) интиқолро рад намояд:

а) барои вайрон намудани қоидаҳои рафтор дар дохили киштии ҳавоӣ, ки ба бехатарии парвоз ё ба ҳаёт ва саломатии шахсони дигар таҳдид мекунад, инчунин барои аз ҷониби мусофир иҷро нагардидани амри сарҳавонаварди киштии ҳавоӣ;

б) ҳангоми аз ҷониби мусофир рад намудани пардохти маблағи интиқоли бағоҷи худ, ки вазни он аз меъёри барои интиқоли ройгони бағоҷ муқарраргардида зиёд аст;

в) ҳангоми дар ашё, бағоҷ ё бор дарёфт шудани ашё ё моддаҳое, ки интиқолашон манъ мебошад;

г) агар вазъи саломатии мусофири киштии ҳавоӣ, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббӣ тасдиқ меёбад, шароити махсуси интиқоли ҳавоиро тақозо намояд ё ба бехатарии худи мусофир ё шахсони дигар таҳдид кунад ё барои мусофирони дигар нороҳатии ҷиддӣ эҷод намояд;

5) ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо зимни амалӣ намудани интиқоли ҳавоӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намояд;

6) оид ба баланд бардоштани масъулияти худ дар муқоиса бо меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, шартномаҳо бандад;

7) дорои ҳуқуқҳои дигари муқаррарнамудаи қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ бошад.

2. Уҳдадориҳои интиқолдиҳанда:

1) талаботи Кодекси мазкур, қоидаҳои умумии интиқоли ҳавоӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

2) мусофирро, аз ҷумла ба воситаи шахсони сеюм дар бораи шартҳои шартномаи интиқоли ҳавоӣ ва хизматрасониҳои бо он алоқаманд, ки интиқолдиҳанда пешниҳод менамояд, огоҳ намояд;

3) интиқоли мусофирон ва бағоҷро дар ҳаҷм ва бо шартҳое ки дар шартномаи интиқол пешбинӣ шудаанд, анҷом диҳад;

4) коршоямии ҳолати техникии киштиҳои ҳавоиро таъмин намуда, тадбирҳои муқарраргардидаи бехатарии авиатсионӣ, аз ҷумла таъмини ҳифзи киштии ҳавоӣ дар вақти танаффусҳои байни парвозҳоро риоя намояд;

5) ба киштии ҳавоӣ савор кардан ва аз он фаровардани мусофиронро танҳо дар таваққуфгоҳ, перрон ва терминалҳои мусофиркашии ба таври дахлдор таҷҳизонидашуда ва аломатгузоришуда анҷом диҳад;

6) тарофаҳои эълонгардидаи интиқоли мусофирон ва бағоҷро эълон ва риоя намояд, дар шартномаи интиқол, чипта ва расиди бағоҷ тарофаро дарҷ намояд, мусофиронро аз тағйирёбии минбаъдаи тарофаҳо пешакӣ огоҳ созад;

7) фурӯши чиптаҳо ва расидҳои бағоҷро бо шартҳои барои ҳамаи мусофирон, аз ҷумла мусофирони маъюб, дастрас таъмин намояд;

8) ба мусофир арзиши бағоҷи бо гуноҳи ӯ гумшударо дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ баргардонад;

9) дар сурати аз парвоз даст кашидани мусофир маблағи пардохтшударо тибқи шартҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва шартномаи интиқоли ҳавоӣ ба ӯ баргардонад;

10) ҳангоми имконнопазирии амалӣ намудани интиқоли ҳавоии мусофир ва бағоҷ бо киштии ҳавоии қаблан эълоншуда дар муҳлатҳои дар шартномаи интиқол ё қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ пешбинишуда, киштии ҳавоии дигарро, агар арзиши интиқол дар киштии ҳавоии пешниҳодшуда баланд бошад, бе талаби пардохти иловагӣ аз мусофир, пешниҳод намояд ва агар арзиши интиқол дар он пасттар бошад, ба мусофир фарқияти маблағро ҷуброн намояд;

11) суғуртаи масъулияти худро барои расондани зарари эҳтимолӣ ба мусофирон ва шахсони сеюм ҳангоми амалӣ намудани интиқоли ҳавоӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таъмин ва зарари расондашударо ҷуброн намояд.

12) расондани кумаки аввалияи тиббиро ба мусофирон ташкил кунад;

13) вобаста ба дараҷаи хизматрасонӣ ва муҳлати парвоз мусофирро бо хӯрок дар дохили киштии ҳавоӣ таъмин намояд;

14) уҳдадориҳои дигари муқаррарнамудаи қоидаҳои интиқоли ҳавоиро иҷро намояд.

**Моддаи 96. Хусусиятҳои интиқоли шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд**

1. Интиқоли шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд мутобиқи муқаррароти Кодекси мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми бастани шартномаи интиқоли ҳавоӣ мусофири дорои имкониятҳои маҳдуд уҳдадор аст интиқолдиҳанда ё шахси ваколатдори ӯ, ки фурӯш ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои интиқолро амалӣ менамояд, дар бораи хизматрасониҳои иловагии зарурӣ ба ӯ огоҳ намояд.

3. Мусофири дорои имконияти маҳдуд ҳуқуқ дорад:

1) дар мувофиқа бо интиқолдиҳанда барои ҳамроҳӣ намудан то назди киштии ҳавоӣ, савор шудан ва фуруд омадан аз он кумак гирад;

2) аз хизматрасониҳои иловагии фурудгоҳ, ки барои хизматрасонӣ ба ин гурӯҳи мусофирон пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла таҷҳизоти махсуси борбардор ҳангоми ҷойивазкунӣ, ҷойгиронӣ ва додани бағоҷу бори дастӣ истифода намояд;

3) ҳангоми зарурати интиқол бо шахси ҳамроҳикунанда имконияти интиқол ва хизматрасонии муштарак дошта бошад;

4) ҳангоми мавҷуд будани ҳуҷҷати махсус саг-роҳбалад, аробачаи маъюбии инфиродӣ ва воситаҳои дигари техникии эҳёкуниро бе пардохти иловагӣ интиқол диҳад.

**Моддаи 97. Қатъи амали шартномаи интиқоли ҳавоӣ**

1. Ҳангоми аз парвоз даст кашидани мусофир ва дар ин бора на дертар аз 24 соат пеш аз парвози киштии ҳавоӣ огоҳонидани интиқолдиҳанда, агар тибқи қоидаҳои интиқоли ҳавоии муқарраркардаи интиқолдиҳанда муҳлати имтиёзнок муайян нагардида бошад, мусофир ҳуқуқ дорад маблағи барои интиқоли ҳавоӣ пардохтнамудаашро, бо нигоҳ доштани хароҷоти воқеии интиқолдиҳанда, ки вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои шартномаи интиқоли ҳавоӣ сарф карда шудааст, бозпас гирад.

2. Ҳангоми аз парвоз даст кашидани мусофири киштии ҳавоӣ дертар аз муҳлати зикргардида, ӯ ҳуқуқ дорад маблағи барои интиқоли ҳавоӣ пардохтнамудаашро бо нигоҳ доштани маблағи ҷарима, ки ҳаҷми он наметавонад аз 10 фоизи маблағи барои интиқол пардохтшуда зиёд бошад, барои фоидаи аз дастдодаи интиқолдиҳанда, аз ҷумла хароҷоти воқеии интиқолдиҳанда, ки вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои шартномаи интиқоли ҳавоӣ сарф карда шудааст, бозпас гирад.

3. Номгӯйи хароҷоти интиқолдиҳанда, ки барои нигоҳ доштан аз мусофир вобаста ба иҷрои уҳдадориҳо оид ба шартномаи интиқоли ҳавоӣ ҳангоми даст кашидан аз парвоз ба инобат гирифта мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ муайян карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ. 13)

# КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 12)

4. Дар ҳолати аз интиқоли ҳавоӣ ноилоҷ даст кашидани мусофир бо сабаби бемории ӯ ё хешовандони наздики мусофир ё шахси дигари ӯро дар киштии ҳавоӣ ҳамроҳикунанда, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббӣ тасдиқ мегардад ё бинобар вафоти ӯ ё хешовандони наздики мусофир ё шахси дигари ӯро дар киштии ҳавоӣ ҳамроҳикунанда, ки бо ҳуҷҷати дахлдор тасдиқ шудааст, бо огоҳонидани интиқолдиҳанда дар ин бора ё бинобар ба таъхир гузоштани парвози киштии ҳавоӣ ё дигар амали (беамалии) интиқолдиҳанда, ки боиси иҷро нагардидан ё ба таври номатлуб иҷро гардидани уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи интиқоли ҳавоӣ мегардад, ба мусофир маблағи пардохтшудаи интиқол, аз ҷумла маблағи пардохти бебозгашт, пурра баргардонда мешавад.

5. Барои мақсадҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи мазкур таҳти мафҳуми хешовандони наздик – падару модар, ҳамсар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ ва набера фаҳмида мешаванд.

6. Ҳангоми бо ташаббуси интиқолдиҳанда қатъ гардидани амали шартномаи интиқоли ҳавоӣ дар робита ба амалҳои мусофир, ки дар зербанди а) банди 4 қисми 1 моддаи 95 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, маблағи барои интиқоли ҳавоӣ пардохтшуда ба мусофир баргардонда намешавад.

**Моддаи 98. Қоидаҳои ташаккули тарофаҳо ва хироҷ дар соҳаи авиатсияи граждани**

1. Қоидаҳои ташаккули тарофаҳо, ситонидани хироҷ дар соҳаи авиатсияи граждани, инчунин қоидаҳои додани борхатҳои авиатсионӣ (молию нақлиётӣ) ва ҳуҷҷатҳои дигари интиқол аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи граждани муқаррар карда мешаванд.

2. Тарофаҳои хизматрасониҳои ба соҳаи инҳисории табиӣ марбутбуда дар соҳаи авиатсияи граждани ва меъёрҳои нархи ин хизматрасониҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 99. Қабули бор дар нуқтаи таъинот**

1. Интиқолдиҳанда ё шахси ваколатдори ӯ уҳдадор аст борқабулкунандаро дар бораи омадани бор дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи интиқоли ҳавоӣ огоҳ созад.

2. Борқабулкунанда уҳдадор аст борро қабул кунад ва онро барорад, агар дар шартномаи интиқоли ҳавоии бор тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Борқабулкунанда ҳуқуқ дорад аз қабули бори осебдида ё вайроншуда даст кашад, агар муқаррар карда шавад, ки сифати бор ба ҳадде тағйир ёфтааст, ки имконияти пурра ва (ё) қисман истифода намудани онро мувофиқи таъиноти қаблан пешбинишуда имконнопазир мегардонад. Бори талабнашуда бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта мешавад.

3. Нигоҳдории бори таҳти назорати гумрукӣ қарордошта ва ихтиёрдории он бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 100. Интиқоли борҳои хатарнок**

1. Интиқоли борҳои хатарнок тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ карда мешавад. Интиқоли борҳои хатарнок дар сурати доштани иҷозати махсуси мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсия анҷом дода мешавад.

2. Интиқоли борҳои хатарнок, ки ба стандартҳо ва шартҳои техникии муқаррargардида мувофиқат намекунанд ва бехатарии ҳаёту саломатии одамон, бехатарии ҳаракат ва нигоҳдории борро кафолат намедиҳанд, манъ аст.

3. Киштиҳои ҳавоӣ ва ҳайати парвозии киштиҳои ҳавоӣ, ки борҳои хатарнокро интиқол медиҳанд, бояд сертификатҳои дахлдор дошта бошанд.

4. Борқабулкунанда аз қабули бори хатарноке, ки ба нишонии ӯ ирсол шудааст, даст кашида наметавонад.

**Моддаи 101. Корҳои авиатсионӣ**

1. Корҳои авиатсионӣ дар асоси шартнома оид ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар муҳлат, ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи шартнома иҷро карда мешаванд.

2. Корҳои авиатсионӣ бояд мувофиқи қоидаҳои муқаррargардидаи парвози киштиҳои ҳавоӣ анҷом дода шаванд.

3. Ҳангоми амалӣ намудани корҳои авиатсионӣ мақомоти давлатӣ метавонанд иҷрои онҳоро дар робита бо хусусиятҳои экологии мавзеи дахлдор ё реҷаи махсуси қарор доштани воситаҳои нақлиёт ва одамон дар ин мавзеъ маҳдуд намоянд. Мувофиқасозии шартҳо ва маҳдудиятҳои иҷрои корҳои авиатсионӣ ба зиммаи фармоишгари корҳои авиатсионӣ вогузор карда мешавад.

**БОБИ 14.**
**АСОСҲОИ УМУМИИ МАСЪУЛИЯТИ ИШТИРОКЧИЁНИ ИНТИҚОЛИ ҲАВОӢ**

**Моддаи 102. Масъулият барои зарари расондашуда ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки мусофир ё шахсони сеюм ҳангоми интиқоли ҳавоӣ**

1. Барои зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки мусофир ҳангоми интиқоли ҳавоӣ расонда шудааст, интиқолдиҳанда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад, агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

2. Барои зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони сеюм ҳангоми интиқоли ҳавоӣ расонда шудааст, соҳибмулки киштии ҳавоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад, агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

3. Барои мақсадҳои пешбининамудаи моддаи мазкур интиқоли ҳавоии мусофир давраи аз муоинаи пешазпарвозӣ гузаштан ва то лаҳзаи зери назорати шахсони ваколатдори интиқолдиҳанда аз аэродром баромадани ӯро дар бар мегирад.

**Моддаи 103. Масъулияти интиқолдиҳанда барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, бор, инчунин ашёи бо худ доштаи мусофир**

1. Интиқолдиҳанда барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ ё бор, баъди барои интиқоли ҳавоӣ қабул кардан ва то ба борқабулкунанда ё шахси ваколатдори ӯ супоридани онҳо, тибқи қоидаҳои муқаррargардида ҷавобгар намебошад, агар исбот намояд, ки аз ҷониби ӯ барои пешгирӣ кардани зарар тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд ё татбиқи ин гуна тадбирҳо имконнопазир буд.

2. Интиқолдиҳанда барои нигоҳдории ашёи бо худ доштаи мусофир ҷавобгар намебошад, агар исбот кунад, ки гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) ин ашё дар натиҷаи ҳолатҳои рафънопазир, ки ӯ онҳоро пешгирӣ карда наметавонист ва бартараф сохтани онҳо аз ӯ вобастагӣ надошт ва ё бо қасди худи мусофир рух додааст.

3. Интиқолдиҳанда барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ ё бор ҷавобгар намебошад, агар исбот намояд, ки ин ҳолатҳо дар натиҷаи амали (беамалии) қасдонаи интиқолдиҳанда ё на дар вақти интиқоли ҳавоӣ рух додаанд.

**Моддаи 104. Масъулияти интиқолдиҳанда барои гум шудан, камомад ё осеб дидан (вайрон шудан), инчунин таъхири таҳвили бағоҷ, бор, ашёи бо худ доштаи мусофир ё почта**

1. Барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, бор, инчунин ашёи бо худ доштаи мусофир интиқолдиҳанда ба андозаи зерин ҷавобгар аст:

1) барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, боре, ки барои интиқоли ҳавоӣ бо эълони арзиш қабул шудааст, – ба андозаи арзиши эълоншуда. Барои интиқоли ҳавоии бағоҷ ё бори дорои арзиши эълоншуда аз боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда пардохти иловагӣ ситонида мешавад, ки андозаи он дар шартномаи интиқоли ҳавоӣ муқаррар карда мешавад;

2) барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, боре, ки барои интиқоли ҳавоӣ бе эълони арзиш қабул шудааст, - ба андозаи на кам аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як килограмм вазни бағоҷ ё бор ва дар сурати имконпазирии муқаррар намудани арзиш - ба андозаи арзиши онҳо;

3) барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) ашёи мусофир, - ба андозаи арзиши онҳо ва дар сурати имконнопазирии муқаррар намудани арзиши онҳо - ба андозаи на кам аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

2. Арзиши бағоҷ, бор, инчунин ашёи бо худ доштаи мусофир дар асоси нархи дар ҳисобномаи фурӯшанда нишондодашуда ё дар шартнома пешбинигардида ва дар сурати набудани он аз рӯйи нархи миёнаи ҳамин гуна мол дар маҳалле, ки бор бояд дар рӯзи ихтиёран қонеъ гардондани чунин талабот супорида мешуд ё дар рӯзи қабули санади судӣ, агар талабот ихтиёран қонеъ нашуда бошад, муайян карда мешавад.

3. Барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, бор, инчунин ашёи бо худ доштаи мусофир дар рафти интиқоли ҳавоии байналмилалӣ интиқолдиҳанда мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҷавобгар мебошад.

4. Барои муҳлатгузаронии таҳвили мусофир, бағоҷ ё бор ба ҷойи таъиншуда аз ҷониби интиқолдиҳанда барои ҳар як соати муҳлатгузаронӣ ба андозаи 50 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, вале на бештар аз 50 фоизи пардохти арзиши интиқол, ҷуброн карда мешавад, агар исбот карда натавонад, ки муҳлатгузаронӣ дар натиҷаи ҳолатҳои рафънопазир, бартарафсозии корношоямии киштии ҳавоӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофирон хатар эҷод менамояд, ё ҳолатҳои дигари аз интиқолдиҳанда вобастанабуда ба амал омадааст. Тартиб оид ба таъмин ва баҳисобгирии мунтазамии парвозҳои киштиҳои ҳавоии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қоидаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

5. Интиқолдиҳанда дар назди ташкилоти алоқаи почта барои гум шудан, осеб дидан (вайрон шудан) ё таҳвили почта бо муҳлатгузаронӣ, ки бо гуноҳи интиқолдиҳанда ба амал омадааст, мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 105. Масъулияти боринтиқолдиҳанда**

Боринтиқолдиҳанда барои зарари аз тарафи интиқолдиҳанда ё шахсе, ки интиқолдиҳанда дар назди ӯ ҷавобгар мебошад, бинобар нодурустӣ ё нопуррагии маълумоти пешниҳоднамудаи боринтиқолдиҳанда расондашуда, ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 106. Тартиби пешниҳоди талабот дар сурати вайрон кардани шартномаҳои интиқоли ҳавоии мусофирон, бор ва** почта

1. Бо талаби мусофир боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои интиқолдиҳӣ интиқолдиҳанда ё шахси ваколатдори ӯ уҳдадор аст санади тиҷоратӣ тартиб диҳад.

2. Санади тиҷоратӣ ҳангоми супоридани бағоҷ ё бор бо мақсади тасдиқи ҳолатҳои зерин тартиб дода мешавад:

1) номутобиқатӣ байни номи воқеии бор, вазни он ё миқдори воҳидҳои бор бо маълумоти дар ҳуҷҷати интиқолдиҳӣ нишондодашуда;

2) осеб дидани (вайрон шудани) бор;

3) камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ;

4) дарёфти бағоҷ ё бори бе ҳуҷҷати интиқолдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои интиқолдиҳӣ бе бағоҷ ё бор.

3. Барои тасдиқи ҳолатҳои зикргардида нисбат ба почта интиқолдиҳанда ва ташкилоти хизматрасонии почта санади тиҷоратӣ тартиб медиҳанд.

4. Дар ҳолати вайрон гардидани шартномаи интиқоли ҳавоии бор ё почта ба интиқолдиҳанда қабл аз пешниҳоди даъво иддао пешниҳод карда мешавад.

5. Дар ҳолати вайрон гардидани шартномаи интиқоли ҳавоии мусофир, бор ё почта ба интиқолдиҳанда дар фурудгоҳи нуқтаи парвоз ё фурудгоҳи нуқтаи таъинот бо салоҳдиди аризадиҳанда ариза ё иддао пешниҳод карда мешавад.

6. Мавҷуд набудани санади тиҷоратӣ мусофир, боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунандаро аз ҳуқуқи пешниҳоди иддао ё даъво маҳрум намесозад.

7. Дар сурати вайрон кардани шартномаи интиқоли ҳавоии мусофирон шахсони зерин ҳуқуқи пешниҳоди аризаро ба интиқолдиҳанда доранд:

1) дар сурати гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, инчунин таҳвили он бо муҳлатгузаронӣ – мусофир ё шахси ваколатдори ӯ бо пешниҳод намудани расиди бағоҷ ё санади тиҷоратӣ;

2) дар сурати бо ташаббуси интиқолдиҳанда қатъ гардидани шартномаи интиқоли ҳавоӣ – мусофир.

8. Ҳуқуқи пешниҳоди иддао ё даъво нисбат ба интиқолдиҳандаро доранд:

1) дар ҳолати гум шудани бор – борқабулкунанда бо пешниҳод намудани борхати авиатсионии аз ҷониби интиқолдиҳанда ба боринтиқолдиҳанда додашуда, бо қайди фурудгоҳи нуқтаи таъинот дар бораи омадани (наомадани) бор, дар сурати имконнопазирии пешниҳоди чунин борхат, ҳуҷҷат оид ба пардохти арзиши бор ва маълумотномаи интиқолдиҳанда дар бораи фиристодани бор, бо қайди фурудгоҳи нуқтаи таъинот дар бораи омадани (наомадани) бор, пешниҳод карда мешавад;

2) ҳангоми камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бор – борқабулкунанда бо пешниҳоди борхати авиатсионӣ ё санади тиҷоратӣ;

3) дар сурати таҳвили бор бо муҳлатгузаронӣ – борқабулкунанда бо пешниҳоди борхати авиатсионӣ;

4) дар сурати гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) почта, инчунин таҳвили он бо муҳлатгузаронӣ – ташкилоти алоқаи почтаи нуқтаи таъинот;

5) суғуртакунанда – бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдори интиқолдиҳӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи баста шудани шартномаи суғурта ва пардохти ҷуброни суғуртавӣ.

**Моддаи 107. Муҳлати пешниҳоди иддао нисбат ба интиқолдиҳанда ҳангоми иҷрои интиқоли ҳавоии дохилӣ**

1. Иддао нисбат ба интиқолдиҳанда ҳангоми интиқоли ҳавоии дохилӣ дар давоми 6 моҳ пешниҳод шуда метавонад. Муҳлати мазкур ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

1) дар бораи ҷуброни зарар дар сурати камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бор ё почта, инчунин ҳангоми таҳвили он бо муҳлатгузаронӣ – як рӯз пас аз рӯзи супоридани бор, нисбат ба почта – аз рӯзи тартиб додани санади тиҷоратӣ;

2) дар бораи ҷуброни зарар ҳангоми гум шудани бор – баъд аз 10 рӯзи ба анҷом расидани муҳлати таҳвили бор;

3) дар бораи ҷуброни зарар ҳангоми гум шудани почта – баъд аз гузаштани муҳлати таҳвил;

4) дар бораи ҷуброни зарар дар ҳама ҳолатҳои дигар – аз рӯзи рӯй додани ҳодисае, ки барои пешниҳоди иддао асос шудааст.

2. Интиқолдиҳанда ҳуқуқ дорад иддаоро пас аз гузаштани муҳлати муқаррargардида барои баррасӣ қабул кунад, агар сабаби гузаштани муҳлати пешниҳоди иддаоро узрнок ҳисобад.

**Моддаи 108. Муҳлати пешниҳоди иддао нисбат ба интиқолдиҳанда ҳангоми иҷрои интиқоли ҳавоии байналмилалӣ**

1. Дар сурати осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ ё бор ҳангоми интиқоли ҳавоии байналмилалӣ шахсе, ки ҳуқуқи гирифтани онро дорад, ҳангоми ошкор намудани зарар бояд дар давоми 7 рӯзи баъд аз гирифтани бағоҷ ва на дертар аз 14 рӯзи пас аз гирифтани бор ба интиқолдиҳанда дар шакли хаттӣ (электронӣ) арз намояд.

2. Дар сурати таҳвили бағоҷ ё бор бо муҳлатгузаронӣ иддао бояд дар давоми 21 рӯзи баъди супоридани бағоҷ ё бор ба шахсе, ки ҳуқуқи гирифтани онро дорад, пешниҳод карда шавад. Иддаои мазкур барои тартиб додани санади тиҷоратӣ асос мегардад.

3. Дар сурати гум шудани бағоҷ, бор ё почта иддао нисбат ба интиқолдиҳанда метавонад дар давоми 18 моҳ аз рӯзи омадани киштии ҳавоӣ ба фурудгоҳи нуқтаи таъинот ё аз рӯзе, ки киштии ҳавоӣ бояд меомад ё аз рӯзе, ки интиқоли ҳавоӣ қатъ шудааст, пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 109. Оғози ҷараёни муҳлати даъво**

1. Интиқолдиҳанда уҳдадор аст дар муддати 15 рӯзи пас аз санаи воридшавии иддао онро баррасӣ намуда, ба боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда дар бораи қонеъ гардондан ё рад кардани иддао дар шакли хаттӣ хабар диҳад.

2. Ҷараёни муҳлати даъво баъд аз як рӯзи аз тарафи боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда гирифтани ҷавоб дар бораи рад гардидан ё қисман қонеъ гардидани иддао ва дар сурати нагирифтани чунин ҷавоб баъди 45 рӯзи аз тарафи интиқолдиҳанда гирифтани иддао оғоз меёбад, агар дар шартномаи интиқоли ҳавоии бор ё почта тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 110. Масъулият барои зарари расондашуда дар натиҷаи бархӯрдани киштиҳои ҳавоӣ**

1. Ҳангоми бархӯрдани киштиҳои ҳавоӣ, инчунин ҳангоми бе бархӯрдан аз ҷониби як киштии ҳавоӣ расондани зарар ба киштии ҳавоии дигар ҷавобгарии молу мулкии соҳибмулки киштиҳои ҳавоӣ ба таври зерин муайян карда мешавад:

1) зараре, ки ба яке аз моликон бо гуноҳи соҳибмулки дигар расонда шудааст, аз ҷониби соҳибмулки гунаҳкор ҷуброн карда мешавад;

2) дар сурати гунаҳкор будани ҳар ду (якчанд) молик андозаи ҷуброни зарар мувофиқи дараҷаи гуноҳи ҳар кадоми онҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми имконнопазирии муқаррар намудани дараҷаи гуноҳ, масъулият байни соҳибмулкон баробар тақсим карда мешавад.

2. Ҳеҷ кадоме аз соҳибмулкони киштиҳои ҳавоии бо ҳамдигар бархӯрда гунаҳкор ҳисобида намешаванд, агар бо тартиби муқаррargардида ҳолати дигар исбот карда нашавад.

3. Ҷавобгарии молумулкӣ барои зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофири киштии ҳавоӣ расонда шудааст, инчунин барои зараре, ки ба молу мулки дар киштии ҳавоӣ будаи шахсони сеюм расонда шудааст, мутобиқи Кодекси мазкур ба зиммаи соҳибмулкони киштии ҳавоӣ вогузор мегардад. Дар ин маврид соҳибмулки киштии ҳавоӣ дар асоси қисми 1 моддаи мазкур нисбат ба гунаҳкор ҳуқуқи талаби акс (даъвои акс)-ро дорад.

**Моддаи 111. Суғуртаи ҳатмии масъулияти соҳибмулки киштии ҳавоӣ барои зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони сеюм расонда шудааст**

1. Суғуртаи масъулияти соҳибмулки киштии ҳавоӣ барои зараре, ки ҳангоми истифодабарии киштии ҳавоӣ ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони сеюм расонда шудааст, ҳатмист.

2. Ҳангоми иҷрои парвозҳо ва корҳои авиатсионӣ дар фазои ҳавоӣ андозаи ҳадди ақали маблағи суғурта барои ҳар як килограмм вазни ҳадди ниҳоии киштии ҳавоӣ ба андозаи на камтар аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар рӯзи бастани шартнома муқаррар карда мешавад.

3. Ҳангоми иҷрои парвозҳои байналмилалӣ ва корҳои авиатсионӣ дар фазои ҳавоии давлатҳои хориҷӣ андозаи ҳадди ақали маблағи суғурта мутобиқи қонунгузории давлати дахлдори хориҷӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 112. Суғуртаи ҳатмии ҳаёт ва саломатии аъзои ҳайати парвозии киштии ҳавоӣ**

1. Суғуртаи ҳаёт ва саломатии аъзои ҳайати парвозии киштии ҳавоӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон ҳатмӣ мебошад.

2. Маблағи суғурта барои ҳар як узви ҳайати парвозии киштии ҳавоӣ ба андозаи на камтар аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар лаҳзаи бастани шартномаи суғурта муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 113. Суғуртаи ҳатмии масъулияти интиқолдиҳанда дар назди мусофири киштии ҳавоӣ**

1. Интиқолдиҳанда уҳдадор аст масъулиятро барои зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофири киштии ҳавоӣ расонда шудааст, инчунин барои зараре, ки ба бағоҷ ва ашёи ҳамроҳдоштаи мусофир расонда шудааст, суғурта намояд.

2. Маблағи суғуртаи ҳар як мусофири киштии ҳавоӣ, ки дар шартномаи суғуртаи ҳаёт ва саломатии мусофир пешбинӣ шудааст, дар ҳаҷми на камтар аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар рӯзи фурӯши чипта муқаррар карда мешавад.

3. Маблағи суғуртае, ки дар шартномаи суғуртаи бағоҷ пешбинӣ шудааст, ба андозаи на камтар аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як килограмм вазни бағоҷ муқаррар карда мешавад.

4. Маблағи суғуртае, ки дар шартномаи суғуртаи ашёи ҳамроҳдоштаи мусофир пешбинӣ шудааст, ба андозаи на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда мешавад.

5. Ҳангоми иҷрои парвозҳои байналмилалӣ суғуртаи масъулияти интиқолдиҳанда дар назди мусофирони киштии ҳавоӣ, аз ҷумла масъулият барои гум кардан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бағоҷ, инчунин ашёи ҳамроҳдоштаи мусофирон ҳатмӣ мебошад. Андозаи маблағи суғурта набояд аз маблағи пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ё қонунгузории давлати дахлдори хориҷӣ камтар бошад.

**Моддаи 114. Суғуртаи ҳатмии масъулияти интиқолдиҳанда дар назди соҳиби бор ё боринтиқолдиҳанда**

Интиқолдиҳанда уҳдадор аст масъулиятро дар назди соҳиби бор ё боринтиқолдиҳанда барои гум шудан, камомад ё осеб дидани (вайрон шудани) бор ба маблағе суғурта намояд, ки андозаи он барои ҳар як килограмм вазни бор аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар лаҳзаи додани борхати авиатсионӣ (молию нақлиётӣ) муқarrarшуда набояд камтар бошад.

**Моддаи 115. Суғуртаи ҳатмии масъулияти истифодабаранда ҳангоми иҷрои корҳои авиатсионӣ**

Истифодабаранда уҳдадор аст масъулияти худро барои зараре, ки аз ҷониби ӯ метавонад дар робита бо иҷрои корҳои авиатсионӣ расонда шавад, суғурта намояд.

**БОБИ 15.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 116. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия**

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва авиатсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 117. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Кодекси мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Кодекси мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 118. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 342; с. 2005, №12, мод. 631; с. 2007, №7, мод. 685; с. 2008, №10, мод. 806; с. 2011, №12, мод. 839; с. 2013, №7, мод. 506; с. 2015, №3, мод. 203; с. 2016, №5, мод. 366; с. 2022, №12, қ. 2, мод. 773) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 119. Тартиби мавриди амал қарор додани Кодекси мазкур**

Кодекси мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1999**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №421**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998 №23-24, мод.342; с. 2005, №12, мод.631; с. 2007, №7, мод.685; с. 2008, №10, мод.806; с. 2011, №12, мод.839; с. 2013, №7, мод.506; с. 2015, №3, мод.203; с. 2016, №5, мод.366; с. 2022, №12, қ.2, мод.773) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 июни соли 2023, № 1033**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008, (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қисми 2, мод. 24) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Аз матни моддаи 1 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

2. Сархати панҷуми моддаи 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**гирандагони хизматҳои иҷтимоӣ** – шаҳрванд ё гурӯҳи шаҳрвандоне, ки ба хизматрасонии иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд ва ба онҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида мешаванд;».

3. Дар номи боби 2 калимаи «**ҲУҚУҚИ**» ба калимаҳои «**ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ**» иваз карда шавад.

4. Дар қисми 4 моддаи 5 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

5. Моддаи $10^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $10^1$. Уҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ**

Шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ уҳдадориҳои зеринро доранд:

- пешниҳоди маълумоти пурра ва саҳеҳ барои муайян намудани ҳуқуқ ба хизматрасонии иҷтимоӣ;
- риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ;
- пурра ва саривақт пардохт намудани маблағи хизматҳои иҷтимоии музднок;
- саривақт хабардор намудани хадамоти иҷтимоӣ оид ба ҳама гуна вазъият, ки метавонад боиси тағйир ёфтани шароит, тартиб ё қатъи расонидани хизматҳои иҷтимоӣ гардад;
- муносибати эҳтиромона ба кормандони хадамоти иҷтимоӣ;
- иҷрои уҳдадориҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон».

6. Номи боби 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 3. ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ВА ХИЗМАТҲОИ ИҶТИМОӢ».**

7. Ба моддаи 17 қисмҳои 4 ва 5 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«4. Хизматҳои иҷтимоии фаврии якдафъаина ба шаҳрвандони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта, ки бо вазъияти ба ҳаёт ва саломатии онҳо таҳдидкунанда дучор шудаанд, бе талаб намудани ягон уҳдадорӣ аз онҳо, расонида мешаванд.

5. Ба хизматҳои иҷтимоии фаврии якдафъаина таъмин намудан бо хӯроки гарм ё маҷмӯи маҳсулоти хӯрока, либос, пойафзол ва дигар маводи зарурии аввалиндараҷа, мусоидат барои дарёфти ҷойи зисти муваққатӣ, гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гирандаи кӯмаки иҷтимоӣ, мусоидат барои гирифтани кӯмаки равонии фаврӣ бо ҷалби равоншиносон ва дигар хизматҳои иҷтимоии фаврӣ дохил мешаванд.».

8. Дар қисмҳои 3 ва 5 моддаи 25 калимаҳои «амволи» ва «амволашонро» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки» ва «молу мулкашонро» иваз карда шаванд.

9. Дар сархати сеюми моддаи 27 калимаи «истифодабарандагони» ба калимаи «гирандагони» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 1998**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №420**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, №1109**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №4-5, мод. 234) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар муқаддима калимаҳои «муносибатҳои ҷамъиятӣ» ба калимаи «муносибатҳо» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 2:

- аз сархати ҳаштум калимаҳои «аз ҷониби борфиристанда» хориҷ карда шаванд;

- дар сархати чилу шашум калимаҳои «истеҳсолнамудаи худ» ба калимаҳои «ба онҳо бо ҳуқуқи моликият ё асосҳои қонунии дигар тааллуқдошта» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 45:

- сархатҳои шашум, ҳафтум, ҳаштум ва нуҳуми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- аз интиқолдиҳандагон талаб намудани риояи талабот ва шартҳои шартномаи ташкили ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ;

- тибқи тартиби муқарраргардида яктарафа бекор намудани шартномаи ташкили ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ бо интиқолдиҳанда ҳангоми ба таври ҷиддӣ вайрон кардани талаботи шартнома;

- назорати аз ҷониби интиқолдиҳандагон ба мусофирон додани чипта ва расиди бағоҷ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ (қоидаҳои ҳамлу нақл ва хизматрасонӣ оид ба ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ);

- таъмини сифат ва бехатарии ҳамлу нақли мусофирон.»;

- қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Барои ҳар як хатсайри ҳамлу нақли мунтазам бо нақлиёти ҷамъиятӣ шиносномаи хатсайр таҳия гардида, якҷоя бо ҷадвали ҳаракати нақлиёти ҷамъиятӣ дар терминалҳо ва истгоҳҳои ҳар як хатсайр насб карда мешаванд.».

4. Дар сархатҳои панҷум ва шашуми қисми 1 моддаи 49 калимаҳои «панҷсоларо» ва «панҷ» мувофиқан ба калимаҳои «ҳафтсоларо» ва «ҳафт» иваз карда шаванд.

5. Дар матни моддаи 46, моддаи 47, ном ва матни моддаи 70 калимаҳои «диспетчерӣ» ва «диспетчерии» мувофиқан ба калимаҳои «танзимгарӣ» ва «танзимгарии» иваз карда шаванд.

6. Ба қисми 1 моддаи 70 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Иттилоот дар бораи фармоишҳои қабулшуда махфӣ (конфиденсиалӣ) мебошад.».

7. Дар моддаи 82:

- ба сархати якум пас аз калимаҳои «зарар ба» калимаҳои «роҳҳои автомобилгард ва» илова карда шаванд;

- сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- боркунӣ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби борфиристонанда бо риояи меъёрҳои ҳаҷм ва вазн, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ба роҳ монда мешавад;».

8. Ба моддаи 83 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- назорати ҷойгирнамоӣ ва маҳкам кардани бор бо мақсади риояи меъёрҳои муқарраргардидаи борбардории воситаи нақлиёт, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва ҳамлу нақл, эмин нигоҳ доштани бор, роҳҳои автомобилгард ва молу мулки шахсони сеюм;».

9. Ба номи моддаи 126 пас аз калимаи «мусофирон» аломат ва калимаи «, бағоҷ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2002**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №424**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1087**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 435; с.2014, №7, қ. 2, мод. 409, мод. 410; с. 2018, №7-8, мод. 531; с. 2019, №7, мод. 474; с. 2020, №7-9, мод. 627) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар матни Қонун калимаҳои «ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадориҳое», «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадориҳоеро», «ӯҳда», «ӯҳдадорӣ», «ӯҳдадориҳояш», «ӯҳдаи», «ӯҳдадории», «Ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадор», «ӯҳдадоранд», «мӯҳлати», «мӯҳлатҳои», «дарозмӯҳлат», «мӯҳлатнок», «кӯтоҳмӯҳлат», «мӯҳлатҳое», «мӯҳлат», «мӯҳлатро», «мӯҳлатаашро»,«мӯҳлатаашон», «фавқулодда», «фавқулоддаю», «фавқулоддаи» ва «фавқулоддае» мувофиқан ба калимаҳои «уҳдадориҳои», «уҳдадориҳое», «уҳдадориҳо», «уҳдадориҳоеро», «уҳда», «уҳдадорӣ», «уҳдадориҳояш», «уҳдаи», «уҳдадории», «Уҳдадориҳои», «уҳдадор», «уҳдадоранд», «муҳлати», «муҳлатҳои», «дарозмуҳлат», «муҳлатнок», «кутоҳмуҳлат», «муҳлатҳое», «муҳлат», «муҳлатро», «муҳлаташро», «муҳлаташон», «фавқулода», «фавқулодаю», «фавқулодаи» ва «фавқулодае» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 2:

дар сархати бисту ҳафтум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

сархатҳои бисту ҳаштум ва бисту нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) - яке аз бахшҳои асосии сиёсати макроиқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, баҳри ноил шудан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон тавассути истифодаи воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) татбиқ карда мешавад;

коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон - яке аз воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ), ки бо мақсади танзими ҳаҷми пул дар иқтисодиёт ва идоракунии сатҳи пардохтпазирии кутоҳмуддати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо пули миллӣ тавассути сабт дар суратҳисобҳои алоҳидаи амонатнигоҳдорандаи Бонки миллии Тоҷикистон бароварда мешаванд.».

3. Дар моддаи 4:

- дар сархати якум калимаҳои «ва муовинони» ба аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони» иваз карда шаванд;

- дар сархати сеюм калимаҳои «ҳисоботи солонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва хулосаи аудиториро» ба калимаҳои «ҳисоботи солона ва хулосаи аудиторӣ ба ҳисоботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистонро» иваз карда шаванд;

- дар сархати чорум калимаи «дурнамои» ба калимаҳои «маълумот оид ба самтҳои асосии» иваз карда шавад.

4. Муқаддимаи қисми 2 моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Мақсадҳои иловагии Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо дарназардошти бартарияти мақсади асосии он амалӣ карда мешаванд, инҳоянд:».

5. Дар моддаи 6:

ба қисми 1 сархати дувоздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- фароҳам овардани шароити зарурӣ бо мақсади аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои ғайриқарзии молиявӣ амалӣ гардидани озмоиши пешниҳоди хизматрасониҳо бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ дар доираи таъсис ва татбиқи (гузаронидани) реҷаи махсуси танзим;»;

- ба қисми 2 пас аз калимаҳои «Бонки миллии Тоҷикистон» калимаҳои «барои амалӣ намудани мақсадҳои худ» илова карда шаванд.

6. Дар қисми 3 моддаи 10 аломат ва калимаҳои «, суратҳисоби арзиши азнавбаҳодиҳии истифоданагардида» ба калимаҳои «ҳисоби тавозунии захираи азнавбаҳодиҳии металлҳои қиматбаҳо ва асъори хориҷӣ» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 11:

номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 11. Буҷети Бонки миллии Тоҷикистон»**;

- дар қисми 1 калимаҳои «сметаи даромад ва хароҷоте» ба калимаи «буҷете» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «Сметаи даромад ва хароҷот» ба калимаҳои «Буҷети Бонки миллии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

8. Матни моддаи 13 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандаи андоз аз даромад намебошад.».

9. Номи боби 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«БОБИ 3. СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ (МОНЕТАРӢ)»**

10. Дар моддаи 14:

- дар номи модда калимаи «пулӣ» ба калимаҳои «пулию қарзӣ (монетарӣ)» иваз карда шавад;

- дар қисмҳои 1, 2, 3 ва 5 калимаҳои «пулии» ва «пулӣ» мувофиқан ба калимаҳои «пулию қарзии (монетарии)» ва «пулию қарзӣ (монетарӣ)» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаи «дурнамои» ба калимаҳои «самтҳои асосии» иваз карда шавад.

11. Матни моддаи 15 қисми 1 ҳисобида ва рақамгузорӣ шуда, қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Бонки миллии Тоҷикистон воситаҳои сиёсати пулию қарзии (монетарии) дигарро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, истифода менамояд.».

12. Ба номи моддаи 16 пас аз калимаи «фоизӣ» калимаҳои «аз рӯи амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон» илова карда шаванд.

13. Ба қисми 2 моддаи 17 пас аз калимаи «Раёсат» калимаҳои «бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар намуди фоизи муайян» илова карда шаванд.

14. Қисми 2 моддаи 19 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Маҳдудкунии миқдории бевоситаи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудани меъёри бозтамвил, маблағи умумии қарз ба иқтисодиёт, манъ ва ё маҳдуд намудани иштироки ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар амалиётҳои сиёсати пулию қарзии (монетарии) Бонки миллии Тоҷикистон, манъ ва ё маҳдуд намудани иҷрои баъзе амалиёти бонкӣ ва амалиёти дигарро аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифода мекунад.».

15. Дар матни моддаи 20 калимаи «дурнамои» ба калимаҳои «самтҳои асосии» иваз карда шавад.

16. Моддаи $22^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $22^1$.Танзими асъор ва амалиёти асъорӣ**

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои қурбии таваррумӣ ва бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ танзими асъор ва амалиёти асъориро ҳамчун воситаи сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) истифода менамояд.».

17. Дар қисми 3 моддаи 23 калимаҳои «яке аз муовинонаш» ва «ҷаласаҳои» мувофиқан ба калимаҳои «муовини якум ё муовини дигар» ва «маҷлисҳои» иваз карда шаванд.

18. Дар моддаи 24:

- ба ҷумлаи якуми қисми 1 пас аз калимаҳои «миллии Тоҷикистон» калимаҳои «таҳти меъёри фоизи бозтамвил, ки дар рӯзи бастани созишнома амал мекунад,» илова карда шаванд;

- ба қисми 2 пас аз калимаи «онҳо» аломату калимаҳои «, инчунин дар бозори дуюмдараҷа, агар он бо мақсади сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) алоқаманд набошад,» илова карда шаванд.

19. Моддаи 41 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 41. Фоида ва зиёни асъорӣ**

1. Фоида ё зиёни асъории татбиқнашуда, ки ба тағйирёбии баҳои дороиҳо ва уҳдадориҳо дар шакли металлҳои қиматбаҳо алоқаманд буда, вобаста ба тағйирёбии нарх ва қурби мубодилавии асъори ин дороиҳо ва уҳдадориҳо нисбат ба пули миллӣ ба вуҷуд омадааст, дар ҳисоби тавозунии махсус (захираи азнавбаҳодиҳии металлҳои қиматбаҳо)-и қисми сармояи ҳисобот оид ба ҳолати молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад ва ба даромад ва хароҷоти давраи ҳисоботӣ дохил карда намешавад.

2. Фоида ё зиёни асъории татбиқшуда, ки ба тағйирёбии баҳои дороиҳо ва уҳдадориҳо дар шакли металлҳои қиматбаҳо алоқаманд буда, вобаста ба тағйирёбии нарх ва қурби мубодилавии асъори ин дороиҳо ва уҳдадориҳо нисбат ба пули миллӣ ба вуҷуд омадааст, ба даромад ё хароҷоти давраи ҳисоботӣ дохил карда мешавад.

3. Фоида ё зиёни асъории татбиқшуда ва татбиқнашуда, ки ба тағйирёбии баҳои дороиҳо ва уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ ва ҳуқуқҳои махсуси қарзгирӣ алоқаманд буда, вобаста ба тағйирёбии қурби мубодилавии ин дороиҳо ва уҳдадориҳо нисбат ба пули миллӣ ба вуҷуд омадааст, дар охири соли молиявӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ба даромад ё хароҷоти давраи ҳисоботӣ дохил карда мешавад.

4. Фоида ва зиёни асъории дар қисмҳои 1-3 моддаи мазкур пешбинигардида ба буҷети Бонки миллии Тоҷикистон дохил карда намешаванд.».

20. Дар моддаи 42:

- ба қисми 5 пас аз калимаи «дохилӣ» аломат ва калимаҳои «, талаботи дастрасии шахсони сеюм ба низомҳои иттилоотии ташкилотҳои қарзии молиявӣ» илова карда шаванд;

- қисмҳои 6 ва 7 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«6. Бонки миллии Тоҷикистон бо санади меъёрии ҳуқуқии худ тартиб ва шартҳои таъсис ва татбиқи (гузаронидани) реҷаи махсуси танзимро муқаррар менамояд, ки дар доираи он ба ташкилоти қарзии молиявии манфиатдор ва ба талаботи нисбат ба фаъолияти он муқарраршуда ҷавобгӯ дар сатҳи баробар ваколати дар муҳити маҳдуди таҳти назорат (аз рӯи ҳудуд, аз рӯи вақт, аз рӯи миқдор ва ҳаҷми амалиёт, истифодабарандагон ва ғайра) озмоиш намудани анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ва аҳдҳо бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ пешниҳод карда мешавад.

7. Натиҷаи татбиқи реҷаи махсуси танзим барои пешниҳод ҷиҳати такмили қонунгузорӣ истифода карда мешавад.».

21. Дар қисми 1 моддаи 54, моддаи $55^1$, сархати сеюми моддаи 56 ва қисмҳои 3 ва 8 моддаи $58^1$ калимаҳои «пасандозҳои шахсони воқеӣ», «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», «суғурташудаи шахсони воқеӣ» мувофиқан ба калимаҳои «амонату пасандозҳо», «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» ва «суғурташуда» иваз карда шаванд.

22. Дар моддаи $62^1$:

- қисмҳои 2, 3 ва 4 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«2. Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ барои ташкилотҳои ғайриқарзии молиявӣ талаботи таъминоти барномавию техникӣ, инчунин талаботи дастрасии шахсони сеюмро ба низомҳои иттилоотии ташкилотҳои ғайриқарзии молиявӣ муқаррар менамояд.

3. Бонки миллии Тоҷикистон бо санади меъёрии ҳуқуқии худ тартиб ва шартҳои таъсис ва татбиқи (гузаронидани) реҷаи махсуси танзимро муқаррар менамояд, ки дар доираи он ба ташкилоти ғайриқарзии молиявии манфиатдор ва ба талаботи нисбат ба фаъолияти он муқарраршуда ҷавобгӯ дар сатҳи баробар ваколати дар муҳити маҳдуди таҳти назорат (аз рӯи ҳудуд, аз рӯи вақт, аз рӯи миқдор ва ҳаҷми амалиёт, истифодабарандагон ва ғайра) озмоиш намудани анҷомдиҳии хизматрасониҳо бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ пешниҳод карда мешавад.

4. Натиҷаи татбиқи реҷаи махсуси танзим барои пешниҳод ҷиҳати такмили қонунгузорӣ истифода карда мешавад.»;

- қисми 2 қисми 5 ҳисобида шавад.

23. Дар моддаи 70:

- дар муқаддима калимаи «ҳисобот» ба калимаҳои «ҳисоботи солона» иваз карда шавад;

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, ҳисобот оид ба фоида ва зиён ва дигар даромади маҷмуӣ, ҳисобот оид ба тағйирот дар сармояи худӣ, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ва тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ бо шарҳи муқаррароти назарраси сиёсати ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумоти тавзеҳотӣ иборат мебошад;»;

- сархати дуюм хориҷ карда шавад.

24. Дар моддаи 73 пас аз калимаи «аудиторӣ» калимаҳои «ба ҳисоботи молиявӣ» илова карда шаванд.

25. Дар моддаи 74:

1) қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Раёсат аз раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовини якум ва ду муовини ӯ, панҷ аъзои мустақил иборат мебошад.»;

2) қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Аъзои мустақили Раёсат бо пешниҳоди дар Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқакардашудаи раис аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.»;

3) дар қисми 4:

- калимаҳои «ва муовинони» ба аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони» иваз карда шаванд;

- дар ҷумлаи дуюм пас аз калимаи «Тоҷикистон» калимаҳои «ва муовини якуми ӯ» илова карда шуда, калимаи «мешавад» ба калимаи «мешаванд» иваз карда шавад;

- ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Номзадии ду муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба аъзои Раёсат бо пешниҳоди раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.»;

4) дар қисми 5 калимаи «муовинони» ба калимаҳои «муовини якум ва муовинони» иваз карда шавад;

5) дар қисми 6 калимаҳои «ва муовинони» ба аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони» иваз карда шаванд;

6) дар қисми 7:

- дар сархати дуюм калимаи «муовинони» ба калимаҳои «муовини якум ва муовинони» иваз карда шавад;

- дар сархати сеюм калимаи «чор» ба калимаи «шаш» иваз карда шавад;

7) дар қисми 8 калимаи «муовинони» ба калимаҳои «муовини якум ва муовинони» иваз карда шавад;

8) қисми 9 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«9. Аъзои мустақили Раёсат аз ҳисоби омӯзгорони собиқаи заруридоштаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи иқтисодӣ, муассисаҳои илмии иқтисодӣ ва ё аз ҳисоби собиқадороне, ки аз соҳаҳои иқтисод, молия, баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва бонкдорӣ ба нафақа баромадаанд ва дар мақомоти давлатӣ вазифаи хизматиро ишғол наменамоянд, инчунин шахсони мансабдори ҳизбҳои сиёсӣ намебошанд, таъин карда мешаванд. Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон барои аъзои мустақил подошпулӣ муқаррар менамояд.»;

9) дар қисми 10 калимаи «муовинони» ба калимаҳои «муовини якум ва муовинони» иваз карда шавад;

10) қисмҳои 4, 5, 6, 7, 8, 9 ва 10 мувофиқан қисмҳои 5, 6, 7, 8, 9, 10 ва 11 ҳисобида шаванд;

11) қисми 12 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«12. Маоши вазифавии раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, подошпулии аъзои мустақили Раёсат дар давоми муҳлати таъини онҳо кам карда намешавад ва ҳарсола дар буҷети Бонки миллии Тоҷикистон ба нақша гирифта мешавад.».

26. Дар моддаи 75:

1) дар қисми 1:

- дар муқаддима калимаи «муовинони» ба калимаҳои «муовини якум ва муовинони» иваз карда шуда, пас аз калимаи «Раёсат» калимаҳои «аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд;

- сархати шашум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- суиистифода аз вазифа, яъне ба амал баровардани ҳуқуқ, ваколатҳо ва мавқеи бо вазифаи ишғолнамуда алоқаманд бархилофи манфиатҳо, мақсад ва вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва субъектҳои дигар ё дар робита ба манфиати субъектҳои алоҳида, ба зарари Бонки миллии Тоҷикистон ё субъекти дигар, ҷиҳати маҳдудкунии рақобат ва ё фароҳам овардани мавқеи ҳукмфармо ё додани афзалият ҳангоми қабули қарорҳо, инчунин бо шаклҳои дигари ба талаботи қонунгузорӣ, принсипҳои асоснокӣ ва поквиҷдонӣ мухолиф, агар ин ҳолатҳо бо далелҳои кофӣ тасдиқ карда шаванд;»;

- дар сархати ҳафтум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархатҳои ҳаштум, нуҳум ва даҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- бархӯрди манфиатҳо, ки тибқи қонунгузорӣ барои идома додани кор иҷозат намедиҳад;

- аз даст додани боварӣ ба узви Раёсат дар натиҷаи аз ҷониби ӯ содир шудани амалҳои ба мақсад ва вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон мухолиф;

- бо сабаби ба кори дигар гузарондан.»;

2) қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Раёсат дар бораи ҳамаи асосҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда, ки ба он маълум шудааст, бетаъхир ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад.»;

3) қисмҳои 2 ва 3 мувофиқан қисмҳои 3 ва 4 ҳисобида шаванд.

27. Дар қисми 1 моддаи 77:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- сиёсати пулию қарзии (монетарии) давлатро таҳия ва қоидаҳои татбиқи воситаҳои сиёсати пулию қарзиро (монетариро) муқаррар менамояд;»;

- дар сархати дуюм калимаи «дурнамои» ба калимаҳои «самтҳои асосии» иваз карда шавад;

- дар сархати понздаҳум калимаҳои «сметаи даромад ва хароҷоти» ба калимаи «буҷети» иваз карда шаванд.

28. Дар моддаи 78:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «муовини» калимаи «ивазкунандаи» илова карда шавад;

- дар қисми 4 калимаҳои «аз нисф зиёди» ба калимаҳои «аз се ду ҳиссаи» иваз карда шаванд;

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Ҳар як узви Раёсат, ки дар маҷлис ҳузур дорад ва дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ мебошад, ҳуқуқи як овозро дорад, ба истиснои:

- тақсими баробари овозҳо, ки дар ин ҳолат раиси маҷлис дорои овози ҳалкунанда мебошад;

- агар аъзои мустақили дар маҷлис ҳузурдошта нисбат ба аъзои аз ҳисоби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷлис ҳузурдошта бештар набошанд, ки дар ин ҳолат ҳар як узви мустақил ду овоз дорад.».

29. Дар қисмҳои 1 ва 3 моддаи 79 калимаҳои «ва муовинони» ба аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони» иваз карда шаванд.

30. Дар моддаи 80:

- дар қисмҳои 1 ва 2 калимаи «хизматчиёни» ба калимаи «кормандони» иваз карда шавад;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Роҳбарият ва хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ надоранд ба кори дигари музднок машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ.»;

- дар муқаддимаи қисми 3 калимаҳои «Роҳбарият ва хизматчиёни» ба калимаҳои «Аъзои Раёсат ва кормандони» иваз карда шуда, сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар мақомоти давлатӣ вазифаи хизматиро ишғол намоянд, инчунин шахсони мансабдори ҳизбҳои сиёсӣ бошанд;»;

қисмҳои 3, 4, 5 ва 6 мувофиқан қисмҳои 4, 5, 6 ва 7 ҳисобида шаванд;

қисми 8 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«8. Аъзои мустақили Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми як моҳи баъди ба вазифа тасдиқ шуданашон ва аввали ҳар сол ба Раёсат дар бораи манфиатҳои бевосита ё бавоситаи тиҷоратӣ (қарзҳои бонкӣ, пасандозҳо, саҳмияҳо ва коғазҳои қиматноки дигари ташкилотҳои қарзии молиявӣ), ки молики онҳо худашон ё фарзандони онҳо ва шахсони дигаре мебошанд, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ доранд, дар шакли хаттӣ маълумот пешниҳод менамоянд. Раёсат ин маълумотро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.».

31. Дар қисми 1 моддаи 82 калимаи «солонаи» ба калимаи «молиявии» иваз карда шавад.

32. Қисми 2 моддаи 84 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Кумитаи аудит аз се нафар аъзои Раёсат, ки аз ҳисоби аъзои мустақили Раёсат интихоб мегарданд, иборат мебошад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2003**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №425**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 октябри соли 2023, №1064**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №12, қ. 2, мод. 703, мод. 704; с. 2006, №3, мод. 159; с. 2007, №7, мод. 681; с. 2008, №6, мод. 459, №10, мод. 818; с. 2011, №3, мод. 160, №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод. 250, №7, мод. 695, мод. 724, №8, мод. 818, №12, қ. 1, мод. 1000; с. 2013, №12, мод. 879; с. 2015, №3, мод. 211; с. 2016, №3, мод. 151, №7, мод. 625, №11, мод. 882; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 278, мод. 279; с. 2018, №2, мод. 68, №7-8, мод. 528; с. 2019, №4-5, мод. 228, №6, мод. 323; с. 2020, №1, мод. 24, №12, мод. 920; с. 2021, №1-2, мод. 18; с. 2022, №1-3, мод. 19, №7, мод. 448, №12, қ. 2, мод. 772), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар банди 40) қисми 1 моддаи 10 пас аз калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

2. Дар банди 1) қисми 2 моддаи 86 калимаҳои «хазинаи мақоми гумрук ё ба ҳисобномаи ҳама гуна» ба калимаҳои «суратҳисоби депозитии» иваз карда шаванд.

3. Қисми 1 моддаи 309 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ ҳангоми эъломиякунонии мол дар шакли хаттӣ тариқи ғайринақдӣ пардохта мешаванд. Ба шахсе, ки боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардохт намудааст, нусхаи супоришномаи пардохт, ки шакли онро мақомоти гумрук дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, тариқи электронӣ ирсол карда мешавад.».

4. Дар моддаи 375:

- аз қисми 2 калимаҳои «хазина ё» хориҷ карда шаванд;

- аз қисми 5 калимаҳои «ба хазинаи мақоми гумрук супоридан ё» хориҷ карда шаванд».

5. Дар моддаи 376:

- аз қисми 1 калимаҳои «ба хазинаи мақоми гумрук супорида ё» хориҷ карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаи «супорида» ба калимаҳои «бо тариқи ғайринақдӣ пардохт карда» иваз карда шавад.

6. Дар моддаи 377:

- банди 1) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1) аз лаҳзаи пардохт тариқи ғайринақдӣ;»;

- банди 2) хориҷ карда шавад;

- бандҳои 3)-6) мутаносибан бандҳои 2)-5) ҳисобида шаванд.

Аз банди 3) қисми 1 моддаи 385 калимаҳои «ба хазинаи мақоми гумрук ё» хориҷ карда шаванд.

7. Дар моддаи 390:

- аз қисми 1 калимаҳои «хазина ё» хориҷ карда шаванд;

- аз қисми 5 калимаҳои «ба хазинаи мақомоти гумрук ё» хориҷ карда шаванд.

8. Дар моддаи 398:

- дар қисми 2 калимаҳои «ҳисобнома ё хазинаи» ба калимаи «ҳисобномаи» иваз карда шаванд;

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Гарави пулӣ тариқи ғайринақдӣ баргардонида мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2001**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №423**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1133**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 331; с. 2010, №7, мод. 555; с. 2011, №12, мод. 846; с. 2013, №11, мод. 786; с. 2014, №11, мод. 663; с. 2018, №7-8, мод. 532; с. 2019, №6, мод. 328; с. 2020, №7-9, мод. 628) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 3:

- қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ва аҳдҳои пешбининамудаи кисмҳои 1 ва 4 моддаи мазкур бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ метавонад дар доираи таъсис ва татбиқи (гузаронидани) реҷаи мавсусӣ танзим, ки тартиб ва шартҳои таъсис ва татбиқи (гузаронидани) он бо санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, озмоиш карда шавад.»;

- қисми 5 қисми 6 ҳисобида шавад.

2. Дар қисми 7 моддаи 17 калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 48:

- сархати якуми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ ва воситаҳои пардохтӣ, соҳибон ва дорандагони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо ва воситаҳои пардохтӣ иҷрошавандаи муштариён;»;

- ба қисми 3 сархатҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- ба дорандагони воситаҳои пардохтӣ ё намояндагони онҳо;

- ба шахсони аз тарафи ташкилоти қарзӣ барои амалисозии супориши муштарӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ҷалбгардида - дар доирае, ки барои амалисозии амалиёти бонкии супоришшуда зарур мебошад;»;

- сархати нуҳуми қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ба мақомоти андоз вобаста ба суратҳисобҳои андозсупорандаи санҷишшаванда ва андозсупорандагоне, ки нисбат ба онҳо қарор дар бораи ба таври ғайрисудӣ рӯёнидани қарзҳои эътирофшудаи андоз қабул гардидааст ва (ё) андозсупорандагони бемасъулият эътироф шудаанд - дар асоси дархости хаттии роҳбари мақоми андоз якҷо бо заминаи нусхаи фармоиш ё қарори дахлдори мақоми андоз.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2004**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №426**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 октябри соли 2023, №1066**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БОҶИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 51; с. 2005, №12, мод. 630; с. 2006, №12, мод. 541; с. 2008, №6, мод. 460, №12, қ. 2, мод. 1000; с. 2009, №3, мод. 88; с. 2010, №1, мод. 8, мод. 10, №12, қ. 1, мод. 823; с. 2012, №12, қ. 1, мод. 999; с. 2013, №3, мод. 190; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 408; с. 2015, №11, мод. 968, мод. 969, мод. 970; с. 2016, №5, мод. 368; с. 2019, №4-5, мод. 231; с. 2020, №1, мод. 26, №7-9, мод. 615; с. 2023, №1-3, мод. 15, мод. 16.) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Боҷи давлатӣ тариқи ғайринақдӣ аз ҳисоби боҷсупоранда бо пули миллӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохторҳои дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.»;

- ба қисми 4 пас аз калимаи «пурра» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шавад;

- дар қисми 7 калимаи «дода» ба калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ пардохт карда» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2006**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №428**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1123**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» аз 2 апрели соли 2020 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №4-5, мод. 236) тағйиру иловаи зерин ворид карда шавад:

- матни модда қисми якум ҳисобида шуда, рақамгузорӣ карда шавад;

- қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Маблағи хизматрасониҳои давлатии музднок тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2007**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №429**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1125**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МОЛИЯИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 436; с. 2013, №3, мод. 189, №11, мод. 784; с. 2016, №5, мод. 367; с. 2018, №5, мод. 286) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар матни Қонун калимаҳои «маҷмӯи», «Маҷмӯи», «мӯҳлати», «мӯҳлат», «мӯҳлатҳои», «ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадорӣ», «ӯҳдадориҳоӣ», «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадор» ва «Ӯҳдадориҳое» мувофиқан ба калимаҳои «маҷмуи», «Маҷмуи», «муҳлати», «муҳлат», «муҳлатҳои», «уҳдадориҳои», «уҳдадорӣ», «уҳдадориӣ», «уҳдадориҳо», «уҳдадор» ва «Уҳдадориҳое» иваз карда шаванд.

2. Дар сархати сенздаҳуми моддаи 2 калимаҳои «ин ё он мақсад» ба калимаҳои «мақсадҳои муайян» иваз карда шаванд.

3. Дар сархати шашуми моддаи 8 калимаи «натиҷанокии» ба калимаи «натиҷабахшии» иваз карда шавад.

4. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 10 калимаи «феҳристу» ба калимаҳои «номгӯй ва» иваз карда шавад.

5. Дар қисми 3 моддаи 11 калимаҳои «мақоми ваколатдори» ва «мегардонад» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори» ва «мегардонанд» иваз карда шаванд.

6. Ба сархати панҷуми моддаи 25 пас аз калимаи «иҷроияи» калимаи «марказии» илова карда шавад.

7. Дар сархати чоруми қисми 1 моддаи 26 калимаҳои «додан ё гирифтани» ба калимаи «додугирифти» иваз карда шаванд.

8. Дар сархатҳои шашум ва ёздаҳуми моддаи 27 калимаҳои «додан ё гирифтани» ва «оид ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ» мувофиқан ба калимаҳои «додугирифти» ва «дар соҳаи» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 30:

- ба сархати дувоздаҳум пас аз калимаи «ҳисоботи» калимаи «молиявии» илова карда шавад;

- дар сархати шонздаҳум калимаҳои «ҳуқуқ дорад» хориҷ ва калимаи «намояд» ба калимаи «менамояд» иваз карда шавад;

- дар сархати ҳаждаҳум калимаҳои «Бонки давлатии» ва «дар соҳаи қонунгузории буҷетию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқан ба калимаҳои «Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки» ва «дар соҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия ва буҷет» иваз карда шаванд;

- дар сархати бисту дуюм калимаи «шӯъбаи» ба калимаи «шуъбаи» иваз карда шавад.

10. Дар сархатҳои якуми қисмҳои 2 ва 3 моддаи 32 калимаҳои «самарабахш» ва «миёнамӯҳлати» мувофиқан ба калимаҳои «самаранок» ва «миёнамуҳлати» иваз карда шаванд.

11. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 33 калимаҳои «натиҷанокӣ, самарабахшӣ» ба калимаҳои «натиҷабахшӣ, самаранокӣ» иваз карда шаванд.

12. Дар сархати чоруми қисми 2 моддаи 34 калимаи «қонунгузорӣ» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

13. Дар матни моддаи 35 калимаҳои «миёнамӯҳлат» ва «дарозмӯҳлат миёнамӯҳлат» мувофиқан ба калимаҳои «миёнамуҳлат» ва «дарозмуҳлату миёнамуҳлат» иваз карда шаванд.

14. Дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 36 калимаҳои «шурӯъ» ва «барномавии стратегӣ» мувофиқан ба калимаҳои «шуруъ» ва «банақшагирии стратегӣ» иваз карда шаванд.

15. Дар сархати якуми қисми 4 моддаи 38 калимаи «миёнамӯҳлати» ба калимаи «миёнамуҳлати» иваз карда шавад.

16. Дар сархати якуми қисми 1 моддаи 39 калимаи «инкишофи» ба калимаи «рушди» иваз карда шавад.

17. Дар қисми 1 моддаи 41 калимаи «минтақаҳо» ба калимаҳои «вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо» ва дар сархати якуми қисми 1 моддаи 42 калимаи «миёнамӯҳлат» ба калимаи «миёнамуҳлат» иваз карда шаванд.

18. Ба сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 44 пас аз калимаҳои «пешбинӣ мегардад» аломат ва калимаҳои «(ҳангоми зарурат)» илова карда шавад.

19. Дар матни моддаи 47 калимаи «мӯътадилии» ба калимаи «мутадилии» иваз карда шавад.

20. Дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 50 калимаҳои «соли равон» ва «қонунгузории» мувофиқан ба калимаҳои «соли тақвимӣ» ва «қонуни» иваз карда шаванд.

21. Дар сархати дуюми қисми 5 моддаи 51 калимаи «дарозмӯҳлат» ба калимаи «дарозмуҳлат» иваз карда шавад.

22. Дар қисми 1 моддаи 53 калимаҳои «соли равон» ба калимаҳои «соли тақвимӣ» иваз карда шаванд.

23. Дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 54 калимаҳои «шӯъбаҳои» ва «самарабахши» мувофиқан ба калимаҳои «шуъбаҳои» ва «самараноки» иваз карда шаванд.

24. Дар сархати якуми қисми 3 моддаи 55 калимаи «самарабахши» ба калимаи «самараноки» иваз карда шавад.

**Моддаи 2. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2009**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №431**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1141**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» аз 21 июли соли 2010 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2010, №7, мод.561) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

Ба моддаи 1 сархатҳои панҷум, шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«**- субъекти Парки технологӣ** – шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ба феҳристи субъектҳои Парки технологӣ дохил карда шудааст ва дар ҳудуди Парки технологӣ фаъолияти инноватсионӣ-технологиро ба амал мебарорад;

- **феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн)** – пайдарпайии блокҳо бо маълумот оид ба амалиёте, ки дар низоми иттилоотии ғайримарказии тақсимшуда бо истифода аз усулҳои криптографии ҳифзи иттилоот дар асоси алгоритмҳои ба низоми мазкур воридшуда сохта шудаанд;

- **тамғаи рақамӣ (токен)** – сабт дар феҳристи блокҳои муомилот ва ё низоми дигари иттилоотии тақсимшуда, ки барои тасдиқи ҳуқуқи соҳиби тамғаи рақамӣ (токен) ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ ва (ё) ҳамчун дороии рақамӣ истифода мешавад;».

Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

Дар моддаи 3:

ба қисми 1 баъд аз калимаи «ғайритиҷоратӣ» калимаҳои «(ба истисноии парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ (IT Park)» (минбаъд - парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ) илова карда шаванд;

қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, бо мақсади рушди технологияҳои иттилоотӣ, мусоидат ба ташаккули низоми иқтисоди рақамӣ ва ҷалби шарикони рушд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Субъекти Парк, ки дар парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияти худро тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳудуди парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба амал мебарорад.».

қисми 4 қисми 5 ҳисобида шавад.

Дар моддаи 4:

ба қисми 1 сархати якум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ;»;

қисмҳои 2, 3, 4, 5 ва 6 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«2. Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ яке аз намудҳои парк мебошад, ки дар ҳудуди он таҳияи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, истеҳсоли маҳсулоти барномавӣ ва намудҳои дигари фаъолият, ки дар самти технологияҳои иттилоотӣ ба истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манънабуда машғуланд, анҷом дода мешавад.

3. Низомномаи парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ бо дар назар доштани хусусияти фаъолияти он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

4. Дар парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ шароитҳо барои ҷорӣ намудани технологияи феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва низоми дигаре, ки ба принсипҳои тақсимшуда, ғайримарказонидашуда ва бехатарии амалиётҳои бо истифодаи онҳо анҷомдодашаванда асос ёфтаанд, ба истиснои фаъолияти истихроҷ (майнинг)-и тамғаи рақамӣ (токен), фароҳам оварда мешаванд.

5. Низомномаи парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ (ғайрирезидент)-ро барои ба даст овардан, соҳиб шудан, ихтиёрдорӣ намудан ва анҷом додани дигар амалиёти дахлдор бо тамғаи рақамӣ (токен) пешбинӣ намояд.

6. Амали қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими асъор ва назорати асъор, бозори коғазҳои қиматнок, талабот оид ба иҷозатномадиҳии фаъолияти касбӣ ва биржавии коғазҳои қиматнок ва фаъолияти дигар, баҳисобгирии муҳосибӣ, талабот оид ба гирифтани иҷозати махсус (иҷозатнома) барои анҷом додани фаъолият оид ба ҳифзи техникӣ ва ё криптографии маълумот ё дигар ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ оид ба ҳифзи маълумот, тасдиқи мутобиқат, гузаштани экспертизаи давлатии таҷҳизоти техникӣ ва криптографии ҳифзи маълумот, истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ, низом ва захираҳои қисмати миллии шабакаи компютерии ҷаҳонии Интернет, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудаанд, бақайдгирии онҳо, инчунин меъёрҳои қонунгузории маданӣ нисбат ба субъектҳои парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ бо дар назар доштани истисноҳои ҳатмӣ ва махсусияти истифодабарии феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва низоми дигари тақсимоти иттилоот бармеоянд ва дар Низомномаи парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пешбинӣ карда шудаанд, амалӣ мегардад.».

қисмҳои 2-5 мувофиқан қисмҳои 7-10 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2010**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №432**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1111**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ БА БУҶЕТ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №7, мод. 345; с. 2009, №5, мод. 327; с. 2010, №1, мод. 3; с. 2011, №12, мод. 848; с. 2013, №3, мод. 191; с. 2015, №11, мод. 971; с. 2016, №7, мод. 629, №11, мод. 884; с. 2019, №4-5, мод. 230, №6, мод. 324, мод. 325; с. 2021, №6, мод. 396) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

Дар моддаи 5:

қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Пардохтҳои ҳатмии дар Қонуни мазкур пешбинишуда тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешаванд.»;

- қисми 2 қисми 3 ҳисобида шавад.

2. Қисми 2 моддаи 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Хироҷ ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.».

3. Дар моддаи 29:

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Хироҷ пардохта мешавад:

- дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон – тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ;

- берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон - тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ ба ҳисоби бонкии махсус (транзит)-и намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулӣ.»;

- аз қисми 8 калимаҳои «бо пули накд» хориҷ карда шаванд.

4. Дар моддаи 54:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «иҷозат» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд;

- қисмҳои 2 ва 3 хориҷ карда шаванд;

- қисми 4 қисми 2 ҳисобида шавад.

5. Қисми 3 моддаи 55 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Пардохт барои истифодаи ҷангал то гирифтани билети ҷангал тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ сурат мегирад.».

6. Қисми 1 моддаи 63 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Пардохти маблағ тариқи ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ анҷом дода мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2005**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №427**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1121**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ВА ҲУҚУҚҲО БА ОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 194; с. 2013, №7, мод. 525; с. 2018, №1, мод. 32; с. 2019, №6, мод. 331; с. 2020, №7-9, мод. 617) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 6 моддаи 29 калимаҳои «пардохти маблағ барои пешниҳод намудани» ба калимаҳои «ба суратҳисоби мақоми бақайдгиранда пардохт намудани маблағ барои пешниҳоди» иваз карда шаванд.

2. Аз сархати якуми қисми 1 моддаи 32 калимаҳои «(ба ариза пардохтномаи хизматрасонии мақоми бақайдгиранда замима мегардад)» хориҷ карда шаванд.

3. Дар қисми 2 моддаи 35 калимаи «пардохти» ба калимаҳои «ба суратҳисоби мақоми бақайдгиранда пардохт намудани» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2008**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №430**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 11 октябри соли 2023, №1127**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166, № 6, мод. 429; с. 2010, № 3, мод. 158; с. 2011, № 6, мод. 452; с. 2012, № 8, мод. 834, № 12, қ. 1, мод. 1008; с. 2013, № 7, мод. 542, № 12, мод. 905; с. 2014, № 7, қ. 2, мод. 425; с. 2015, № 12, қ. 1, мод. 1106; с. 2016, № 3, мод. 156; с. 2017, № 1-2, мод. 28, мод. 29, № 5, қ. 1, мод. 290; с. 2018, № 7-8, мод. 526; с. 2019, № 4-5, мод. 225; с. 2020, № 1, мод. 18) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар тамоми матни Қонуни мазкур калимаҳои «ӯҳдадориҳои», «Ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадор», «мӯҳлати», «мӯҳлатноки», «сӯҳбат», «кӯмакпулӣ», «кӯмакпулии», «кӯмакпулиҳо» мувофиқан ба калимаҳои «уҳдадориҳои», «Уҳдадориҳои», «уҳдадор», «муҳлати», «муҳлатноки», «суҳбат», «кумакпулӣ», «кумакпулии», «кумакпулиҳо» иваз ва пас аз калимаҳои «Мақоми ваколатдори» ва «мақоми ваколатдори» мувофиқан калимаҳои «давлатӣ дар» илова карда шаванд.

2. Моддаи $8^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $8^1$. Санҷиши ҳолати риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ метавонад санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ гузаронад. Қоидаҳои гузарондани санҷиш аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.».

3. Дар сархати нуҳуми моддаи 16 ва матни моддаи 31 калимаҳои «мубориза бар зидди коррупсия» ба калимаҳои «муқовимат ба коррупсия» иваз карда шаванд.

4. Дар сархати дуюми моддаи 30 калимаҳои «шаҳрвандон ва шахсони» ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва» иваз карда шаванд.

5. Дар сархати сеюми қисми 2 моддаи 39 аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 13 ноябри соли 2023, № 2011**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2023, №433**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 октябри соли 2023, № 1115**


# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2022 ба Сафолов Аминҷон Неъматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиноснomaи гумшудаи техникӣ, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Авул 132 ба Зиявиддинов Айнидин додааст, эътибор надорад.

✓ Эълони нашршуда («Садои мардум», №102 (4685) аз 16 августи соли 2023) Шиносномаи техникӣ тахти №58169-и гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Зарафшон, бинои 22, хонаи 31 ба Солиҳов Давлат Қуватович додааст, эътибор надорад.

✓ Эълони нашршуда («Садои мардум», №102 (4685) аз 16 августи соли 2023) Манзилнома (ордери) №003864-и гумшуда, ки онро Ҳукумати шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Зарафшон, бинои 22, хонаи 31 ба Солиҳов Давлат Қуватович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус барои ҳуқуқи амалӣ гардониданӣ фаъолияти соҳибкории инфиродии №0555264 бо РЯМ 0330080181 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21-уми декабри соли 2022 ба Сафолов Неъматулло Абдулоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи хизматии силсилаи ДБ №610607, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29-уми майи соли 2023 ба Камолов Навруз Аличонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи АБ №101078, ки онро Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2000 ба Артуков Маҳмадалӣ Давлятович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ бо рақами нархномаи 03/640, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2017 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Дарёобод ба Дустмуродов Дустмурод додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии манзили истиқоматӣ бо рақами нархномаи 02/2846, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 3-юми сентябри соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Гиждалобод ба Садридинов Атомудин додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Фонди рушди футболи Тоҷикистон», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо силсилаи ВАТҶ №0000515 тахти рақами қайди ИҶ №1563 мебошад ва онро 1-уми октябри соли 2013 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо РМА 010093525, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 27-уми октябри соли 2013 ба қайд гирифтааст), додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.



Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 17 ноябри соли 2023, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев, Б. Каримзода, Ӯ. Назар ва Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97